**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ,**
**БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

*СУД 339.371.2* *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ЛУТФУЛОЕВ МАЗБУТҶОН ДАДОҶОНОВИЧ**

# ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ САВДОИ ЧАКАНА ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ (ДАР МИСОЛИ ШАҲРИ ХУҶАНД)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**
**аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ**
**(08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

**Роҳбари илмӣ:**
**д.и.и., дотсент Шаропов Ф.Р.**

**Душанбе-2022**

# МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| **Муқаддима** | ................................................................................ | 3 |
| **Боби 1.** | **Асосҳои илмию назариявии ташаккул ва рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ..............** | 12 |
| 1.1. | Заминаҳои иқтисодию ташкилии ташаккули иқтисоди рақамӣ........................................................................ | 12 |
| 1.2. | Хусусиятҳои хоси рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ................................................................ | 21 |
| 1.3. | Таҷрибаи хориҷии рақамикунонии равандҳои савдои чакана ....................................................................... | 42 |
| **Боби 2.** | **Тамоюли рушди савдои чакана ва сатҳи рақамикунонии он дар шаҳри Хуҷанд...........................** | 56 |
| 2.1. | Таҳлили вазъи рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд…... | 56 |
| 2.2. | Тамоюли рушди рақамикунонии равандҳои корӣ дар корхонаҳои савдои чакана ……………………………... | 68 |
| 3.3. | Арзёбии таъсири омилҳо ба раванди рақамикунонии савдои чакана ................................................................... | 79 |
| **Боби 3.** | **Самтҳои асосии рушди раванди рақамикунонии савдои чакана……………………………………………** | 89 |
| 3.1. | Дурнамои рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд дар шароити иқтисоди рақамӣ ………………………………… | 89 |
| 3.2. | Таҳияи стратегияи рақамикунонии корхонаҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд …………………………………… | 99 |
| 3.3. | Ташаккули экосистемаи рақамӣ ҳамчун омили баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои савдо .................. | 115 |
| **Хулоса** | ………………………………………………………………… | 124 |
| **Рӯихати адабиёт** | …………………………………………………... | 129 |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Ҷаҳони муосир бо суръати хеле баланд бемайлон тағйир ёфта истодааст. Технологияҳои инноватсионӣ ба аксари соҳаҳои фаъолияти инсон ворид шуда истодаанд. Дар шароити имрӯза раванди рақамикунонӣ ҳукмфармо аст, гузариш аз шаклҳои анъанавии робитаҳо ба пешниҳоди рақамии иттилоот, ҳамкории субъекти фаъолияти иқтисодӣ ва дар ин замина рушди технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсиониро дар назар дорад.

Дар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 тасдиқ шудааст, омадааст, ки “рақамикунонии иқтисодиёт барои таъсиси модели нави рушди иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, такон додан ба табодули намудҳои мавҷуда ва рушди намудҳои нави истеҳсолот, таҳкими тамоюли содиротӣ ва ҳамзамон қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ бо роҳи воридотивазкунӣ имконият фароҳам меорад”[1].

Зери мафҳуми рақамикунонӣ автоматикунонии пурраи равандҳо ва зинаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ фаҳмида мешавад. Дар шароити рушди баландсуръати илм ба аксари корхонаҳо кормандоне заруранд, ки бо технологияҳои навтарин дар ҳамаи сатҳҳои истеҳсолот кор карда тавонанд ва зарурат ба он кормандоне, ки чунин малакаи кориро надоранд аз байн меравад. Ҳамчунин қайд намудан зарур аст, ки ҳангоми рақамикунонӣ эҳтиёҷ ба гурӯҳи вазифаҳо ва ихтисосҳо аз байн меравад. Ин аз паси худ метавонад ба ихтисори бештари кормандон дар соҳаҳои гуногун оварда расонад.

Табиист, ки раванди рақамикунонӣ соҳаи савдоро низ фаро гирифтааст. Савдои муосирро бе технологияҳои рақамӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Соҳаи савдои чакана яке аз соҳаҳоест, ки ба навгониҳои гуногун мутобиқшаванда аст. Сол то сол рақамикунонӣ суръати навро соҳиб шуда

[1] Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642.

истодааст. Дар шароити муосир субъектҳои савдои чаканаро зарур аст, ки вазифаҳои дигарро низ барои истифодабарии имкониятҳо ва дурнамоҳои нави дар пеши онҳо истода, ҳал кунанд. Ҳангоми саривақт ва дуруст қабул намудани ҳолат дар бозори муосири савдои чакана, дар баъзе аз субъектҳо бартарият дар назди рақибонашон пайдо мешавад.

Дар навбати худ, истеъмолкунандагон низ ҳарчи бештар технологияҳои рақамиро истифода бурда истодаанд. Барои бо афзалиятҳои онҳо мутобиқат шудан ва дар бозор рақобатпазир будан аз субъектҳои савдо воридкунӣ ва истифодабарии технологияҳои муосир талаб карда мешавад. Дар масъалаи татбиқкунии технологияҳои рақамӣ бошад, бозор бо навгониҳои худ фарқ менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Ҷанбаҳои илмии диссертатсия дар асоси омӯзиш ва баррасии муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва амалии олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои рушди савдои чакана дар шароити рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ ташаккул ёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар таҳқиқи масъалаҳои муҳими назария ва амали иқтисоди бозорӣ, соҳаи хизматрасонӣ ва савдои чакана олимони иқтисодшиноси маъруфи мамолики хориҷӣ саҳми назаррас гузоштаанд - Л.И. Абалкин, Г.А. Аванесова, М.И. Баканов, Ф. Бастиа, Д. Белл, И.К. Беляевский, А.Р. Бернвалд, Л.А. Брагин, И.А. Бланк, В.Г. Бурмистров, В.П. Воронин, А.И. Гребнев, Е.И. Данилов, Т.П. Данко, П. Дойл, Ж. Жаллэ, А.В. Зирянов, В.И. Иванитский, А.Д. Карх, Ф. Котлер, К. Лавлок, М. Леви, А.И. Левин, В. Леонтев, Р. Макконнел, Т.И. Николаева, А.С. Нешитой, А.С. Новоселов, А.В. Орлов, Л.В. Осипова, В.К. Памбухчиянтс, Ф.Г. Панкратов, М. Портер, Б.А. Райзберг, Л.А. Самсонов, Ж.-Б. Сэй, И.М. Синяева, Б.А. Соловёв, А.И. Соломатин, А.М. Фридман, Шнорр Ж.П. ва ғайра.

Ҷанбаҳои мухталифи ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ ва савдои чакана дар асарҳои олимони иқтисодшиноси Ҷумҳурии Тоҷикистон И. Аминов, С.Ҷ. Комилов, З.Ҳ. Қодирова, А.Б. Мирсаидов, Р.К. Раҷабов, А.

Рауфӣ, М.М. Шарифзода, И.С. Шамсов, Ф.Р. Шаропов, Ҳ.Н. Фақеров, С.Ҳ. Ҳабибов ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Саҳми олимони мактабҳои гуногун ва самтҳои илмӣ, натиҷаҳои илмию методологӣ, методӣ ва амалии онҳоро хеле назаррас арзёбӣ намуда, қайд кардан зарур аст, ки баъзе масоили назариявӣ ва амалии рушди савдои чакана, бахусус дар шароити иқтисоди рақамӣ ба таҳқиқоти алоҳида ниёз доранд.

Омӯзиши нокифояи мазмуни иқтисодию иҷтимоӣ ва нақши савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ, инчунин аҳамияти баланди иҷтимоии он дар қонеъ гардонидани тақозои аҳолӣ бо молу хизматрасонӣ интихоби мавзӯи диссертатсия, объект ва предмети таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои онро муайян намуданд. Бо дарназардошти муқаррароти зикршуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯъҳои илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои ташаккули иқтисоди рақамӣ, ки дар Стратенияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидаaанд, робита дорад.

Ҳамчунин мавзӯи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз асосноккунии илмии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди савдои чакана дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади зикршудаи диссертатсия гузориш ва ҳалли ботадриҷи вазифаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалиро муайян намудааст:

- омӯзиши заминаҳои ташкилию иқтисодии ташаккули иқтисодиёти рақамӣ;
- таҳқиқи хусусиятҳои хос ва нишондиҳандаҳои асосии рушди савдои чакана дар шароити иқтисодиёти рақамӣ;
- таҳлили тамоили рушд ва рақамикунонии равандҳои корӣ дар субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд;
- арзёбии таъсири омилҳо ба раванди рақамикунонии савдои чакана;
- асоснок намудани самтҳои афзалиятноки рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд дар шароити иқтисоди рақамӣ;
- таҳияи механизми самараноки рақамикунонии фаъолияти субъектҳои савдои чакана.

**Объекти таҳқиқотро** корхонаву ташкилоти савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ ташкил медиҳанд.

Ба сифати **предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодӣ оид ба ташаккул ва рушди савдои чакана бо дар назардошти рақамикунонии равандҳои асосии он баромад мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба тасаввурот оид ба нақши баланд бардоштани самаранокиии фаъолияти корхонаву ташкилоти соҳаи савдои чакана дар мавриди гузариш ба технологияҳои рақамӣ асос меёбад. Маҳз амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои зарурӣ оид ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои савдои чакана метавонад ба баланд гардидани нишондиҳандаҳои хоҷагиву молиявии онҳо мусоидат намояд.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** нуқтаҳои назар, ғояву коркардҳо оид ба назария ва амалияи ташаккули иқтисоди рақамӣ ва савдои чакана, ки дар асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ оварда шудааст, инчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои асосии маълумот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати он дар шаҳри

Хуҷанд, маълумот оид ба вазъи ҷанбаҳои алоҳидаи бозори истеъмолӣ ва савдои чакана, маълумот оид ба раванди рақамикунонӣ дар корхонаҳои савдои чакана, маводи таҳлилие, ки дар нашрияҳои даврӣ чоп шудаанд, маводи воқеии дар монографияҳои самти таҳқиқ нашршуда ва натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии довталаб баромад мекунанд.

Барои ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни илмӣ, ба монанди усули системавӣ-таркибӣ, сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, пурсишнома, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ ва ғ. истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар солҳои 2017-2022 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар гузориш ва асоснокгардонии заминаҳои назариявию методии ташаккул ва рушди савдои чакана дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, ҳамчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба вусъат бахшидани равандҳои зикршуда зоҳир мегардад:

1. Заминаҳои илмию назариявии ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ба андешаи муаллиф, тамоюли ҷаҳони муосир дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ин рушди бесобиқаи технологияҳои иттиллотию коммуникатсионӣ ба ҳисоб мервад, ки он асоси ташаккули шакли нави иқтисод, яъне иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия марҳилаҳои ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ муайян карда шуда, дар натиҷаи омӯзишу таҳлили нуқтаҳои назари олимону коршиносон таърифи муаллифии он пешниҳод карда шудааст.

2. Хусусиятҳои хос ва самтҳои асосии рақамикунонии равандҳои кории субъектҳои савдои чакана дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои хориҷӣ асоснок шудаанд. Қайд гардидааст, ки дар савдои чакана дар фарқият аз дигар соҳаҳои иқтисодиёт, технологияҳои рақамӣ бояд нисбатан фаъолтар татбиқ шаванд, зеро ин раванд ба қонеъ намудани тақозои ҳар як истеъмолкунанда таъсир мерасонад. Ба андешаи муаллиф, зери мафҳуми иқтисоди рақамӣ дар савдои чакана фаъолияти иқтисодие фаҳмида

мешавад, ки дар асоси технологияҳои рақамӣ ва ё қарорҳои рақамӣ, инчунин ташаккули бозорҳои виртуалӣ, савдои электронӣ, хазматрасониҳо ва пардохтҳои электронӣ амалӣ мегардад.

3. Бо истифода аз усулҳои мухталифи таҳлили иқтисодӣ, арзёбии тамоюли рушд ва рақамикунонии равандҳои корӣ дар субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд амалӣ гардидааст. Муайян карда шудааст, ки ҷараёни рақамикунонӣ дар субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд доираи маҳдуди марказҳои нисбатан бузурги савдо ва равандҳои маҳдуди онҳоро фарогир мебошад. Раванди рақамикунонии равандҳои тиҷоратӣ дар корхонаҳои хурд ва бозорҳо ба талаботи шароити муосир рушд ҷавобгӯ намебошад.

4. Дар асоси гузаронидани назарсанҷии роҳбарону мутахассиони субъектҳои савдо чакана ва пурсиши коршиносони соҳа, омилҳое, ки ба раванди рақамикунонии равандҳои кории субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд таъсири мусбат ва манфӣ мерасонанд, ошкор ва гурӯҳбандӣ гардидаанд. Ҳамин тавр, ба сифати омилҳои монеашавандаи рушди рақамикунонии субъектҳои савдои чакана маҳдуд будани буҷети корхонаҳо, мавҷуд набудани устувории молиявӣ ва худкифоя набудани маблағгузорӣ дар ин самт, сатҳи пасти омодагии  корхонаҳои савдо ба гузариши рақамӣ сатҳи пасти маърифати рақамии кормандон, маҳдудиятҳои инфрасохторӣ, мавҷуд набудани стратегияи таҳияшудаи рушди рақамии корхонаҳои савдо ва ғайраҳо баромад мекунанд.

5. Самтҳои афзалиятноки рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд бо дарназардошти рақамикунонии равандҳои он асоснок гардидаанд: такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии ташкили савдои чакана; таъмини сатҳи зарурии рақобат дар бозори истеъмолии шаҳр барои субъектҳои савдои чакана; амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии нархии молу хизматрасонӣ татбиқи шаклҳои муосири корхонаҳои савдои чакана; рушди иқтидори кадрии субъектҳои савдои чакана; дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурд дар савдои чакана; такмили низоми ҷойгирсозии шаклҳои корхонаҳои савдои чакана; таъмини бехатарии молу хизматрасонӣ, риояи

қатъии қоидаҳои беҳдошт, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана ва ғ.

6. Механизми рақамикунонии фаъолияти субъекҳои савдои чакана таҳия карда шуда, тавсияҳои амалӣ оид ба татбиқи онҳо пешниҳод гардидаанд. Ба сифати самтҳои афзалиятноки ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар шаҳри Хуҷанд чунин бахшҳо пешниҳод шудаанд: таъмини заминаи меёрию ҳуқуқии гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ; татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи хизматрасониҳои давлатӣ; рақамикунонии бахши воқеии иқтисодиёт; ташаккули инфрасохтори иттилоотӣ-коммуникатсионӣ; рушди иқтидори инсонии иқтисодиёти рақамӣ; таъмини кибербехатарӣ; ба роҳ мондани идеологии самараноки гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ; гузариши рақамии бахши хизматрасонӣ, аз он ҷумла савдои чакана; ташаккули экосистемаи рақамӣ ва рушди салоҳияти рақамии кормандони савдои чакана.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- пешниҳоди муқаррароти илмию назариявӣ оид ба моҳияту мазмуни иқтисодию иҷтимоии ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ;
- муайян намудани хусусиятҳои хос ва самтҳои асосии рақамикунонии равандҳои кории субъектҳои савдои чакана дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои хориҷӣ;
- ошкор кардани тамоюли рушд ва хусусиятҳои рақамикунонии равандҳои корӣ дар субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд;
- ошкор ва гурӯҳбандӣ намудани омилҳое, ки ба раванди рақамикунонии равандҳои кории субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд таъсир мерасонанд;
- таҳия ва асоснок намудани самтҳои асосии рушди савдои чакана дар шаҳри Хуҷанд дар шароити татбиқи технологияҳои рақамӣ;
- пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизм ва табиқи амалии рақамикунонии фаъолияти субъектҳои савдои чакана.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба инкишофи назарияи иқтисоди рақамӣ ва савдои чакана мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани раванди рақамикунонии равадҳои кории фаъолияти субъектҳои савдои чакана бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омодасозии мутахассисон дар самти иқтисоди рақамӣ, аз он ҷумла рақамикунонии равандҳо дар корхонаҳои савдои чакана, ҳамчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши савдои чакана истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мутобиқ мебошад: 3. Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 8. Баҳодиҳӣ ба тамоюл ва қонуниятҳои рушди гардиши мол; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 19. Ташкили савдои яклухт ва чакана дар шароити муосир; 31. Рушди технологияҳои рақамӣ дар савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 38. Идоракунии ҷараёнҳои технологӣ дар субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, пешниҳод ва амалӣ намудани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои

такмил ва рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд дар шароити рақамикунонӣ имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии илмию методӣ ва тавсияҳое, ки барои асосноккунии стратегияи рушди савдои чакана дар шаҳри Хуҷанд дар шароити рақамикунонӣ таҳия гаштаанд, дар фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ истифода шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Иқтисодиёти корхона» ва «Иқтисодиёти рақамӣ» ва ғайра татбиқ шудаанд. Муқаррароти асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод гардиданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯи маводи диссертатсия 25 кори илмӣ, аз он ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 155 саҳифа оварда шудааст ва 12 ҷадвал ва 20 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 198 номгӯй иборат аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ САВДОИ ЧАКАНА ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

## 1.1. Заминаҳои иқтисодию ташкилии ташаккули иқтисодиёти рақамӣ

Дар шароити муосир инноватсияҳо, дастовардҳои пешрафти илмию техникӣ, технологияҳои рақамӣ ва нанотехнологияҳо ба заминаи асосии рушди устувори иқтисодии кишварҳои пешрафтаи дунё табдил ёфтаанд, чунки онҳо имконият медиҳанд, ки тақозои ҷомеа ва аҳолӣ ба намудҳои гуногуни молу хизматрасонӣ бо сарфаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ қонеъ гардонида шавад.

Қайд намудан зарур аст, ки рақамикунонии иқтисодиёт ва ҷомеа хеле муҳим аст, чунки такя ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва идоракунии самаранок боқӣ мемонад.

Бояд тазаккур дод, ки таҳти таъсири рақобат технологияҳои рақамӣ ба омили муҳимтарини таъминкунандаи рушди устувори корхонаҳои савдо табдил ёфта истодаанд. Татбиқи технологияҳои рақамӣ имконияти истифодаи технологияҳои нисбатан мукаммал ва ташкили раванди савдою технологӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, таъмини муваффақият ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдоро медиҳад.

Соли 2016 Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ баргузор гардид ва ҳамаи иштирокдорони он қайд намуданд, ки ҷаҳони муосир дар марҳилаи инқилоби чоруми саноатӣ қарор дорад, ки он бо дастовардҳои бузурги технологӣ ба рушди иқтисод ва ҷомеа таъсири назаррас хоҳад расонд. Поя ва ё заминаи асосии инқилоби чоруми саноатӣ иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб меравад. Иқтисоди рақамӣ дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ тамоюли асосӣ гардида, ба зеҳнишавии ҳамаи намудҳои фаъолият ва иттилоотонии равандҳои технологӣ асос меёбад. Дар доираи гузариши рақамӣ ташкили шароит барои ташаккули

муҳити институтсионалӣ, ки ба рушди иқтисоди рақамӣ мусоидат менамояд, хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҷанбаҳои назариявии ташаккули иқтисоди рақамӣ дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ[2] Негропонте Н., Тапскотт Д., Лэйн Н., олимони рус[3] Макаров В.С., Дятлов С.А., Кастелс М. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Мубрам будани ин мавзӯъ яке аз сабабҳои асосии пайдоиши равишҳои гуногун оид ба моҳияти иқтисоди рақамӣ мебошад. Дар адабиёти илмӣ муносибатҳои гуногун оид ба муайян кардани моҳияти мафҳуми "иқтисоди рақамӣ" мавҷуданд, ки дар ҳар кадоми онҳо нуқтаҳои назари мухталиф эҳсос мегардад. Дар робита ба ин, мавҷудияти миқдори зиёди таърифи категорияи зикршуда зарурати баррасии равишу нуқтаҳои назари гуногунро бо мақсади бартараф намудани ихтилофоти истилоҳӣ мубрам мегардонад.

Бояд қайд кард, ки иқтисодиёти муосир тағйироти бештарро аз сар мегузаронад ва он зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, татбиқи босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамӣ ба сатҳи нави рушд мегузарад, ки дар натиҷа метавон имрӯз оид ба инқилоби чоруми саноатӣ сухан ронд. Асосгузор ва президенти Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар Женева Клаус Шваб қайд менамояд, ки "мо дар сархати инқилобе истодаем, ки ба тарзи зиндагӣ, фаъолият ва муоширати моро куллан тағйир медиҳад"[4]. Инқилоби чоруми саноатӣ бо асри иқтисоди электронӣ ва ё рақамӣ, яъне самти пешқадами рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ва фаъолияти инсон пайвандии зич дорад.

---

[2] Lane, N. Advancing the digital economy into the 21st century / N. Lane // Information Systems Frontiers. - 1999. - № 3. - P. 317–320; Negroponte, N. Being Digital / N. Negroponte. - NY : Knopf, 1995. - 256 p.; Tapscott, D. The Digital Economy: Promise and Peril in The Age of Networked Intelligence / D. Tapscott. - NY : McGraw-Hill, 1994. - 368 p.

[3] Красильникова, Е. В. Системные признаки интернет-экономики / Е. В. Красильникова // Изв. Саратов. ун-та. Серия: Экономика. Управление. Право. - 2011. - № 1. - С. 32-37; Макаренкова, Е. В. Сетевая экономика : учеб. пособие / Е. В. Макаренкова. - М. : Изд. центр Евразийс. открытого ин-та, 2011; Макаров, В. Л. Справочник экономического инструментария / В. Л. Макаров, Н. Е. Христолюбова, Е. Г. Яковенко. - М. : Экономика, 2003.

[4] Шваб К. Четвертая промышленная революция [Текст] / К. Шваб. - М.: Изд-во Эксмо, 2016. -134 с.

Асосҳои консептуалии иқтисодиёти рақамӣ бори нахуст аз тарафи олими канадагӣ Дон Тапскотт дар кори илмии ӯ бо унвони “Иқтисоди рақамӣ” таҳия гаштаанд. Аз рӯи ақидаи Дон Тапскотт, ба сифати хусусияти асосии иқтисодиёти рақамӣ ташаккули шакли рақамӣ ва ё электронии пешниҳод ва интиқоли иттилоот, ки барои аксари маълумоти мавҷуда хос аст, баромад мекунад[5]. Шакли рақамии иттилоот мубодилаи шабакавии доимиро дар байни субъектҳои иқтисодиёт дар шароити ҳамгироии виртуалӣ ва воқеӣ тақозо дорад.

Тибқи андешаи олимон мафҳуми “иқтисоди рақамӣ” дар адабиёти илмӣ ва гардиши корӣ зиёда аз 25 сол пеш пайдо шудааст[6]. Дар баробари ин душворӣ ва бисёрмаъногии гузариши иқтисодиёт ва ҷомеа дар натиҷаи воридшавии технологияҳои рақамӣ, инчунин асосҳои методологии таҳқиқот, хусусиятҳо ва дурнамои рушди технологияҳои рақамӣ дар соҳа ва намуди фаъолияти мушаххас мавҷуд набудани мафҳуми ягонаи категорияи “иқтисоди рақамӣ” нишон медиҳад.

Мувофиқи ақидаи яке аз асосгузорони назарияи рақамикунонӣ – профессори соҳаи информатикаи Донишгоҳи Массачусет Николас Негропонте, ғояи асосии иқтисодиёти рақамӣ дар “гузариш аз ҳаракати атомҳо ба ҳаракати битҳо” ифода меёбад[7]. Рақамикунонии иттилоот пешниҳоди маълумотро дар шакли дуӣ дар назар дорад. Ин имкон медиҳад, ки зичии сабтҳо якчанд маротиба зиёд карда шуда, суръати баланд ва саҳеҳии интиқоли маълумот таъмин карда шавад ва барои таҳияю татбиқи аксари технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии муосир, ки дар фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳо ва бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ворид шуда истодаанд, асос гузорад.

---

[5]Tapscott D. The Digital Economy: Promise and Peril in the Age of Networked Intelligence [Text] / D. Tapscott. - McGraw- Hill, 1994.

[6]Маймина Э.В. Особенности и тенденции развитии цифровой экономики [Текст] / Э.В. Маймина, Т.А. Пузыня // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. - 2017. - №. 6(67). - С. 37-43.

[7] Negroponte, N. Being Digita / N. Negroponte - NY: Knopf, 1995.

Дар сатҳи қонунгузорӣ дар давлатҳои гуногун ҳангоми муайян кардани мафҳуми “иқтисоди рақамӣ” бештар аз нигоҳи фаҳмиши худ ба моҳияти зуҳуроти тадқиқшаванда арзёбӣ мекунанд.

Аксари олимони ватанӣ ва хориҷӣ ин мафҳумро бо категорияҳои “иқтисоди иттилоотӣ”, “иқтисоди шабакавӣ", “интернет-иқтисод” ва “иқтисоди электронӣ” баробар медонанд. Баъзан, ин категорияҳо бо мақсади нишон додани падидаҳои нав дар иқтисод ҳамчун ҳаммаъно баррасӣ мегардад, ки бо пайдоиш ва ташаккули шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ, паҳншавии васеи компютерҳо, таҳия ва такмили доимии таъминоти барномавӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ ва ғайраҳо алоқаманд мебошанд (ҷадвалҳои 1.1. ва 1.2.).

Ҷадвали 1.1.

Нуқтаҳои назар оид ба муайян кардани моҳияти иқтисоди рақамӣ

| Мафҳумҳои бо ҳам наздик | |
|---|---|
| Мафҳум | Таърифи |
| Иқтисоди иттилоотӣ | Иқтисоде, ки дар он ҳиссаи зиёди ММД бо фаъолияти вобаста ба истеҳсол, коркард, ҳифз ва паҳнкунии иттилоот таъмин карда мешавад. Ин иқтисодест, ки дар рушди ҳамаи соҳаҳои асосии он нақши асосиро воситаҳои техникии электронию иттилоотии алоқа мебозанд[8]. Имконияти тавлид, коркард ва истифодаи самараноки иттиллот дар асоси донишҳо[9]. |
| Интернет-иқтисод | Фаъолияте, ки асоси онро муносибатҳои иқтисодӣ байни одамон дар соҳаи ташкил, тақсимот, интиқол ва истеъмоли захираҳои иттилоотӣ тавассути истифодаи шабакаи Интернет ташкил мекунад[10]. |
| Иқтисоди шабакавӣ | Фаъолияте, ки асоси онро истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир, маҳз муҳите, ки дар он дилхоҳ шахс ё ташкилоти дар дилхоҳ низоми иқтисодии истода, бо хароҷоти камтарин бо ташкилот ё одами дилхоҳи дигар ҳамкорӣ карда метавонад, ташкил медиҳад[11]. |

[8] Макаров, В. Л. Справочник экономического инструментария / В. Л. Макаров, Н. Е. Христолюбова, Е. Г. Яковенко. - М. : Экономика, 2003.
[9] Кастельс, М. Информационная эпоха: экономика, общество и культура / М. Кастельс. - М. : ГУ ВШЭ, 2000.
[10] Красильникова, Е. В. Системные признаки интернет-экономики / Е. В. Красильникова // Изв. Сарат. ун-та. Серия: Экономика. Управление. Право. - 2011. - № 1. - С. 32-37.
[11] Ҳамон ҷо.

| | |
|---|---|
| Иқтисоди электронӣ | Иқтисоде, ки дар асоси истеҳсоли молҳои электронӣ ва сервисҳои сохторҳои тиҷоратии баландтехнологӣ ва фурӯши ин маҳсулот тавассути тиҷорати электронӣ ба роҳ монда шудааст[12]. |

Таҳлили нуқтаҳои назар нишон медиҳад, ки онҳо дар сатҳи пурра моҳияти иқтисоди рақамиро инъикос намекунанд. Ба андешаи мо, иқтисоди иттилоотӣ ва шабакавӣ равандҳои алоҳидаеро инъикос менамоянд ва онҳо қисми таркибии иқтисоди рақамӣ маҳсуб ёфта, нишонаҳои иқтисоди номбаршударо доранд, аммо дар байни онҳо як қатор тафовут низ ҷой дорад. Иқтисоди рақамиро бо иқтисоди электронӣ ва интернет-иқтисод низ баён намудан дуруст нест, чунки онҳо ба таври пурра хусусиятҳои падидаи таҳқиқшавандаро инъикос намекунанд. Зеро интернет-технологияҳо ва технологияҳои электронӣ фақат таҷҳизотеро ифода менамоянд, ки тавассути онҳо раванди интиқоли иттилоот ба амал меояд (расми 1).




Расми 1. Тамоюлҳои нав дар иқтисодиёти муосир

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ низ дар муайян кардани моҳияти иқтисоди рақамӣ андешаи умумӣ ва ягона вуҷуд надорад. Дар аксари сарчашмаҳои хориҷӣ бештар ба технологияҳое таваҷҷуҳ зоҳир мегардад, ки онҳо асоси иқтисоди рақамиро ташкил медиҳанд.

---

12 Асанов, Р. К. Формирование концепции «цифровой экономики» в современной науке / Р. К. Асанов // Социал.-экон. науки и гуманитар. исслед. - 2016. - № 15. - С. 143-148.

Ба андешаи мо, мафҳумҳое, ки аз тарафи ташкилотҳои байналмилалӣ дода мешавад, бештар вобаста ба ҳадаф ва вазифаҳои созмонҳои зикршуда пешниҳод гаштааст ва моҳияти тағйироти бааламоломадаро, ки иқтисоди рақамиро тавсиф медиҳад дар умум нишон дода наметавонанд ва алоқаи ин гузаришро бо технологияҳо инъикос намекунанд (ҷадвали 1.2.).

Ҷадвали 1.2.

Равишҳо оид ба муайян кардани моҳияти иқтисоди рақамӣ аз тарафи ташкилот ва марказҳои коршиносии байналмилалӣ

| Ташкилот, сол | Таърифи иқтисоди рақамӣ |
|---|---|
| Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, 2012 | Ин фаъолият оид ба фаъолгардонии фурӯши молу хизматрасонӣ бо ёрии тиҷорати электронӣ дар шабакаи Интернет[13]. |
| Департаменти коммуникатсия ва иқтисоди рақами Австралия, 2013 | Иқтисоди рақамӣ – ин шабакаи ҷаҳонии чорабиниҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки тавассути платформаҳо, ба монанди Интернет, шабакаҳои мобилӣ ва сенсорӣ амалӣ мегардад. |
| Ҷамъияти компютерии Британия, 2014 | Ин иқтисод, ки асоси онро технологияҳои рақамӣ ташкил медиҳанд. Асосан фаъолияте фаҳмида мешавад, ки иҷрои амалиётҳои корӣ дар бозор бо истифодаи Интернет ва шабакаи ҷаҳонӣ ба амал оварда мешавад[14]. |
| Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, 2015 | Иқтисодӣ рақамӣ ин натиҷаи самараҳои гузариш ба технологияҳои рақамии таъиноти умумӣ дар соҳаи иттиллоот ва коммуникатсия мебошад. |
| Парлумони Аврупо, 2015 | Иқтисоди рақамӣ – ин сохтори мураккабе мебошад, ки аз якчанд зинаҳои бо ҳам алоқаманди нуқтаҳои беохир ва доимо зиёдшаванда иборат мебошад. |
| Бонки ҷаҳонӣ, 2016 | Иқтисоди рақамӣ – ин парадигмаи нави рушди босуръати иқтисодӣ мебошад, ки асоси онро мубодилаи маълумот дар реҷаи вақти воқеӣ ташкил медиҳад. Ин низоми муносибатҳои иҷтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ фаъолият менамояд. |
| TechTarget, 2016 | Иқтисоди рақамӣ – ин шабакаи ҷаҳонии намудҳои |

[13] Hearing The Digital Economy. - Paris : OECD, 2012 // OECD. - URL: http://www.oecd.org/daf /competition/ The-DigitalEconomy-2012.pdf

[14] The Digital Economy. - London: British Computer Society, 2014. - URL: https://hummedia.manchester.ac.uk/institutes /gdi/publications/workingpapers/di/di_wp68.pdf

| | |
|---|---|
| | фаъолияти иқтисодӣ, ки бо шарофати технолгияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дастрас гаштанд. Бо ибораи дигар, иқтисоди рақамиро ҳамчун иқтисоде, ки дар заминаи технологияҳои рақамӣ пайдо шудааст, иуайян кардан мумкин аст. |
| Конференсияи СММ оид ба савдо ва рушд, 2017 | Иқтисоди рақамӣ – истифодаи иентрент-технологияҳои рақамӣ дар раванди истеҳсоли молу хизматрасонӣ ва фурӯши онҳо |
| Луғати Оксфорд (Oxford Dictionary), 2017 | Иқтисоди рақамӣ – ин иқтисодест, ки асосан аз ҳисоби истифодаи технологияҳои рақамӣ, аз он ҷумла амалиёти ғайринақдӣ тавассути Интернет амалӣ мегардад. |
| Институти рушди ҷаҳонии Донишгоҳи Манчестер, 2018 | Иқтисоди рақамӣ - ин қисми ҳаҷми умумии истеҳсолот аст, ки пурра ва ё асосан дар заминаи технологияҳои рақамии ширкатҳое истеҳсол шудааст, ки модели тиҷорати онҳо аз молу хизматрасонии рақамӣ асос ёфтааст[15]. |
| Ширкати байналмилалии машваратии Deloitte, 2019 | Иқтисоди рақамӣ – ин шакли фаъолияти иқтисодиест, ки ба шарофати ҳамкории шабакавии одамон, корхонаҳо, таҷҳизот, маълумот ва равандҳо ба амал меояд. Ба ҳайси асос ба иқтисоди рақамӣ ҳамалоқамандии одамон, ташкилотҳо ва мошинҳо баромад менамояд, ки тавассути Интернет ва технологияҳои мобилӣ ташкил карда мешавад[16]. |

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи ҷории рушди назарияҳои илмӣ масъалаи муайян кардани моҳияти иқтисоди рақамӣ мубрам боқӣ мемонад. Таҳлили асарҳои иҷронамудаи олимон имкон дод, ки нуқтаи назари муаллиф бо маънои хурд ва васеъ асоснок карда шавад.

Ба андешаи мо, бо маънои нисбатан маҳдуд, иқтисоди рақамӣ ҳамчун зинаи сифатан нави рушди иқтисод дар заминаи истифодаи технологияҳои рақамӣ фаҳмида мешавад, ки дар доираи он субъектҳои хоҷагидорӣ тавассути Интернет мубодилаи иттилоотро амалӣ менамоянд.

[15] Бухт, Р. Определение, концепция и измерение цифровой экономики / Р. Бухт, Р. Хикс // Вестн. междунар. организаций. - 2018. - № 2. - С. 143-172.
[16] Deloitte. - URL: https://www2.deloitte.com/ru/ru.html

Дар навбати худ, ба маънои васеъ иқтисоди рақамӣ – тамоюли ҷории рушд, сатҳи нави ташкили на фақат муносибатҳои иқтисодӣ, балки ҳаёти ҷомеа, истеҳсолот ва ғайра мебошад, ки ба ҷузъи таркибии ҳамаи кишварҳо табдил ёфтааст. Тамоюли рушди иқтисоди рақамӣ бо мубодила ва тағйирдиҳии иттилоот, воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар вақти воқеӣ пайгирӣ шуда, хислати бартарафкунии монеаҳои ҷуғрофиро дорад.

Технологияҳои рақамӣ сохтори соҳавии иқтисодиёти бисёр мамлакатҳоро тағйир медиҳанд, ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва афзоши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мусоидат менамоянд. Таҷрибаи кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба инкишоф аз нақши баланди иқтисоди рақамӣ дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилии онҳо шаҳодат медиҳад. Масалан, ҳиссаи иқтисодиёти рақамӣ дар соли 2015 дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии ИМА 10,9 %, Чин – 10,0 %, кишварҳои Иттиҳоди Авпрупо – 8,2 % ва Россия – 3,9 %-ро ташкил додааст. Ба шарофати технологияҳои рақамӣ тайи 15 соли охир дар Чин ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ қариб 4 маротиба афзудааст[17].

Мавриди зикр аст, ки дар ояндаи наздик рушди босуръати иқтисодиёти рақамӣ пешгӯӣ шуда, таъсири он ба натиҷаҳои иқтисодии фаъолият назаррас мешавад. Тибқи ҳисоби коршиносон, соли 2025 дар ИМА арзиши иловашуда дар иқтисодиёти рақамӣ 1,6-2,2 трлн. доллар ва дар Чин ҳиссаи интернет-технологияҳо дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 22 %-ро ташкил хоҳад дод. Дар Россия бошад самараи потенсиалӣ аз гузариши рақамӣ дар дараҷаи 19-34 % аз рушди умумии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ пешгӯӣ шудааст[18]. Мувофиқи ҳисоби иқтисодшиносони Бонки умумиҷаҳонӣ танҳо аз ҳисоби то 10 % васеъ шудани доираи истифодабарандагони интернети баландсуръат мумкин аст, ки суръати рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳар сол аз 0,4 то 1,4 %-ро ташкил диҳад.

[17]Загеева Л.А. Big Data и бизнес - новые возможности [Текст] / Л.А. Загеева, Л.В. Близнюк II Инновационная экономика и право. - №. 2 (7). - С. 21-25.
[18]Загеева Л.А. Big Data и бизнес - новые возможности [Текст] / Л.А. Загеева, Л.В. Близнюк II Инновационная экономика и право. - №. 2 (7). - С. 21-25.

Иқтисодиёти рақамӣ ва технологияҳои рақамӣ бо технологияҳо ва имкониятҳои Интернет робитаи ногусустанӣ доранд. Маълум аст, ки истифодабарандагони технологияҳои Интернет торафт бисёр шуда истодаанд, ки мутобиқан ба он миқдори потенсиалии субъектҳои иқтисодиёти рақамӣ низ афзун хоҳад гашт. Тибқи арзёбии мутахассисони ширкати байналмилалии машваратии McKinsey дар соли 2017 аз ду як нафари аҳолии рӯи замин ба Интернет пайваст шудааст[19]. Зиёда аз нисфи аҳолии рӯи замин ин шабакаи ҷаҳониро фаъолона истифода мебаранд, беш аз сеяки аҳолӣ шабакаҳои иҷтимоӣ ва зиёда аз 60 %-и аҳолӣ алоқаи мобилиро истифода мебаранд, ки он ба сатҳи баланди татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва гузариши бисёр соҳаҳо ба технолгияҳои рақамӣ мусоидат менамояд[20].

Ба андешаи мо, зарурати татбиқи технологияҳои рақамӣ барои иқтисодиёти кишвар аз инҳо иборат мебошад:

1. Технологияҳои рақамӣ ба пайдоиши истеҳсолоти нави самарааш баландтар мусоидат намуда, аз бозор корхонаҳои бо технологияҳои ақибмонда мусаллаҳбударо берун мебароранд, ки ба беҳтар гардидани сохтори иқтисодиёт мусоидат менамояд.

2. Рушди инноватсионӣ дар асоси истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки сатҳи зиндагии аҳолӣ аз ҳисоби баландшавии самаранокии истеҳсолот, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, ташкили ҷойҳои кории нав бо музди меҳнати баланд беҳтар карда шуда, сатҳи хизматрасонӣ дар соҳаҳои иҷтимоии кишвар баланд бардошта шавад.

3. Гузариш ба технологияҳои муосири рақамӣ ба густариши ҳамкориҳои байналмилалии илмию техникӣ мусоидат менамояд. Дар миқёси муосири пешрафти илмию техникӣ аксари лоиҳаҳои инноватсиониро дар доираи як давлат амалӣ кардан ғайриимкон аст ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ба рушди инфрасохтори ин соҳа кӯмак мерасонад.

---

[19]Ҳамон ҷо.

[20]Тарасова Е.Е. Инновации в коммерческой деятельности [Текст] / Е.Е. Тарасова, Е.В. Матузенко, Ю.А. Наплекова //Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. - 2018. - №. 2(69). - С. 198-209.

4. Истифодаи васеи технологияҳо ва равандҳои рақамӣ рақобатпазирии ҳам иқтисоди миллиро дар умум ва ҳам корхонаи мушаххасро баланд мебардорад.

5. Технологияҳои рақамии навтарин ба ташкили фазои ягонаи бозорӣ мусоидат менамоянд. Масалан, истифодаи шабакаи Интернет, аз ҷумла пайдоиши интернет-мағозаҳо, ки дар он харидории молро дар дилхоҳ нуқтаи ҷаҳон амалӣ кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, бозори ягонае ташкил мешавад, ки сарҳадҳои онро андозагирӣ кардан ғайриимкон аст.

Қайд кардан зарур аст, ки зарурати татбиқи фаъоли технологияҳои рақамӣ на фақат барои соҳаҳои истеҳсолот ва саноат, балки ҳамчунин барои соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла савдои чакана низ мубрам аст.

## 1.2. Хусусиятҳои хоси рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ

Дар шароити муосир зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ дар низоми иқтисодиву иҷтимоӣ тағйироти ҷиддӣ ба миён омада истодааст. Ба андешаи мо, иқтисоди рақамӣ ин низомест, ки дар заминаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамӣ, инчунин шабакаи ҷаҳонии Интернет ташаккул ёфтааст. Истифодаи дастовардҳои бахши рақамӣ ба тағйирёбии равандҳои корӣ, стратегияҳо, пайдоиши самтҳои нави фаъолият ва ба ин васила ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳо ва субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат менамояд.

Дар савдои чакана, дар фарқият бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт, технологияҳои рақамӣ нисбатан фаъолтар ворид шуда истодаанд ва албатта он ба тағйирёбии самтҳои рушди савдо вобаста ба қонеъ намудани тақозои ҳар як харидор таъсир мерасонад. Дар ин бахш тағйирёбии сифатӣ, аз он ҷумла дар самти равандҳои савдою технологӣ, барномаҳои ҳавасмандгардонии истеъмолгарон, стандартҳои хизматрасонӣ, шаклҳо ва

усулҳои савдо татбиқ ёфта истодаанд, ки онҳо бешубҳа торафт хусусияти рақамӣ ва  барномавиро соҳиб хоҳанд гашт.

Дар шароити муосир савдои чакана яке аз намудҳои фаъолияти иқтисодии босуръат рушдёбанда ба ҳисоб меравад, ки дар он навгониҳои рақамӣ фаъолона татбиқ шуда истодааст. Тибқи ақидаи коршиносон васеъшавии маҳсулоти рақамӣ дар раванди савдою технологӣ савдои чаканаро дар қатори бонкҳо, ширкатҳои суғурта ва саноати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба соҳаи пешбари рақамикунонӣ наздик мекунад[21].

Дар адабиёти муосир ҷанбаҳои гуногуни ташаккули савдои чакана, аз он ҷумла рушди он дар шароити ҷаҳонишавӣ, унсури инноватсионии фаъолияти субъектҳои савдо, масъалаҳои рушди савдои шабакавӣ ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аммо рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чаканаи муосир бо дарназардошти гузариши рақамии низоми иқтисодӣ, муайян кардани соҳаҳои истифодабарии технологияҳои рақамӣ, дурнамои рушди минбаъдаи он таҳти омӯзиши амиқ қарор дода нашудаанд ва пурра инъикоси худро наёфтаанд.

Масъалаи омӯзиши иқтисодиёти рақамӣ ва технологияҳо, инчунин дурнамо, хавфҳои имконпазире, ки бо ин зуҳурот алоқаманд аст, дар маркази диққати ҳам зинаи давлатӣ ва ҳам олимону намояндагони тиҷорат қарор дорад.

Ба андешаи мо, зери мафҳуми иқтисоди рақамӣ ва ё электронӣ дар савдои чакана мо фаъолияти иқтисодие фаҳмида мешавад, ки дар асоси технологияҳои рақамӣ ва ё қарорҳои рақамӣ, инчунин ташаккули бозорҳои виртуалӣ, савдои электронӣ, хазматрасониҳо ва пардохтҳои электронӣ амалӣ мешавад. Дар натиҷаи воридкунии технологияҳои рақамӣ самтҳои нави тиҷорат, технологияҳои корӣ ва моделҳои нави соҳибкорӣ пайдо карда мешаванд, ки онҳо сатҳи рақобатро пурзӯр намуда, ба васеъшавии бозори

---

[21] Куприяновский В.П. Розничная торговля в цифровой экономике/ В. П. Куприяновский, С.А. Синягов, Д.Е. Намиот, А.П. Добрынин, П.В. Куприяновский //International Journal of Open Information Technologies vol. 4, no. 7, 2016, P. 1-11.

фурӯш ва рақобатпазирии кишварҳои алоҳида, минтақаҳо, соҳаҳо ва субъектҳои алоҳидаи соҳибкорӣ мусоидат менамоянд.

Савдои чакана дар шароити муосир таъсири нисбатан бузурги технологияҳои рақамиро ҳис мекунад. Рақамикунонии савдои чаканаи ҷаҳонӣ дар сатҳи хеле баланд қарор дорад ва он тадриҷан аз шаклҳои (форматҳои) анъанавӣ ба усулҳои савдои шакли онлайн-фурӯш ва рушди фаъоли платформаҳои рақамию тиҷорати электронӣ вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки технологияҳои тиҷорати электронӣ ягона технологияи рақамӣ дар савдои чакана маҳсуб намеёбанд. Аз сабаби он, ки ақидаи ягонаи консептуалӣ доир ба фаҳмиши технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана, унсурҳои он, маҳсулот ва шабакаҳои паҳншавӣ вуҷуд надоранд, мо тасмим гирифтем, ки технологияҳои рақамии дар соҳаи савдои чакана истифодашавандаро нисбатан пурратар баррасӣ намоем.

Тибқи андешаи коршиносони UNCTAD, технологияҳои рақамӣ ё қарорҳои рақамӣ дар худ ташаккул, коркард, мубодила ва интиқоли иттилоотро ифода мекунанд. Ба технологияҳои рақамӣ автоматикунонии фаъолият, ҳисобкуниҳои “абрнок”, бизнес-таҳлили маълумоти калонҳаҷм, воқеияти виртуалӣ (иловашуда), ҳамкорӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, тафаккури сунъӣ, омӯзиши мошинӣ, роботкунонӣ ва дигар қарорҳои рақамиро шомил намудан мумкин аст.

Тибқи ақидаи мутахассисони амрикоӣ Питер Мелл ва Тим Гранс ҳисобкуниҳои “абрнок” чунин хусусиятҳоро доро мебошанд: худхизматрасонӣ аз рӯи талабот; дастрасии васеъ тавассути Интернет; имконияти тезтар мутобиқшавӣ ва ё васеъкунии имкониятҳои таҷҳизот; баҳодиҳӣ ва баҳисобгирии истеъмол[22].

Одатан дар бозори ҳисобкуниҳои абрнок се модели тиҷоратро пешниҳод менамоянд (расми 2):

---

[22] Куприяновский В.П. Розничная торговля в цифровой экономике [Текст] / В. П. Куприяновский, С.А. Синягов, Д.Е. Намиот, А.П. Добрынин, П.В. Куприяновский // International Journal of Open Information Technologies vol. 4, no. 7, 2016, P. 1-11.




Расми 2. Моделҳои тиҷорат дар бозори ҳисобкуниҳои абрнок

- модели таъминоти барномавии абрнок, ки ба истеъмолгар имконият медиҳад то захираҳои ҳисоббароркунии молтаъминкунандагонро (сервер, инфрасохтори шабакавӣ, анбори маълумот ва ғ.) истифода барад;
- модели платформаи абрнок ба истеъмолгар пешниҳод кардани иҷозат ба истифодабарии платформаи барномавии молтаъминкунандагонро дар назар дорад;
- модели инфрасохтори абрнок ба истеъмолгар имконият медиҳад, ки барномаҳои тайёри молтаъминкунандагонро истифода барад.

Технологияҳои рақамии ҳисобкуниҳои абрнок дар муқоиса бо технологияҳои иттилоотии дохиликорхонавӣ ҳаҷми калони хароҷотро оид ба коркарди маълумотҳои мизоҷон сарфа мекунанд. Вай аз ҳисоби пардохти саривақтии ҳаҷми маҳдуди захираҳои ҳисоббарори дохилӣ ба даст меояд.

Технологияҳои тафаккури сунъӣ истифодабарии алгоритмҳои иттилоотию коммуникатсионие, ки ҷиҳатҳои фикрронии инсониро ифода мекунанд, дар назар доранд. Дар ин маврид ҷойи коркарди “дастӣ”-и системаҳои компютериро технологияҳо ва усулҳои муосир ва чандири мошинии омӯзиш дар асоси барномаҳои худомӯзӣ мегиранд.

Усулҳо ва алгоритмҳои омӯзиши мошинӣ шабакаҳои нейронии бисёрқабатаро ташкил медиҳанд, ки онҳо имконияти “ташхис” намудани пешниҳодҳои абстрактиро доранд. Ба шарофати чунин алгоритмҳо, технологияҳои тафаккури сунъӣ мубрам шуда истодаанд, аз ҷумла

технологияҳои муайянкунии (шинохтани) объектҳо; муайянкунии нутқ ва системаҳои автоматикунонидашудаи тарҷумаи забонҳои гуногун; алгоримтҳои роботикунонидашудаи идоракунӣ ва қабули қарор, ки асоси намудҳои муосир ва системаҳои тафаккури сунъиро ташкил медиҳанд[23].

Масалан, вақтҳои охир дар таҷрибаи ҷаҳонӣ технологияи “ёрдамчиёни ҳушманд” торафт шуҳрат ёфта истодаанд, ки онҳо якбора якчанд имкониятҳо ва функсияҳои “тафаккуриро” иҷро мекунанд: кӯмак дар онлайн-ҷустуҷӯ ва хариди электронӣ, шинохтани нутқ, таҳлил ва тафсири иттилооти шахсӣ оид ба истифодабарандаи мушаххас ва ғайра.  Рушди тафаккури сунъӣ ва усулҳои омӯзиши мошинӣ дар таҷриба нишон дод, ки дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт истифодаи технологияҳои рақамӣ зарур мебошанд, чунки онҳо имконият медиҳанд, ки ҳангоми коркарди бизнес-нақшаҳои дарозмуддат базаҳои захиравӣ сарфа карда шаванд ва назорат аз болои иҷрои онҳо ба роҳ монда шавад.

Вақтҳои охир ба ҳайси яке аз маҳакҳои асосии тараққиёти қарорҳои рақамӣ “маълумоти калонҳаҷм” (big data) ва бизнес-таҳлил баромад карда истодаанд, ки дар мавҷуд будани иттилооти озод дар Интернет-захираҳо ва зарурати коркарди саривақтию таҳлили дақиқи онҳо асос меёбад.

Технологияҳои маълумоти калонҳаҷм дар худ маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои коркарди маълумоти ҳаҷман калон ва гуногуншаклро бо мақсади соҳибшавӣ ба натиҷаи барои инсон фаҳмо, дар шароити рушди баландсуръат ва тақсимоти шабакаҳои зиёди ҳисоббарор ҷой додаанд[24]. Бизнес-таҳлил ва маълумоти калонҳаҷм имконият медиҳанд, ки иттилооти зарурӣ оид ба дархостҳои мизоҷон ба даст оварда шавад, талаботи  инфиродӣ таҳия ва хавфҳо баҳодиҳӣ карда шаванд ва усулҳои таҳлили пешгӯикунӣ татбиқ карда шаванд.

---

[23] Шнорр Ж.П. Инновации в розничной торговле как фактор повышения конкурентоспособности в условиях глобализации экономики [Текст] / Ж. П. Шнорр // Экономика и управление: теория и практика : сб. науч. труд. - 2018. - Т. 4,- №. 4(4.1). - С. 73-81.

[24] Шнорр Ж.П. Инновации в розничной торговле как фактор повышения конкурентоспособности в условиях глобализации экономики [Текст] / Ж. П. Шнорр // Экономика и управление: теория и практика : сб. науч. труд. - 2018. - Т. 4,- №. 4(4.1). - С. 73-81.

Таваҷҷӯҳ ба технологияҳои рақамии маълумоти калонҳаҷм ва бизнес-таҳлилҳо сол то сол аз ҷониби бозорҳои баландрақобат бештар шуда истодааст. Масалан, мувофиқи пешгӯии агентии таҳлилии амрикоии Wikibon дар охири соли 2020 бозори соҳаи маълумоти калонҳаҷм ченаки зиёда аз 60 млрд. долларро соҳиб шуда, дар соли 2026-ум вай метавонад 85 млрд долларро фарогир бошад. Суръати рушди солонаи бозори маълумоти калонҳаҷм ва бизнес-таҳлилҳо тақрибан 17%-ро ташкил медиҳад. Пешсафони асосии маблағгузорӣ дар қарорҳои рақамии баррасишаванда бахши молиявӣ, мақомоти давлатии сатҳи гуногун, соҳаи хизматрасонӣ ва савдои шабакавӣ ба ҳисоб меравад.

Ба ҳайси яке аз қарорҳои рақамии ояндадор Интернеташёҳо (IoT) баромад мекунад. Зери ин мафҳум муттаҳидкунии дилхоҳ таҷҳизот ба шабака бо истифода аз таъминоти барномавии махсус фаҳмида мешавад, ки онҳо бо ҳамдигар ҳамкорӣ намуда, имконияти дастраскунӣ ва мубодилаи иттилоотро доранд.

Ба андешаи коршиносон, соли 2018 қариб 10-20 миллиард объектҳое мавҷуд буданд, ки ба Интернет пайваст мебошанд ва дар охири соли 2020 миқдори онҳо 40-50 миллиардро ташкил хоҳанд дод ва ҳаҷми бозори IoT бошад тақрибан 1,46 млрд долларро ташкил хоҳад кард. Намунаи татбиқи технологияҳои IoT консепсияҳои хонаи “боақл”, шаҳри “боақл”, идоракунии трафики мусофирон ва мониторинги нақлиёт, мағозаҳои “боақл” ва ғайраҳо мебошанд[25].

Дар натиҷаи рушди технологияҳои рақамӣ фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ гуногун шуда, хусусиятҳои хоси зеринро соҳиб мешаванд (расми 3): амалӣ намудани ҳамкорӣ дар шабакаи Интернет ва ё зери таъсири он; воридшавӣ ба шабакаи ҷаҳонӣ тавассути таҷҳизоти гуногун, аз ҷумла воситаҳои мобилӣ; ташаккул ва мубодилаи бисёршабакавии иттилоот байни истифодабарандагони шабакаи ҷаҳонӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ,

[25] Шнорр Ж.П. Инновации в розничной торговле как фактор повышения конкурентоспособности в условиях глобализации экономики [Текст] / Ж. П. Шнорр // Экономика и управление: теория и практика : сб. науч. труд. - 2018. - Т. 4,- №. 4(4.1). - С. 73-81.

блогҳо, замимаҳои мобилӣ, форумҳо); истифодабарии ҳаҷми хеле калони маълумот; имконияти қонеъ намудани талаботи ҳар як харидори мушаххас (ба мизоҷнигаронидашуда); ҷаҳонишавии рафтори истеъмолгарон ва мизоҷони корхона; беҳсозии раванди ташаккули арзиши иловашуда ва ғайраҳо.




Расми 3. Хусусиятҳои хоси фаъолияти иқтисодии субъектҳои савдои чакана дар натиҷаи татбиқи технологияҳои рақамӣ

Технологияҳои рақамӣ ба савдои чакана низ таъсири назаррас мерасонанд. Савдои чаканаи муосир яке аз бахшҳои инноватсионӣ ва зудрушдёбандаи иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, сатҳи баланди татбиқи технологияҳои рақамиро доро аст, ки он ба харидори ниҳоӣ ва дараҷаи

баланди хизматрасонии савдо дар тамоми зина ва шабакаҳои фурӯш нигаронида шудааст.  Ба андешаи мо, соҳаи савдои чакана мавҷи бесобиқаи инноватсияҳоро аз сар гузаронида истодааст. Албатта технология нақши зарурро мебозад, аммо ин нерӯи ягонае намебошад, ки кор мекунад. Моделҳои нави бизнес пайдо мешаванд ва онҳо ба тамоми зина ва ё занҷири тиҷорати электронӣ таъсири амиқ мерасонанд. Дар баробари ин, дар рафтори истеъмолгарон низ тағйирот дида мешавад[26].

Ҳамин тавр, технологияҳои рақамӣ ба тағйирёбии парадигмаҳои рушди савдои чакана, гузариши савдои чакана ба технологияи рақамӣ сабаб мешаванд. Моҳияти парадигмаи нави савдои чакана ба фардикунонии фурӯш дар асоси технологияҳои рақамии муосир оварда мерасонад, ки вай дар сатҳи ҳадалимкон консепсияи мизоҷмеҳвариро татбиқ менамояд, равандҳои савдою технологиро самаранок намуда, ба ғояҳои иқтисодиёти рақамӣ ҷавобгӯ мебошад[27].

Ба ақидаи  мо, қарорҳои рақамиро дар савдои чакана ба ду гурӯҳи шартӣ ҷудо кардан мумкин аст (расми 4): технологияҳое, ки ба харидор нигаронида шудаанд ва технологияҳое, ки ба такмили раванди ташкили фурӯш нигаронида шудаанд.




Расми 4. Қарорҳои рақамӣ дар савдои чакана

---

[26] Шаропов Ф.Р., Лутфуллоев М.Д. Таъсири технологияҳои рақамӣ ба рафтори истеъмолгарони савдои чакана / Шаропов Ф.Р., Лутфуллоев М.Д. // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2020. - № 4 (55). – С. 119-123.

[27] Шнорр Ж.П. Инновации в розничной торговле как фактор повышения конкурентоспособности в условиях глобализации экономики [Текст] / Ж. П. Шнорр // Экономика и управление: теория и практика : сб. науч. труд. - 2018. - Т. 4,- №. 4(4.1). - С. 73-81.

Қайд намудан зарур аст, ки ҳамаи технологияҳои рақамӣ бо ҳам алоқаманд мебошанд, хосияти мутобиқшавиро доранд ва ҳамдигарро пурра мекунанд, ки онро дар таҷрибаи рушд ва истифодаи қарорҳои рақамӣ дар савдои чакана собит намудааст.

Яке аз шаклҳои технологияи рақамии муосир ва муҳаррики рушди фурӯши онлайн савдои мобилӣ ба ҳисоб рафта, тавассути таҷҳизоти рақамии мухталиф, ба монанди гадҷетҳо, смартфонҳо, планшетҳо ва пайвастшавии беноқил ба шабакаи ҷаҳонӣ амалӣ мегардад. Коршиносони ширкати машваратии Deloitte рушди босуръати фурӯши мобилиро қайд намудаанд. Харидорон таҷҳизоти рақамии мобилиро истифода бурда, ба ҳисоби миёна ду маротиба зиёдтар маблағро барои харид нисбат ба харид дар мағозаҳои анъанавӣ сарф мекунанд[28].

Рушди савдои мобилии рақамӣ аз бисёр ҷиҳат аз пешниҳоди операторони мобилӣ ва истеҳсолкунандагони таҷҳизот вобастагӣ дорад. Фаъолияти онҳо ба воридкунии қарорҳои муосири технологӣ, аз ҷумла тадриҷан ивазкунии SIM-кортҳои классикӣ ба SIM-кортҳои чандирӣ, ки тавассути алоқаи мобилӣ ва ё дигар шабакаҳои алоқаи беноқил таъмин карла мешавад, равона карда шудааст. Дар ин ҳолат пайвастшавӣ ба шабакаи ҷаҳонӣ бо ёрии WI-FI ба роҳ монда мешавад. Дар баробари ин қайд кардан лозим аст, ки истеҳсолкунандагони асосии смартфонҳо дар ҷараёни такмил додани моделҳои нави смартфонҳо на фақат пайвастшавӣ бо WI-FI, балки инчунин истифодабарии маблағҳои мобилӣ ва дигар функсияҳо, масалан, воридкунии технологияи NFC-ро ба назар гирифтаанд. Интизор аст, ки дарояндаи наздик татбиқи васеи SIM-кортҳои чандириро ҳамчун омили асосии рушди технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла, савдои мобилии рақамӣ ба роҳ монда мешавад.

Рушди бошиддати фурӯш дар бахши савдои мобилии рақамӣ субъектҳои савдои чаканаро маҷбур мекунад, ки маблағҳои калонро ба

---

[28] Тарасова Е.Е. Инновации в коммерческой деятельности [Текст] / Е.Е. Тарасова, Е.В. Матузенко, Ю.А. Наплекова // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. - 2018. - №. 2(69). - С. 198-209.

коркарди замимаҳои мобилӣ, сомонаҳои худӣ, системаҳои пардохти мобилӣ ва дигар технологияҳои рақамиро равона созанд. Беҳтарсозии замимаҳо ба сифати пурракунии шакли мобилии сомона ба онҳо имконият медиҳад, ки миқдори харидорон ва ҳаҷми фурӯшро тавассути таҷҳизоти мобилӣ афзун намоянд. Масалан, дар соли 2017 дар Америкои Шимолӣ саҳми корхонаҳои савдои чакана, ки замимаи мобилиро доштанд, тақрибан 70 %-и ҳаҷми умумии фурӯшро дар бахши савдои рақамии мобилӣ ташкил додааст.

Таҷрибаи рушди савдои чакана нишон медиҳад, ки технологияҳои рақамӣ  дар соҳаи платформаҳои замимаҳои мобилӣ ба ташаккули ҳамкории корхонаҳои савдои чакана бо харидорони потенсиалӣ мусоидат мекунанд (расми 5 ).




Расми 5. Технологияҳои рақамӣ  дар соҳаи платформаҳои замимаҳои мобилӣ

Бо ёрии замимаҳои мобилӣ дар  смартфонҳо харидорон имконияти ташаккул ва истифодаи рӯйхати виртуалии харид; ҷустуҷӯи маълумот оид ба хизматрасониҳои мағоза; татбиқи хадамоти геоиттилоотӣ ва навигатсионӣ; ҷустуҷӯ ва дидани номгӯи маҳсулот; сканеркунии штрих-кодҳо ва дастрасии маълумот оид ба маҳсулотро дар вақти воқеӣ (онлайн) пайдо мекунанд. Бо

ёрии замимаҳои рақамӣ харидорон манфиатнокии харидро муайян мекунанд, фурӯшандагон бошанд таҷриба ва хоҳиши мизоҷони мақсаднокро мушоҳида намуда, бо онҳо робитаро барқарор мекунанд.

Яке аз қарорҳои рақамие, ки алоқаи самаранокро бо мизоҷони потенсиалӣ ташкил мекунад, ин шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки онҳоро дар савдои чакана фаъолона истифода мебаранд. Шабакаҳои иҷтимоӣ имкон медиҳанд, ки ҳар як шахс саҳифаи шахсии худро дар Twitter, Facebook, Instagram ва дигар сомонаҳо кушояд. Дар он дар реҷаи он-лайн мубодилаи иттилот ва фикру ақидаҳои ҳамдигар ба миён меояд. Дар натиҷаи истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ ва “инфиродикунии” интернет ба фурӯшандагон маълумоти пурра доир ба харидорон ва доираи истеъмолгарон мақсаднок дастрас шуд. Фурӯшандагон дар кушодани блогҳои шахсиашон дар платформаҳои рақамии шабакавӣ бо мақсади шиносонидани тамғаи худ ва ҷалби харидорон фаъол мебошанд.

Ба қатори қарорҳои рақамие, ки имконияти ҳамкории фаъоли дуҷонибаи фурӯшанда ва харидорро таъмин мекунад, технологияҳои воқеияти виртуалӣ (VR) ва воқеияти иловагиро (AR) шомил намудан мумкин аст. Технологияҳои воқеияти виртуалӣ ва иловагӣ дар савдои чакана бо мақсади таъмини  диққатҷалбкунӣ, дастрасии мол ва хизматрасониҳои савдо истифода бурда мешаванд ва онҳо имиҷи тамға ва ҳаҷми фурӯшро афзун менамоянд.

Воқеияти виртуалӣ барои харидори потенсиалӣ муаррифии воқеияти навро дар олами виртуалӣ бо ёрии ниқобҳо, айнакҳо ва дигар таҷҳизоти махсус таъмин менамояд. Чунончи, ширкати бузурги фурӯши либос Topshop ҳангоми муаррифии коллексияи нави либосҳо ба як гурӯҳ харидорони худ ниқоби махсусро тақсим карда дод. Дар натиҷа ин харидорон ба тамоми олами ҳолати иҷрошудаистода фурӯ рафта, тамоми умқи либосро тамошо намуданд, таҷриба гирифтанд ва таассуроти такрорнашавандаро соҳиб шуданд.

Воқеияти иловагӣ бошад имкон медиҳад, ки шакли компютерии объект дар шароити воқеӣ иҷро карда шавад. Технологияи рақамии паҳншуда дар воқеияти иловагӣ ин ҷойи либоссанҷии виртуалӣ, оинаи виртуалӣ ва каталоги виртуалӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҷойи либоссанҷии виртуалӣ истифодабаранда дар экран худро дар либоси нав мебинад; барномаро бо ишораҳо идора мекунанд, ки он имконият медиҳад, ки модели либоси интихобшуда аз ҳар тараф баҳо дода шавад; интихоби харидорро суръат мебахшад, аз ҷумла бо ёрии таҷҳизоти мобилӣ. Чунончи, ритейлери бузурги рақамии eBay Inc ҷойи либоссанҷии виртуалиашро ҳам дар сомонааш ва ҳам дар замимаи мобилиаш дастрас кардааст. Моделҳои сеченакаи либос аз рӯйи сурат ташкил карда мешавад, дар ин маврид модели интихобшуда имконияти ҷойивазкуниро доранд. Дар натиҷа истифодабаранда метавонад бинад, ки либос дар ин ё он ҳолат чӣ тавр инъикос мешавад. Ғайр аз ин, eBay Inc ба замимаи мобилии худ боз як имконияти нодири интихоби борҷомаи молро илова кардааст.

Оинаҳои виртуалӣ ба истифодабаранда на фақат имконияти “пӯшидани” либос ва пойафзолро медиҳанд, балки истифодаи ороишоти декоративиро низ пешниҳод менамоянд, ки барои он истифодаи камераи махсус зарур аст. Камера чеҳраи инсон ва ё бадани ӯро сурат мегирад, оина бошад онро то истифодабарии ороишот ва баъд аз истифодабарии он ҷудогона инъикос менамояд. Оинаи виртуалӣ хусусиятҳои инфиродии харидорро (ранги чашм, пӯст, мӯй ва ғайраҳо) ба инобат мегирад ва маслиҳатҳои иловагиро оид ба истифодабарии ин ё он намуди ороишот пешниҳод мекунад.

Ҷойи либоссанҷии виртуалӣ ҳамчунин дар бахши фурӯши мебел ва дигар лавозимоти хонаводагӣ низ истифода бурда мешавад. Шабакаи мағозавии британиягии B&Q оид ба фурӯши мебел ва маҳсулоти таъмири хона банақшагирандаи фазои ошхонавиро ҷорӣ кардааст, ки он барои ҳамаи таҷҳизотҳо дастрас аст. Ин барнома ба тамоми масоҳати бино бо нишондиҳандаҳои аз тарафи истифодабаранда додашуда мебели ошхонавиро

мегузорад. Дар натиҷа харидори потенсиалӣ имконият дорад, ки фармоишро ба таври фаврӣ диҳад ва мебели интихобшудаашро харидорӣ намояд. Ҳамчунин таҷрибаи воридкунии технологияи воқеияти иловагии ширкати шведии IKEA хеле шавқовар аст. Бо ёрии барномаи таълифшуда истифодабарандагон метавонанд каталогро тафтиш намоянд. Дар натиҷа мебели мақбулшударо дар хонаи худашон ба таври электронӣ мебинанд, ки он ба интихоби харидор таъсири мусбат мерасонад. Дӯстдорони мебели шведӣ ҳамчунин метавонанд лавҳаҳои видеоиро оид ба ин ё он намуди мебел тамошо кунанд, ба фазои виртуалии худ сурати ҳайвонот ва ё паррандаи хонагиро дохил кунанд. Ин лоиҳаи IKEA дар байни харидорон обрӯи хеле баландро соҳиб шуд ва дар натиҷа вай зиёда аз 8,5 миллион маротиба аз тарафи истифодабарандагон ҷорӣ карда шуд[29].

Воқеияти иловагӣ татбиқи худро дар савдои чакана ҳамчунин барои беҳтаркунии ташкили раванди савдою технологӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати кормандон мебинад. Чунончи шабакаи бузурги савдои британиягии Tesco барои таҷҳизоти мобилӣ замимаеро коркард намуд, ки мутобиқати мавҷудияти воқеии молро бо шартҳои нишондодашуда месанҷад. Принсипи кори ин замима дар истифодабарии камераи махсус, планшет ва расм асос ёфта, дар натиҷа корманди толори савдо аз барнома таклиф ва пешниҳодро доир ба расми моле, ки мавҷуд нест, қабул мекунад. Илова бар ин, ин замима ба харидорон имконият медиҳад, ки маълумоти иловагиро оид ба мол, ки вай дар нархнома нишон дода нашудааст, соҳиб шаванд (масалан нерӯнокии ин ё он маҳсулоти хӯрока).

Технологияҳои тафаккури сунъӣ ва омӯзиши мошинӣ татбиқи худро дар савдои чакана дар моделсозии рафтори харидорони потенсиалӣ, омӯзиши таъсири омилҳо ва интихоби шабакаҳои алоқаи нисбатан самаранок, таърихи харидорӣ, яъне барои амалӣ намудани таҳлили маркетингӣ дарёфт мекунанд. Тағйироти инқилобӣ дар ҳамкорӣ бо харидорон дар технологияҳои биометрӣ,

[29] Шнорр Ж.П. Инновации в розничной торговле как фактор повышения конкурентоспособности в условиях глобализации экономики [Текст] / Ж. П. Шнорр // Экономика и управление: теория и практика : сб. науч. труд. - 2018. - Т. 4,- №. 4(4.1). - С. 73-81.

ки барои бақайдгирӣ ва таҳлили хусусиятҳо ва тафсифоти рафторӣ пешбинӣ шудаанд, дахл доранд. Технологияҳои биометрӣ муносибати инфиродиро ҳангоми хизматрасонӣ ба харидор таъмин мекунанд, ки он аз тарафи худи харидор интихоб ва ё тағйир дода мешавад. Истифодабарии маълумоти системаҳои афзалияти афзалияти рақобатӣ ва тағйирёбии муносибати харидоронро ба хизматрасонии савдо таъмин мекунанд.

Чӣ хеле, ки таҷрибаи рушди савдои чакана нишон медиҳад, технологияҳои биометрӣ ҳангоми бақайдгирии харидорон дар вақти воридшавӣ ба мағоза истифода бурда мешавад. Вай имконият медиҳад, ки мунтазамии ба мағоза омадани харидори мушаххас ва номгӯи молҳои харидшаванда муайян карда шавад ва аз тарафи кормандони корхона барои ташаккули пешниҳоди инфиродӣ истифода бурда шавад. Дар хориҷи кишвар фурӯшандагон технологияҳои биометрии шинохтани овоз, симои харидор, имзоҳои биометрӣ ва дигар намуди технологияҳоро хеле фаъолона барои ташкили фармоиш истифода мебаранд. Бо воситаи ин технологияҳо кормандон аз харидор бори дуюм ин маълумотро пурсон намешаванд, чунки аллакай ин маълумот дар саҳифаи онҳо сабт шудааст. Дар баробари ин, қайд намудан зарур аст, ки ҳар як харидор имконияти хизматрасонии савдоро бо баҳисобгирии хусусиятҳояш дорад, зеро ки торафт сатҳи талаботи ӯ зимни пур шудани маълумоташ дар саҳифаи шахсияш меафзояд.

Масалан, таҷрибаи ширкатҳои британиягӣ, ки технологияи шинохтани симои харидорро ҳамчун воситаи пардохт санҷиданд, хеле шавқовар аст. Барои он ки фурӯшанда маблағро қабул кунад, кифоя аст, ки ӯ сурати харидореро, ки дар экрани планшети (телефон ё смартфон)-и ӯ инъикос шудааст, пахш намояд. Ширкатҳои русиягии X5 Retail Group, Дикси, ВкусВилл технологияҳои шинохтани симо, ҷинс ва синну соли харидоронро барои ташаккули иттилооти маркетингӣ, таҳқиқи рафтори истеъмолкунанда, реклама ва ё таъмини бехатарии хизматрасонии савдо истифода мебаранд. Шабакаи хӯришҳои “Бургер Кинг” ба фаъолияти худ системаи биометрии қайди вақти кориро барои кормандонаш ворид намудааст. Ин система аз рӯи

тасвири рагҳои дастони онҳо кор карда, ғалатҳо ва ё дурӯғҳоро истисно мекунад ва табели қайди вақти корӣ ба таври автоматӣ ташкил карда мешавад. Ин системаи нави бақайдгирии вақти корӣ дараҷаи интизоми меҳнатро хеле баланд бардошт ва дар баробари ин ба пастшавии хароҷот оид ба маблағи музди меҳнати кормандон дар ҳаҷми 15 % мусоидат намуд[30].

Технологияҳои рақамии интернеташёҳо барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар савдои чакана ва автоматикунонии раванди савдоию технологӣ нақши муҳимро доранд. Ба онҳо ҳар гуна сенсорҳо, қайдҳои радиомавҷӣ (RFID-қайдҳо), POS-терминалҳо, аробачаҳои “боақл” (smart carr), хазинаҳои худхизматрасони “боақл” (self-scan checkout), видеокамераҳо, нархномаҳои “боақл” (электронӣ) ва дигар таҷҳизоти рақамии муосирро дохил кардан мумкин аст. Афзудани нуфузи интернеташёҳо дар савдо аз бисёр ҷиҳат бо рушди баландшиддати таҷҳизоти мобилӣ алоқаманд аст. Аз рӯйи пешгӯиҳои агентии таҳлилии амрикоии Markets and Markets, бозори ҷаҳонии технологияи интернеташёҳо дар бахши савдои чакана дар охири соли 2020 20 % афзоиш меёбад. Бозингарони калидии бозори интернеташёҳо дар савдои чакана ин ритейлерҳо аз Амрикои Шимолӣ, Амрикои Лотинӣ ва минтақаи Осиёю Уқёнуси Ором мебошад. Имкониятҳои технологияи интернеташёҳо дар савдои чакана хеле васеъ аст: трекинги номгӯйи молҳо, робита виртуалӣ бо харидорони потенсиалӣ, таҳқиқоти маркетингӣ ва таҳлилӣ, бизнес-таҳлили маълумоти калонҳаҷм, идоракунии захираҳои молӣ дар реҷаи вақти воқеӣ ва ғайраҳо.

Технологияҳои рақамии интернеташёҳо як қатор масъалаҳои зарурииро дар савдо ҳал мекунанд. Масалан, баланд бардоштани сифати хизматрасонии савдо, чунки технологияи интернеташё ба ҳадди максималӣ раванди харидориро бо дарназардошти таҷрибаи пешини харидорӣ инфиродӣ мекунад. Ғайр аз ин, худхизматрасонӣ ба сатҳи нави инкишоф мебарояд.

[30] Тарасова Е.Е. Инновации в коммерческой деятельности [Текст] / Е.Е. Тарасова, Е.В. Матузенко, Ю.А. Наплекова // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. - 2018. - №. 2(69). - С. 198-209.

Чунончи, ворид кардани хазинаҳои худхизматрасонӣ раванди пардохти моли харидоришударо хеле суръат мебахшад.

Технологияҳои интернеташёҳо ба беҳсозии фазои савдо, сарфаи захираҳо ва ташаккули идоракунии номгӯйи молҳо равона карда шудааст. Нишонаҳои радиомавҷӣ (RFID-қайдҳо) мавҷудияти молро дар рафҳои фурӯш ва ҷойивазкунии онҳоро дар мағоза назорат мекунанд. Ҳамчунин таҷҳизоте, ки дар мағоза насб шуда, ба микромуҳит таъсир мерасонанд, ба монанди термостатҳо, таҷҳизоти равшанидиҳанда, таҷҳизоти яхдонӣ ва кондисионерҳо. Барои мониторинги фазои савдо ширкатҳо таҷҳизоти Bluetooth, RFID-қайдҳо ва WI-Fi-ро дар смартфонҳои харидорон истифода мебаранд. Дар натиҷаи истифодабарии таҷҳизоти номбаршудаи интернеташёҳо фурӯшандагон харитаи анбӯҳи харидориро ташкил намуда, ба мусоидкунии фазои мағоза барои харидор баҳо медиҳанд ва дар баробари ин консепсияи мерчендайзинги тафаккуриро татбиқ менамоянд.

Нуқтаи баланди истифодабарии технологияҳои рақамии интернеташёҳо дар савдои чакана консепсияи мағозаҳои “боақл” (smart store) мебошад[31]. Мағозати “боақл” дар худ консепсияеро ҷой додааст, ки вай дар асоси истифодабарии дастовардҳои интернеташёҳо ва автоматикунонии пурраи майдонҳои савдо ба роҳ монда мешавад. Масалан, дар Чин дар чунин мағозаҳо харидорон сараввал бояд ба қайд гирифта шаванд, QR-коди онро ҳангоми воридшавӣ ба мағоза сканер намоянд, рақами телефонашонро ворид кунанд ва акси худро гиранд. Сипас ба мағоза ворид шуда, тавассути турникетҳои мавҷуда хариди заруриро иҷро менамоянд. Пардохти маблағ бошад бо тариқи ғайринақдӣ ба роҳ монда шуда, тавассути сканеркунии штрих-код дар телефони мобилии харидор иҷро карда мешавад. Баъди ба итмом расидани хизматрасонӣ харидор аз мағоза бо воситаи турникетҳо мебарояд. Муқоисаи акси харидор бо базаи миллии ҳуҷҷатҳо ҷиҳати тасдиқи

---

[31] Загеева Л.А. Big Data и бизнес - новые возможности [Текст] / Л. А. Загеева, Л. В. Близнюк *II* Инновационная экономика и право. - №. 2(7). - С. 21-25; Факеров Х.Н., Шаропов Ф.Р., Мариншоев М.М. Социально-экономический механизм развития розничной торговли: Монография /Под редакцией доктора экономических наук, профессора Хабибова С.Х. – Душанбе: “Ирфон”, 2018. – 150 с.

шахсияти харидор, системаи видеоназоратӣ, маҳдудият ба воридшавии харидорони бевиҷдон дар як сатҳи муайян бехатарии иқтисодиро таъмин намуда, соҳибкоронро аз дуздиҳои имконпазир эмин нигоҳ медорад.

Намунаи мағозаи "ҳушманд" ин ба наздикӣ аз тарафи интернет-мағозаи Amazon.com Inc кушода шудани кейс мебошад, ки вай номи "мағозаи бе хазина"-ро соҳиб шудааст. Савдои чаканаи офлайн ва онлайни корхона сарфаи хароҷотро тақрибан то 60 % таъмин мекунад. Бизнес-модели мағозаи "боақл" айни ҳол хусусияти пилотиро дорад, аммо бо дарназардошти афзоиши даромади аҳолӣ, қобилияти харидорӣ, ба таври васеъ истифода бурдани смартфонҳо бо видеокамераҳо ва пайвастшавӣ ба шабакаи глобалии Интернет вай рақобати сазоворро ба шаклҳои муқаррарии савдо пешниҳод мекунад.

Ҳамаи ин гуфтаҳоро хулосабандӣ намуда, қайд намудан мумкин аст, ки номгӯи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана хеле фарох аст. Аксари онҳо дар савдои чаканаи ҷаҳонӣ бештар тараққӣ намудаанд, дар савдои чаканаи ватанӣ бошад доир ба баъзе аз қарорҳои рақамии мушаххас ақибмондагӣ ба назар мерасад. Ин бо он асос меёбад, ки роҳбарони шабакаҳои савдо ба манфиатнокии он то нобоварона нигоҳ мекунанд. Новобаста ба ин, тамоюли рушди савдои чаканаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки гузариши босуръат ба платформаҳои рақамӣ ва хизматрасониҳои нисбатан сифатноки рақамӣ дар кишвари мо низ, бахусус дар шаҳрҳои бузургтар, ба монанди Душанбе ва Хуҷанд амалӣ гашта истодааст.

Рушди минбаъдаи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана ҳамчунин аз бисёр ҷиҳат аз ҳолат ва дастрасии инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионӣ, ташаккули усулҳо ва дараҷаҳои мубориза бо киберҷиноятҳо, рушди воситаҳои мобилӣ ва пайвастшавии беноқил, коркарди стандартҳои ягонаи технологӣ, ҷустуҷӯи манбаъҳои алтернативии энергия ва ғайра вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки солҳои охир технологияҳои рақамӣ рафтори истеъмолгаронро дар тамоми ҷаҳон тағйир дода истодаанд. Таҳқиқоти чанде

пеш гузаронидаи ширкати MasterCard нишон дод, ки навовариҳои технологӣ рушди иқтисодиро ҳавасманд намуда, ба маҳдуд шудани истифодаи пули нақд мусоидат менамоянд. Тибқи таҳлилҳои коршиносон, дар шароити муосир танҳо дар Аврупо зиёда аз 305 миллион смартфонҳои фаъол ба қайд гирифта шудааст, ки анқариб 60%-ашро соҳибонашон барои харидорӣ намудани молу маҳсулот тавассути шабакаи Интернет истифода мебаранд. Барои муқоиса қайд намудан мумкин аст, ки соли 2007 дар Аврупо ҳамагӣ 41 млн. смартфон вуҷуд дошту халос[32].

Субъектҳои савдои чакана маҷбуранд, ки фаъолияти худро ба ин ҳолат мутобиқ намуда, модели тиҷоратиии ширкатҳояшонро дигаргун намоянд. Аз ҷумла, онҳо истифодабарии низоми бисёршабакавии фурӯшро оғоз намуда, дар қатори савдои анъанавӣ бо савдои онлайнро низ роҳандозӣ намуданд.

Роҳбари бахши бозорҳои байналмилалии ширкати MasterCard - Энн Кернс  чунин меҳисобад, ки “Дар марҳилаи рақамӣ интизор меравад, ки мо метавонем харидҳои худро дар вақти дилхоҳ ва дар ҷойи дилхоҳ ба амал оварем. Технологияҳои нав, ба монанди кортҳои бетамос ва таҷҳизоти пардохтӣ барои харидорон аллакай ягон чизи ғайриоддӣ ба ҳисоб намеравад ва таҷрибаи нави истеъмолиро ташкил намуда истодаанд”[33].

Мутахассисони ширкати MasterCard ҳисоб намудаанд, ки кадом омил ҳангоми интихоби усули пардохт барои истеъмолкунанда муҳимтар ба ҳисоб меравад. Аксари истифодабарандагони пурсидашуда “мусоид”-ро номбар намудаанд. Маълум гардид, ки 97 %-и истифодабарандагон пардохтҳои мобилиро барои содда ва осон буданаш истифода мебаранд, барои 87% бошад, пардохт намудан тавассути “фақат як маротиба пахш намудан” мақбул аст ва 84 % бошанд мехоҳанд, пешниҳоди инфиродиро соҳиб шаванд. Истеъмолгарони имрӯза Харидорони имрӯза бештар қулайнокӣ ва тозагӣ (экологичност)-ро меписананд ва ба сарфаи вақт кӯшиш намуда, муносибати инфиродиро талаб менамоянд. Онҳо хеле фаъолона технологияҳои рақамӣ ва каналҳои мухталифро барои соҳибшавӣ ба

---

[32] Цифровизация в розничной торговле / VC.RU [Электронный ресурс] - 2019. - URL: https://vc.ru/u/280516-market-myuzik (дата обращения: 20.08.2020).

[33] Цифровизация в розничной торговле / VC.RU [Электронный ресурс] - 2019. - URL: https://vc.ru/u/280516-market-myuzik (дата обращения: 20.08.2020).

иттилоот истифода мебаранд. Дар умум баландшавии истеъмолот ба назар мерасад, аммо роҳи истеъмолкунанда барои соҳибшави ба молу хизмат бисёрканала шуда истодааст. Ин бошад ба зарурияти тағйирот дар савдои чакана оварда мерасонад. Чи хеле, ки таҷриба нишон медиҳад, барои соҳибшавӣ ба натиҷаҳои баланд ҳангоми воридкунии чунин дигаргуниҳо муносибати маҷмӯӣ лозим аст. Масалан, дар шабакаҳои савдо мувофиқи мақсад аст, ки нафақат низоми ҳисобкунӣ ва таҳлили рафтори истеъмолкунандагон ворид карда шавад, балки ҳамчунин талаботҳо ба кормандон ва ҳосилнокии меҳнат низ аз сари нав дида баромада шавад.

Бо ёрии технологияҳои рақамӣ самаранокии фаъолияти амалиётиро баланд бардошта, мувофиқан ба ин арзиши молро паст намудан ва онҳоро дар бозор дастрас намудан мумкин аст. Дар баробари ин, бисёре аз субъектҳои савдои чакана чунин меҳисобанд, ки аксари истеъмолгарон ба навгониҳои технологӣ бо нигоҳи хуб муносибат намуда, онҳоро дар объектҳои савдо фаъолона истифода мебаранд. Чунончи, хазинаҳои худхизматрасонӣ, пардохтҳои бетамос, замимаҳои мобилии шабакаҳои савдо дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳарчи бештар маъруфият пайдо карда истодаанд. Дар ин ягон зарра ҷои шубҳа нест, чунки хазинаи худхизматрасониро ҳангоми харидории мол истифода бурдан нисбатан мусоидтар аст. Аввал ин ки, харидор дар навбати дуру дароз наистода, харидро дар вақти кӯтоҳ анҷом медиҳад. Дуюм – харидор мутмаин аст, ки ӯро фиреб намедиҳанд.

Замимаҳои мобилии шабакаҳои савдо низ дар байни истифодабарандагон нисбатан маъруфият пайдо намуда истодаанд. Ин асосан бо он алоқаманд аст, ки истеъмолгар аз хонааш берун набаромада, аз аксияҳои арзоншавӣ, ки шабакаҳои савдо ташкил менамоянд, бохабар мешавад.  Дар аксари чунин замимаҳо функсияи пайвандкунии кортҳои дисконтӣ вуҷуд дорад. Ин аз он ҳисоб хуб аст, ки кортро бо худ доштан зарурат надорад, чунки ҳамаи амалиёт тавассути смартфон сурат мегирад.

Бояд тазаккур дод, ки бозори савдои чакана доимо дар тараққӣ аст, технологияҳо рушд ёфта, ба раванди савдо ва ҳаёти рӯзмарраи ҷомеа дохил шуда истодаанд ва ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти инсон мегарданд.

Харидори чаканаи муосир ин инсонест, ки дар ҳаёти худ душвор карднаи чизеро дӯст намедорад. Барои ба ӯ мақбул шудан, раванди фурӯши мол ва хизматрасониро ҳадди имкон осон ва содда намудан зарур аст. Албатта ба хадамоти таксӣ занг зада, дар кучо чойгир буданашро надониста, мунтазир душвор аст нисбат ба ҳолате, ки дар телефон барномаро кушода, дар харита дидани он, ки айни ҳол мошин дар кучо қарор дорад. Барои харидори оддӣ низ ҳамроҳи худ гирифта гаштани якчанд кортҳои дисконтӣ назар ба дар телефонаш чорикунии барномаи зарурӣ мушкилтар аст. Умуман, ҳар он амале, ки аққалан як чузъи ҳаётро осон ва содда мекунад, аз тарафи истеъмолкунандаи чакана интихоб карда мешавад[34].

Субъектҳои савдои чакана бояд ба одатҳои нави истеъмолгарон вокуниш нишон дода, самтҳои афзалият ва сармоягузории худро вобаста ба он иваз намоянд. Ҳамин тариқ, онҳоро зарур аст, ки диққати худро ба тамоюли тағйирёбии фурӯш тавассути смартфонҳо ва таассуроти харидорон аз ташрифашон ба мағоза равона намоянд. Дар баробари ин, хизматрасонии бисёршабакавиро таъмин намудан зарур аст, чунки мағозаҳои муқаррарӣ то ҳанӯз чои асосии харидкунӣ ба ҳисоб меравандд.

Ҳамин тавр, технологияҳои рақамӣ чунин рафтори харидорони чаканаи имрӯзаро тағйир медиҳад (расми 6):

- усулҳои амалӣ намудани харид дигаргун шуда, харидорон бештар ба савдои электронӣ, аз он чумла ба истифодаи замимаҳои мобилӣ таваччуҳ мекунанд;
- смартфонҳо ба “дӯсти наздик ва беҳтарин”-и харидорон табдил меёбанд;
- яке аз принсипҳои асосии истеъмолгарон зимни хариди мол соддагардонии ҳамаи равандҳо мегардад;
- шабакаҳои ичтимоӣ ба интихоби харидорон бештар таъсир хоҳанд расонид;
- истеъмолкунандагон омода мешаванд, ки ба дастраснамоии тези молҳо маблағи иловагиро диҳанд.

[34] Цифровая революция определяет привычки потребителей PWC / PricewaterhouseCoopers [Электронный ресурс] - 2018. - URL: https:// www.pwc.ru/ru/retail-consumer/publications/retail-rus/gcis-consumer-ru-final.pdf (дата обращения: 20.08.2020).

Хулосаи фасли иҷрошударо оварда, мо қайд карда метавонем, ки дар иқтисодиёт гузариши рақамӣ ба амал омада истодааст ва он дар асоси таъсири пешрафти илмӣ-техникӣ ва гузариш ба технологияҳои рақамӣ, ки ташаккул, коркард ва мубодилаи иттилоотро дар шакли электронӣ дар назар дорад, асос ёфтааст.

| | |
|---|---|
| **Таъсири технологияҳои рақамӣ ба рафтори харидорони** | усулҳои амалӣ намудани харид дигаргун шуда, харидорон бештар ба савдои электронӣ, аз он ҷумла ба истифодаи замимаҳои мобилӣ таваҷҷуҳ мекунанд |
| | смартфонҳо ба “дӯсти наздик ва беҳтарин”-и харидорон табдил меёбанд |
| | яке аз принсипҳои асосии истеъмолгарон зимни хариди мол соддагардонии ҳамаи равандҳо мегардад |
| | шабакаҳои иҷтимоӣ ба интихоби харидорон бештар таъсир хоҳанд расонид |
| | истеъмолкунандагон омода мешаванд, ки ба дастраснамоии тези молҳо маблағи иловагиро диҳанд |

Расми 6. Таъсири технологияҳои рақамӣ ба рафтори харидорон

Дар натиҷаи татбиқи технологияҳои рақамӣ самтҳои нав ва муосири бизнес, стратегияҳои корӣ, бизнес-моделҳо пайдо мешаванд, ки онҳо татбиқи худро дар бахши бозорҳои виртуалӣ, тиҷорати электронӣ, молҳои электронӣ, хизматрасониҳо ва пардохтҳо меёбанд. Технологияҳои рақамӣ босуръат тараққӣ ёфта истодаанд, чунки самараи баланди иқтисодиро дар асоси ҳамгироии дастовардҳои Интернет ва ҷанбаҳои инноватсионӣ ба фаъолияти иқтисодӣ дар веб-фазо нишон дода истодаанд.

Технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор доранд, аммо аллакай мавқеи махсусро дар ҳаёти одамон соҳиб шуда истодаанд. Маҳз технологияҳои рақамӣ дар бозори чакана барои фаъолияти самараноки субъектҳои он, махсусан дар шароити пешгирӣ аз паҳншавии бемории сироятии нави короновирус COVID-19 мусоидат мекунанд.

Тағйирот дар савдои чакана дар натиҷаи ҷорӣ шудани технологияҳои рақамӣ хусусияти барногаштаниро дорад ва он зарурати дар оянда таҳқиқ намудани ин масъала ва рақамикунии савдоро ба миён меорад.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷии рақамикунонии равандҳои иқтисодиёт ва савдои чакана

Бояд қайд намоем, ки масъалаи хеле муҳим дар раванди таҳқиқи мавзӯи диссертатсия – ин омӯзиши таҷрибаи пешқадами мамолики хориҷӣ ба ҳисоб меравад, зеро раванди рақамиккунонии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз он ҷумла савдои чакана дар ин кишварҳо вобаста ба сабабҳои маълум нисбат ба ҷумҳурии мо пештар оғоз гардид ва онҳо аллакай дорои таҷрибаи ғанӣ мебошанд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки барномаҳои давлатӣ, стратегияҳои рушд ва ҳавасмандгардонии технологияҳои рақамӣ ва рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои саноат дар шароити муосир дар даҳҳо кишварҳои ҷаҳон, аз он ҷумла дар сатҳи байнидавлатӣ таҳия ва амалӣ шуда истодаанд. Дар робита ба ин, барномаҳои миллии мамлакатҳои пешсаф дар самти гузариши рақамӣ, бахусус кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Ҷопон, Ҷумҳурии Корея ва Чинро барои муайян кардани афзалиятҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва имконияти истифодаи таҷрибаи онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамоем.

Мавриди зикр аст, ки танҳо дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо аз рӯи маълумотҳои расмӣ дар оғози соли 2019 зиёда аз 30 барномаҳои миллӣ ва минтақавӣ оид ба рақамикунонии саноат амалӣ мегаштанд. Дар сатҳи миллӣ, тибқи иттилои Комиссияи Аврупоӣ, чунин барномаҳо ва ташаббусҳо амалӣ шуда истодаанд[35]:

- Австрия – Industrie 4.0 Oesterreich;
- Белгия – Made different – Factories of the future;
- Венгрия – IPAR4.0 National Technology Initiative;
- Олмон – Industrie 4.0;

[35] Coordination of European, national & regional initiatives // European Commission [Electronic resource]. – Mode of Access: https://ec.europa.eu/ digital-single-market/en/cordination-european-national-regional-initiatives. – Date of access: 28.10.2020.

- Дания – Manufacturing Academy of Denmark (MADE);
- Испания – Industria Conectada 4.0;
- Италия – Industria 4.0 и Fabbrica Intelligente;
- Литва – Pramonė 4.0;
- Люксембург – Digital For Industry Luxembourg;
- Нидерландия – Smart Industry;
- Полша – Initiative and Platform Industry 4.0;
- Португалия – Industria 4.0;
- Словакия – Smart Industry;
- Франсия – Alliance pour l'Industrie du Futur;
- Чехия – Průmysl 4.0;
- Шветсия – Smart Industry.

Яке аз пешоҳангони раванди рақамикунонӣ ва идеологи асосии консепсияи «Саноат 4.0» Олмон ба ҳисоб меравад, ки ҳанӯз соли 2011 стратегияи давлатиро бо номи Industrie 4.0 расман муаррифӣ намуда буд.

Дар натиҷаи татбиқи барномаи Industrie 4.0 дар марҳилаи то соли 2020 дар Олмон ба нақша гирифта шуда буд, ки ҳосилнокии меҳнат ба ҳисоби миёна 18 % баланд бардошта шавад. Дар баробари ин сатҳи рақамикунонии кишвар бояд то соли 2021 82 % баланд бардошта мешуд. Қабули қарор дар асоси маълумот ва моделҳои рақамӣ бошад то 90 % дар соли 2020 дар муқоиса бо 52%-и соли 2016 пешбинӣ гардида буд. Бо мақсади татбиқи лоиҳаи Industry 4.0 дар Олмон 2020 маблағгузорӣ дар андозаи қариб 900 миллиард доллари ИМА дар назар дошта шудааст. Маблағгузорӣ бояд ба технологияҳои рақамӣ, таҷҳизоти алоқа, барнома ва замимаҳо, низомҳои идоракунии истеҳсолот, омӯзонидани кормандон ва ғайраҳо равона карда шавад[36].

[36] Плакиткин, Ю. А. Мировой инновационный проект «Индустрия-4.0» – возможности применения в угольной отрасли России. 1. Программа «Индустрия-4.0» – новые подходы и решения / Ю. А. Плакиткин, Л. С. Плакиткина // Уголь. 2017. - № 10. - С. 44–51.

Ба ғайр аз консепсияи умумии Industrie 4.0 дар Олмон дигар стратегияҳо ва барномаҳои ба ҳамин монанд таҳия ва роҳандозӣ шуда истодаанд, чунончи Smart Networking Strategy, ки дар заминаи он барномаи Digital Agenda муаррифӣ шуда буд.

Дар Фаронса моҳи июли соли 2015 «Алянси саноати оянда» (Alliance pour l'Industrie du Futur) ташкил ёфт ва он ташкилотҳои мухталифро аз ҳисоби бахши хусусӣ, муҳити илмӣ ва як қатор муассисаҳои давлатиро дар бар мегирад.

Дар стратегияи нави Британияи Кабир (UK Digital Strategy 2017)[37], ки 01 марти соли 2017 нашр гардида буд, ҳафт самт нишон дода шудааст: инфрасохтори рақамӣ, дастрасӣ ба маълумоти рақамӣ барои ҳар як нафар, шароити беҳтарин барои соҳибкорӣ тавассути интернет, кӯмак ба тиҷорат барои рақамикунонӣ, бехатарии киберфазо, хизматрасонии давлатии онлайн, истифодаи маълумотҳои ҷамъшуда дар иқтисодиёт. Дар нақша гирифта шудааст, ки панҷ маркази технологӣ барои дастгирии ташаббусҳо ташкил карда шаванд. Ба аҳолӣ ҷиҳати омӯзиш ва азхудкунии малака ва маҳорати рақамӣ хизматрасониҳои ройгон пешниҳод карда мешавад. Дар корҳои илмию таҳқиқотӣ роҷеъ ба робототехника ва тафаккури сунъӣ 17,3 миллион фунт маблағгузорӣ карда мешавад. Интизор меравад, ки дар соли 2035 давлат аз маблағгузориҳои равонакардашуда 654 миллиард фунт даромад ба даст меоварад.

Дар шароити муосир зинаи муҳими асосии сиёсати саноатии Нидерландияро Барномаи фаъолият дар соҳаи “саноати боақл” (Smart Industry Action Agenda 2015) ташкил медиҳад. Хусусияти ин барнома – сохтани экосистемаҳои самаранок (smart ecosystems), шабакаҳои ширкатҳои хусусӣ ва муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ мебошад. Дар амалия ин ташкилкунии лабораторияҳо (field labs), объектҳои инфрасохтори саноатию технологӣ буда, дар таркиби он ширкатҳои хусусӣ ва ташкилотҳои давлатии

---

[37] UK Digital Strategy 2017 // UK Government [Electronic resource]. – Mode of Access: https://www.gov.uk/government/publications/uk-digital-strategy/uk-digital-strategy. – Date of access: 28.10.2020.

илмию таҳқиқотӣ ба таври муштарак қарорҳои самаранок ва маҳсулоти саноати “боақл”-ро коркард, санҷиш ва татбиқ менамоянд. Зимни ин муносибати байнифаннӣ истифода бурда мешавад: field labs бояд кори муштараки самараноки ширкатҳои баландтехнологӣ ва муассисаҳои таҳқиқотиро аз соҳаҳои мухталифи саноат, соҳаи хизматрасонӣ ва бахши кишоварзӣ (бахши кишоварзии Нидерландия яке аз истеъмолгарони асосии технологияҳои нав ба ҳисоб меравад) таъмин намояд[38].

Бояд қайд кард, ки Ҷопон хавфи аз даст додани рақобатпазирии ҷаҳониро вобаста аз баландшавии суръати рушди технологияҳои рақамӣ дар амалияи тиҷорати мамлакатҳои пешрафта ҳис мекунад. Дар Ҷопон ҳуҷҷати асосии давлатие, ки мақсад ва вазифаҳои дарозмуддати кишварро дар самти рушди технологияҳои рақамӣ муайян менамояд, Smart Japan ICT Strategy[39] мебошад, ки вай моҳи июни соли 2014 қабул шудааст. Асоси стратегияи ҷопониро тавлиди инноватсияҳо бо роҳи пайвасткунии ашёҳо ва хизматрасонӣ тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ташкил медиҳад. Дар ин стратегия се самти афзалиятнок нишон дода шудааст:

- фаъолгардонии кори минтақаҳо тавассути рушди лоиҳаҳои шаҳрҳои “боақл”, ташаккули заминаи иттилоотӣ оид ба маҳалҳои аҳолинишин;
- ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ бо роҳи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаҳои тиб, маориф, бартараф намудани пасомадҳои ҳодисаҳои нохуши табиӣ ва ғайра;
- таъмини дастрасии умумии ройгон ба шабакаи беноқил, ташаккули низоми тарҷумаи овозии такмилдодашудаи бисёрзабона дар доираи Лоиҳаи глобалии коммуникатсионӣ ва амалигардонии ташаббусҳои дигар бахшида бозиҳои Олимпии тобистона дар Токио.

---

[38] Шмелев, П. Цифровая трансформация: время первых / П. Шмелев // Газпром нефть [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.gazprom-neft.ru/press-center/sibneft-online/archive/2018-may/1589540/.

[39] Smart Japan ICT Strategy // Ministry of Internal Affairs and Communications [Electronic resource]. – Mode of Access: http://www.soumu.go.jp/ main_content/000301884.pdf.

Соли 2016 ҳамчунин барномаи стратегии Ҷопон таҳти унвони “Нақшаи заминавии панҷуми рушди илмию техникӣ» (The 5th Science and Technology Basic Plan)[40] нашр гардид. Ҷопон барои он, ки аз дигар кишварҳо ақиб намонда, мавқеи кишвари пешсафро соҳиб шавад, бештар ба рушдизахираи стратегии муҳимтарин – сармояи инсонӣ ва ташаккули Super Smart Society 5.0 («Ҷомеи баландзеҳн» ё «Ҷомеи 5.0») аҳамият медиҳад. Дар назар дошта шудааст, ки вусъат бахшидани суръати рушди иқтисодиро аз ҳисоби мусаллаҳкунии пурраи технологии саноат дар заминаи платформаҳои шабакавии умумӣ, ки барои ҳар як соҳа ташкил карда шуда, омезиш ва ҳамкории онҳо, низоми киберфизикӣ ва технологияҳои интернет-ашёҳоро фарогир аст, ба даст оварда мешавад.

Ҳукумати Чин пайваста гузариши рақамиро роҳандозӣ мекунад. Моҳи марти соли 2015 стратегияи миллии «Интернет+» (Internet Plus) ҷорӣ гардида буд. Дар ин стратегияи ҳамгиройӣ якчанд самтҳои калидии рушди минбаъдаи технологияҳои рақамӣ дар алоқамандӣ бо дигар соҳаҳои саноат, бахши кишоварзӣ, соҳаи молиявӣ ва ниҳодҳои давлатӣ нишон дода шудааст. Ҳамчунин аз соли 2015 барномаи давлатии ҶХЧ “Дар Чин истеҳсол шудааст 2025” (Made in China 2025, 中国制造2025) амалӣ шуда истодааст, ки мақсади он нигоҳдории мақоми “фабрикаи ҷаҳонӣ” бо ёрии технологияҳои нав мебошад. Тибқи маълумоти расмӣ, бевосита ба ин Барнома 1078 лоиҳа муносибат доранд, ки барои амалишавии онҳо Пекин 577 ташкилот: 112 донишгоҳ, 225 муассисаҳои давлатии илмию таҳқиқотӣ ва 220 ширкатро маблағгузорӣ мекунад[41]. Ғайр аз ин, моҳи июли соли 2017 аз тарафи Шӯрои давлатии ҶХЧ “Нақшаи миллии ҳавасмандгардонии коркардҳои технологӣ дар соҳаи тафаккури сунъӣ” тасдиқ гардид. Дар назар дошта шуда буд, ки соли 2020 Чин бояд бо “кишварҳои асосии пешсаф дар соҳаи коркарди

[40] Report on The 5th Science and Technology Basic Plan (December 18, 2015) // Council for Science, Technology and Innovation. Cabinet Office, Government of Japan [Electronic resource]. – Mode of Access: https://www8.cao.go.jp/cstp/ kihonkeikaku/5basicplan_en.

[41] Сделано в Китае – 2025: кто придёт на смену мировой фабрике? // China Logist [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://chinalogist.ru/articles/sdelano-v-kitae-2025-kto-pridyot-na-smenu-mirovoy-fabrike-12708.

тафаккури сунъӣ баробар шавад", худи технологияҳои тафаккури сунъӣ бошанд, бояд муҳаррики нави рушди иқтисодии ҶХЧ гарданд.

Аз соли 2025 Ҳукумати кишвар технологияҳои тафаккури сунъиро ҳамчун "пешбарандаи асосии иқтисоди Чин" қабул менамояд ва интизор аст, ки аз ҳисоби онҳо ҷаҳишҳои муҳимтарини илмию технологӣ бояд ба амал ояд. Дар ниҳоят, соли 2030 бояд мақсади асосӣ ба даст оварда шавад: соҳибшавии ҶХЧ ба пешсафи ҷаҳонии инноватсионӣ дар соҳаи технологияҳои тафаккури сунъӣ.

Агар доир ба нишондиҳандаҳои мушаххаси микдории саноати технологияҳои тафаккури сунъии ояндаи чинӣ назар афканем, аллакай соли 2025 ҳаҷми умумии он бояд аз ба 400 миллиард юан ва дар соли 2030 сатҳи муҳими психологӣ – 1 триллион юан (тақрибан 150 миллиард доллари ИМА)-ро соҳиб шавад.

Дар Чин низоми воситаҳои дастгирии давлатӣ амалӣ мегарданд, ки ба рушди технологияҳои рақамӣ нигаронида шудааст: танзими андозӣ, маблағгузории давлатӣ, таҳияи стандартҳои ягона, амалигардлонии лоиҳаҳои озмоишӣ. Корхонаҳои соҳаи технологияҳои пешрафта андоз аз фоидаро бо меъёри имтиёзнок пардохт мекунанд (15 % дар муқоиса бо меъёри стандартии 25 %), таълифгарони таъминоти барномавӣ бошанд, ду сол аз пардохти андоз озод буда, се соли дигар 50 %-и онро пардохт мекунанд. Аз тарафи давлат фонди дастгирии корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ ва коркарди замимаҳо ва хизматҳо тавассути пешниҳоди грантҳо ва кӯмаки қарзӣ ташкил карда шудааст.

Тиҷорати электронӣ самаранокии баландро дар асоси дастовардҳои Интернет ва муносибатҳои инноватсионӣ ба ташкили хизматрасонии мизоҷон нишон медиҳад, ки онро аз таҷрибаи ташаккулёбии платформаҳои рақамӣ дар мисоли Чин дидан мумкин аст. Рушди босуръати тиҷорати электрониро дар Чин бо номи "феномени Шатсзи" ном мебаранд[42].

---

[42] Загеева Л.А. Big Data и бизнес - новые возможности [Текст] / Л. А. Загеева, Л. В. Близнюк *II* Инновационная экономика и право. - №. 2(7). - С. 21-25.

Шатсзи – ин мавқеи аҳолинишинест, ки ба таркиби он деҳаи Дунфэн дохил мешавад, ки  дар миёнаҳои солҳои 2000-ум як нафар сокини он интернет-мағозаеро оид ба фурӯши мебел ташкил карда буд. Дигар ҳамдеҳаҳояш низ аз ӯ ибрат гирифтанд, ки дар натиҷа дар охири соли 2010 ҳафт интернет-мағоза кушода шуда, зиёда аз 400 хоҷагиҳоро дар Чин ва харидорони дигарро аз давлатҳои ҳамсояи он фаро гирифт. Дар як муддати кӯтоҳи вақт мақоми макони аҳолинишин аз деҳаи чорводор ба макони аҳолинишини инфрасохтораш тараққикарда табдил ёфт, ки дар он корхонаҳои коркарди коғаз, фабрикаҳои маҳсулоти металлӣ, ширкатҳои нақлиётӣ ва анборӣ пайдо шуданд. Алҳол Шатсзи яке аз аввалин "деҳаҳои Taobao" мебошад, ки дар он зиёда аз 10 %-и хоҷагии хонаводагӣ бо тиҷорати электронӣ машғул аст.

Taobao зиёда аз 2000 деҳаҳоро фаро гирифтааст, ки дар он бо интернет-савдо зиёда аз 70000 нафар машғуланд. Ба ҳар як мағозаи виртуалӣ ба ҳисоби миёна 2,5 нафар корманд мувофиқ меояд, сеяки соҳибони он намояндагони занҳо, панҷякашро бошад, собиқ бекорон ташкил медиҳанд. Тақрибан 1%-и соҳибкорон шахсони бо имкониятҳои маҳдуд мебошанд. Дар шароити муосир платформаи савдои виртуалии Taobao ба сохтори корпоратсияи чинии Alibaba Group – калонтарин ширкати ҷаҳонии интернетӣ дохил аст[43].

Ҳуҷҷати асосии давлатӣ дар соҳаи сиёсати илмию технологии Ҷумҳурии Корея "Нақшаи сеюми заминавии рушди илм ва технологияҳо" ба ҳисоб меравад, ки он аз соли 2013 то соли 2017 амалӣ шуда буд.  Дар он ба таври алоҳида стратегияи рушди босуръати "13 муҳаррики ояндаи рушд" (13 Future Growth Engines) қайд карда шудааст ва ҳар яки ин соҳаҳо ва бахшҳои нав ба қатори "технологияҳои рақамии пешсаф" дохил мешаванд: маълумотҳои калонҳаҷм, алоқаи насли ояндаи 5G, тафаккури сунъӣ, автомобилҳои беронанда, дронҳо, хизматрасониҳои инфиродии тиббӣ, технологияҳои шаҳри "ҳушманд", воқеияти виртуалӣ, роботҳои "ҳушманд",

[43] Шнорр Ж.П. Инновации в розничной торговле как фактор повышения конкурентоспособности в условиях глобализации экономики [Текст] / Ж. П. Шнорр *II* Экономика и управление: теория и практика : сб. науч. труд. - 2018. - Т. 4,- №. 4(4.1). - С. 73-81.

нимноқилҳои “ҳушманд”, маводҳои навтарин, доруворихои инноватсионӣ, манбаҳои барқароршавандаи энергия. То соли 2022 барои тараққиёти онҳо тақрибан 7 миллиарду 382 миллион доллар чудо шуда, дар соли 2025 барои ин соҳаҳо ташкили 550 000 ҷойи кори нав ба нақша гирифта шудааст. Дар баробари ин, барномаи махсуси Manufacturing Innovation 3.0 Strategy татбиқ карда шуда истодааст, ки вай ба интернет ашёҳо, технологияҳои чопи 3D ва BigData такя мекунад[44].

Дар Ҷумҳурии Корея таҳти дастгирии фаъолонаи давлат ширкатҳои бунёдӣ мустақилона ба технологияҳои рақамии пешрафта сармоягузорӣ карданро оғоз намудаанд. Масалан, яке аз операторҳои бузургтарини ин давлат – SKT доир ба сармоягузориаш ба технологияҳои тафаккури сунъӣ ва интернет-ашёҳо зиёда аз 4 миллиард доллари ИМА эълон намуд. Оператор зарурати ҳамкориро дар тараққиёти технологияҳои нав қайд намуда, ҷалбкунии стартапҳои маҳаллиро барои ҳалли масъалаҳои дақиқ ба нақша гирифтааст.

Дар ИМА бошад, Барномаи ягонаи давлатии рушди технологияҳои рақамӣ вуҷуд надорад, аммо дар солҳои мухталиф якҷоя бо соҳибкорони инфиродӣ ва ҷомеаи илмӣ ташаббусҳои технологии махсус ҷорӣ шуда буданд. Ба сифати намуна чунин ташаббусҳои федералиро дар соҳаи ҳисобкуниҳои абрӣ (дар соли 2009) ё барномаи президент Б.Обама доир ба ташкилкунии шабакаҳои нави истеҳсолоти саноатии пешсаф (AMP – Advanced Manufacturing Partnership, дар соли 2011) бо иштироки вазоратҳои калидии федералӣ ва ширкатҳои технологии бузургтарини ИМА-ро овардан мумкин аст. Барнома сармоягузории зиёда аз 500 миллион долларро ба чунин соҳаҳои калидӣ: ташкили базаи истеҳсолии ватанӣ барои соҳаҳои амнияти миллӣ муҳим – сохтани батареяҳои пурикудрати сайёр; биомаводҳо ва маводҳои композитии пешрафта; сарчашмаҳои алтернативии энергияи тоза;

[44] Kallio, J. Digital Disruption of Industry: Case Korea. Disruption Brief No. 6, 25 August 2016 / J. Kallio // Aalto [Electronic resource]. – Mode of Access: https://editors.aalto.fi/en/midcom-serveattachmentguid-1e66ab0724c9bca6ab011e694b2f7d48f8b4c534c53/disruptionbrief_no06_countryreportsouthkorea_v1.1.pdf.

камкунии вақти коркард ва воридкунии маводҳои муосир; сармоягузорӣ ба ташкилкунии насли оянддаи робототехника; коркарди равандҳои истеҳсолотии каммасраф дар назар дорад[45].

Ғайр аз ин, бо ташаббуси як қатор намояндагони соҳибкории хусусӣ (пеш аз ҳама – GE, AT&T, IBM, Intel ва Cisco) моҳи марти соли 2014 Консорсиуми интернети саноатии махсус (Industrial Internet Consortium (IIC)) таъсис дода шуд. Ба сифати миссияи асосии он "суръатбахшии рушд, татбиқи саноатӣ ва паҳнкунии васеи машинҳо, таҷҳизот, инчунин таҳлилгарони зеҳнии бо ҳам пайвасткардашуда, яъне интернет-ашёҳои саноатӣ" эълон гардид[46].

Россия низ кӯшиш намуда истодааст, ки аз рақибони худ қафо намонад. Моҳи майи соли 2017 Стратегияи рушди ҷомеаи иттилоотӣ[47], моҳи июли ҳамон сол бошад – Барномаи "Иқтисоди рақамии Федератсияи Россия" тасдиқ гардид[48]. Дар ин барнома мақсад, вазифаҳо, самтҳо ва мӯҳлати амалигардонии нишондиҳандаҳои асосии сиёсати давлатӣ доир ба фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати рушди иқтисоди рақамӣ дар Россия муайян карда шудааст. Барои идоракунии ин барнома панҷ самти заминавӣ ва се самти амалии рушди иқтисоди рақамӣ дар Россия дар марҳилаи то соли 2024 муайян карда шудааст.

Ба самтҳои заминавӣ танзими меъёрӣ, кадрҳо ва маориф, ташаккули масъулияти таҳқиқотӣ ва техникӣ, инфрасохтори иттиллотӣ ва амнияти иттилоотӣ дохил карда шудааст. Ба самти амалӣ бошад – идораи давлатӣ, "шаҳри ҳушманд" ва тиб шомил карда шудааст. Тибқи ин барнома дар соли

---

[45] President Obama Launches Advanced Manufacturing Partnership. June 24, 2011 // The White House [Electronic resource]. – Mode of Access: https://obamawhitehouse.archives.gov/the-press-office/2011/06/24/president-obama-launches-advanced-manufacturing-partnership.

[46] Industrial Internet Consortium // IIC [Electronic resource]. – Mode of Access: https://www.iiconsortium.org.

[47] Развитие цифровой экономики в России. Программа до 2035 г. // Информационно-аналитический портал Клуба субъектов инновационного и технологического развития России [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://innclub.info/wp-content/uploads/2017/05/strategy.pdf.

[48] Программа «Цифровая экономика Российской Федерации»: Утверждена распоряжением Правительства Российской Федерации от 28 июля 2017 г. № 1632-р // Правительство РФ [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://static.government.ru/media/files/9gFM4FHj4PsB79I5v7yLVuPgu4bvR7M0.pdf.

2024 97 %-и хонаводаҳо дар Федератсияи Россия бояд дастрасии фарохмавҷиро ба интернет (100 Мбит/с) соҳиб шаванд, дар ҳамаи шаҳрҳои калон (1 миллион аҳолӣ ва зиёда аз он) бояд шабакаи устувори алоқаи 5G фарогир бошад, ҳиссаи трафики шабакавии дохилии бахши россиягии интернет, ки тавассути серверҳои хориҷа мегузаранд, бояд 5 %-ро ташкил диҳад. Вазифаҳои асосии он: паҳншавии интернет ба нуқтаҳои дурдасти мамлакат, ҷойгиркунии ҳуҷҷатҳои давлатӣ дар нигоҳдории абрӣ, пешниҳоди 80%-и хизматрасониҳои давлатӣ дар формати электронӣ дар соли 2025, консепсияи 50 шаҳри "ҳушманд", ҷорикунии нақлиёти беронандагӣ дар 25 шаҳр. Ҳамчунин ба нақша гирифта шудааст, ки дар Россия даҳ корхонаи пешсаф дар соҳаи технологияҳои баланд ва ҳамин миқдор платформаҳои рақамӣ барои соҳаҳои асосии иқтисодиёт пайдо мешавад, муасисаҳои олии таълимӣ зиёда аз 120 ҳазор мутахассисонро дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар як сол омода намуда, ҳиссаи аҳолие, ки малакаи рақамиро доро аст, 40 %-ро ташкил хоҳад дод.

Моҳи декабри соли 2017 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон Барномаи давлатии комплексии "Қазоқистони рақамӣ"[49], ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҳар як шаҳрванди кишвар аз ҳисоби истифодаи технологияҳои рақамӣ нигаронида шудааст, тасдиқ карда шуд. Дар солҳои 2018-2022 гузаронидани корҳо аз рӯи панҷ самтҳои калидӣ: рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт, гузариш ба ҳукумати рақамӣ, амаликунии "Роҳи абрешими рақамӣ", рушди сармояи инсонӣ, ташаккули экосистемаи инноватсионӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар доираи самтҳои зикршуда 17 вазифаҳои аввалиндараҷа ва 120 лоиҳа тасдиқ гардид. Ҳамаи лоиҳаҳо ва чорабиниҳое, ки дар доираи Барномаи "Қазоқистони рақамӣ" татбиқ мешаванд, ба таъмини шаффофият ва самаранокии идоракунии давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, беҳтаркунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва тибӣ, инчунин оптимизатсияи муҳити

[49] Об утверждении Государственной программы «Цифровой Казахстан»: Постановление Правительства Республики Казахстан, 12 дек. 2017 г., № 827 // Информационно-правовая система нормативных правовых актов Республики Казахстан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://adilet.zan.kz/rus/docs/P1700000827.

сармоягузорӣ, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва рушди ҳиссаи соҳибкории хурду миёна дар сохтори ММД ёрӣ мерасонад. Вобаста ба ин барнома иқтисоди рақамии Қазоқистон бо суръате пеш меравад, ки вай аз рушди умумии иқтисод дар пеш аст ва дар соли 2025 мамлакати мазкур бояд мавқеи 30-юмро дар рейтинги рақобатпазирии рақамии байналмилалӣ соҳиб шавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Белоруссия низ гузариши рақамиро афзалияти калидии рушди иқтисоди миллӣ муайян намудааст. Белоруссия дар миқёси собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар сатҳи рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсонӣ пешсаф ба ҳисоб меравад. Стратегияи кишвар дар асоси ташаккули шароити максималии ҷалбкунанда барои кори IT-ширкатҳои пешсаф, бартараф намудани монеаҳо барои татбиқи технологияҳои нав, ташаккули экосистемаи инноватсияҳо ба роҳ монда мешавад.

Стратегияи рушди иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Белоруссия барои солҳои 2016-2022, ки аз қониби Шӯрои Вазирон санаи 03 ноябри соли 2015 тасдиқ карда шудааст[50], мақсади асосии рушди минбаъдаи иттилоотониро дар Ҷумҳурии Белоруссия чунин муайян намуд: ташаккули шароит барои мусоидат кардани гузариши соҳаҳои фаъолияти инсонӣ зери таъсири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла ташаккули иқтисоди рақамӣ, рушди ҷомеи иттилоотӣ ва ташаккули ҳукумати электронии Ҷумҳурии Белоруссия.

Дар даҳсолаи охир кӯшишҳои муайян доир ба таҳияи барномаҳои рақамии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ андешида шуда истодааст, яъне ҷустуҷӯи ҳалли самараноки муштарак ва механизмҳои танзими равандҳои рақамикунонӣ дар сатҳи байнидавлатӣ амалӣ мегардад. Дар ин самт кишварҳои Иттиҳоди Аврупо пешсаф мебошанд, ки роҳбарони онҳо ба

[50] Стратегия развития информатизации в Республике Беларусь на 2016–2022 годы: утв. на заседании Президиума Совета Министров от 03.11.2015 № 26 // Портал об электронном правительстве и госуслугах онлайн в Беларуси [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://e-gov.by/zakony-i-dokumenty/strategiya-razvitiya-informatizacii-v-respublike-belarus-na-2016-2022-gody.

сифати вазифаи асосии дарозмуддат ташаккули бозори ягонаи рақамии Аврупоро (digital single market) муайян намудаанд[51].

Соли 2010 дар доираи татбиқи стратегияи умумии «Аврупо 2020» аз тарафи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ташаббуси махсуси «Аврупои рақамӣ» (Digital Europe) ҷорӣ шуда буд, ки дар он диққати асосӣ ба ҳавасмандгардонии рушди умумиаврупоии интернет-иқтисодиёт равона карда шудааст. Ҳамон сол “Барномаи рақамӣ барои Аврупо” (Digital Agenda for Europe) нашр гардид, ки он таҳияи равишҳои умумӣ ва афзалиятҳои кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупоро дар муносибат бо рушди минбаъдаи бахшҳои рақамии иқтисоди аврупоӣ ва чорабиниҳо оид ба ҳавасмандгардонии инноватсияҳои рақамиро дар назар дошт. Моҳи апрели соли 2016 Комиссияи аврупоӣ ташаббуси нави маҷмӯавии Digitalsing le market – digitising European industry-ро ба нашр расонд, ки дар он гурӯҳи васеи восита ва механизмҳои дастгирии минбаъдаи рақамикунонии саноат ва бахши хизматрасонии аврупоӣ қайд шуда буд[52].

Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD) Стратегияи рушди бозори рақамии умумиро қабул намуд.  Аз тарафи кишварҳои АСЕАН бошад соли 2015 Нақшаи умумӣ оид ба рушди ТИК тасдиқ гардид.

Чунин кор дар фазои собиқ шӯравӣ низ амалӣ гашта истодааст. Бо қарори Шӯрои роҳбарони ҳукумати ИДМ аз 28 октябри соли 2016 Стратегияи ҳамкории кишварҳо-иштирокдорони ИДМ дар ташаккул ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар марҳилаи то соли 2025 ва Нақшаи амал оид ба татбиқи он тасдиқ гардид. Ин аллакай дуюмин ҳуҷҷати стратегии ИДМ доир ба ҳамин самт мебошад, зеро нахустин ҳуҷҷат соли 2012 қабул шуда буд. Моҳи декабри соли 2016 дар Санкт-Петербург роҳбарони давлатҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё(ИИАО) ариза оид ба барномаи рақамии

---

[51] Construire l'Europe industrielle du numérique: Discours du Président de la Commission européenne, Jean-Claude Juncker, à la conférence franco-allemande sur le numérique à Paris. Paris, le 27 octobre 2015 // European Commission [Electronic resource]. – Mode of Access: http://europa.eu/ rap-id/press-release_ SPEECH-15-5938_fr.htm.

[52] Digitising European Industry // European Commission [Electronic re-source]. – Mode of Access: https://ec.europa.eu/digital-single-market/en/ policies/digitising-european-industry.

Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиёро қабул намуданд, ки дар он кӯшиши таъмин намудани шартҳои зарурииро барои ташаккули “Барномаи рақамии ИИАО” баён намуданд, 11-уми октябри соли 2017 бошад, самтҳои асосии барномаи рақамии иттиҳодро то соли 2025 тасдиқ намуданд. Ба самтҳои асосии рушди иқтисоди рақамӣ дар доираи ИИАОдохил мешавад:

- гузариши рақамии соҳаҳои иқтисодиёт ва гузариши байнисоҳавӣ;
- гузариши рақамии бозори маҳсулот, хизмат, сармоя ва меҳнат;
- гузариши рақамии равандҳои идоракунӣ ва равандҳои ҳамгироӣ;
- рушди инфрасохторҳои рақамӣ ва таъмини амнияти равандҳои рақамӣ.

Ҳар як самт доираи махсуси масъалаҳои ҳамкориро ҳангоми баррасии ташаббусҳо дар соҳаи рушди иқтисоди рақамӣ муайян мекунад. Тарафҳо доираи умумии самтҳоро барои ба низом даровардани пешниҳодҳо оид ба ҳамкорӣ дар доираи Барномаи рақамӣ, омодакунӣ ва татбиқим лоиҳаҳои муштарак истифода мебаранд.

Таҳлили барномаҳои гузариши рақамии иқтисоди кишварҳои пешрафта имконияти муайянкунии самтҳои калидии онро медиҳад, ки онҳоро ба сифати афзалиятҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб кардан мумкин аст:

- ташаккули қонунгузории рақамии миллӣ;
- маблағгузории давлатии лоиҳаҳои рақамии пешрафта;
- муътадилкунии танзими андозӣ ва муҳити сармоягузорӣ;
- шаффофӣ ва самаранокии идоракунии давлатӣ, баланд бардоштани шуғл;
- таъмини амнияти кибермуҳит;
- рақамикунонии саноат дар базаи низомҳои киберфизикӣ, тафаккури сунъӣ, интернет-ашёҳо, 3D-чоп бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат;
- бахши кишоварзии рақамӣ (заминдории дақиқ ва чорводории рақамӣ, агроработҳо ва ғайраҳо);
- маълумотҳои калонҳаҷм ва алоқаи 5G;

- шабакаҳои барқии “ҳушманд” ва барандаҳои пуриқтидори энергияи барқ, аз ҷумла сайёр;
- шаҳрҳои “ҳушманд”, маориф ва тибби рақамӣ.

Механизми асосии иҷрои барнома – ҳамгирої, аз ҷумла ҳамгироии шабакавӣ, кӯшишҳои тиҷорат ва илм бо таъсири ҳавасмандкунии давлат ба самтҳои калидии ташаккули технологияҳои нави рақамӣ ва инноватсияҳо мебошад.

# БОБИ 2. ТАМОЮЛИ РУШДИ САВДОИ ЧАКАНА ВА САТҲИ РАҚАМИКУНОНИИ ОН ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД

## 2.1. Таҳлили вазъи рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд

Шаҳри Хуҷанд маркази сиёсӣ-маъмурии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ шаҳри дуюми Тоҷикистон мебошад.

Хуҷанд яке аз шаҳрҳои қадимтарин дар Осиёи Миёна мебошад, ки ҳамчун маркази тиҷорат машҳур буд ва аз ин шаҳр «Роҳи бузурги абрешим» мегузашт, ки Осиё ва Аврупоро пайваст мекард.

Хуҷанд ҳамчун шаҳри таърихан куҳани Осиёи Марказӣ, аз рӯйи тадқиқоти олимони бостоншинос, таърихшиносону меъморон якчанд давраи таҳаввулро аз сар гузаронидааст. Давраи якуми сохтмони шаҳр (асрҳои VI-IV то милод) Хуҷанди архаикӣ (қадим) ба ҳисоб меравад, ки мансуб ба замони ҳукмронии сулолаи Ҳахоманишиҳост. Сипас, Хуҷанд дар ҳайати империяи Искандари Мақдунӣ васеъ мешавад ва инкишоф меёбад. Баъди Хуҷандро забт намудани Искандар (асри IV то милод) қалъаи шаҳр мустаҳкам карда мешавад. Давраи сеюми шаҳрсозии Хуҷанд асосан ба асрҳои миёна рост меояд.

Дар солҳои Ҳокимияти шӯравӣ Хуҷанд ба яке аз марказҳои калони иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон табдил ёфт. Соҳаҳои асосии саноат: бофандагӣ, коркарди металл, бинокорй, дӯзандагӣ, хӯрокворӣ. Соли 1982 дар шаҳр зиёда аз 25 корхонаи саноатӣ мавҷуд буд. Комбинати шоҳибофии шаҳр яке аз калонтарин корхонаҳои саноатии ИҶШС буда, 80 % шоҳии Тоҷикистон (зиёда аз 45 навъ ва 500 номгӯйи матоъ)-ро истеҳсол мекард. Соли 1981 комбинати консерви шаҳр 53 млн қуттии консерв мебаровард, ки ин миқдор бо тамоми консерви корхонаҳои Россия дар соли 1913 баробар буд. Дар шаҳр комбинатҳои шир, равған, масолеҳп бинокорӣ, заводҳои шиша, «Торгмаш» (зарфҳои қаҳвапазӣ, термостатҳо ва ғайра), истеҳсоли

зарфҳои сирдор, таъмири автомобил, истеҳсоли маснуоти оҳану бетонӣ, нон, матбаа, фабрикаҳои мебелсозӣ, пойафзолдӯзӣ ва ғайра фаъолият доштанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар натиҷаи буҳрони иқтисодӣ якчанд корхонаҳои бузург, ба монанди корхонаи истеҳсоли "Абрешими Хуҷанд" ва ғайраҳо аз фаъолият бозмонданд. Дар натиҷаи гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ҳоло бештар корхонаҳои хусусӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияташ маҳдуд ва ҷамъиятҳои саҳомӣ ташкилу фаъолият намуда истодаанд. Аз соли 2010 Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" (МОИ "Суғд") бо сармояи ватаниву хориҷӣ ба фаъолият шурӯъ намуд.

Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” ҳамчун қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраргардида таъсис ёфта, дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси иқтисодӣ муҳайе карда шудааст. Намуди МОИ “Суғд” саноатӣ-инноватсионӣ буда, бо ҳадафҳои умумииқтисодӣ, рушди тиҷорати хориҷӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ-техникӣ ба мӯҳлати 25 сол ташкил шудааст. Дар ҳудуди МОИ “Суғд” ташкил намудани инфрасохтори муосири муҳандисию нақлиетӣ, телекоммуникатсионӣ ва истеҳсолии ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани ихтироот ва фановарии ватанӣ, ташкили шабакаи истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза низ дар назар аст.

Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” дар қисмати ҷанубу ғарбии шаҳри Хуҷанд ҷойгир шудааст. Дар ин қитаъаи замин таҳлили геологию геодезӣ ва лоиҳакашӣ анҷом дода шуда, масоҳати умумии он 320 гектарро ташкил медиҳад.

Аз қаламрави вилоят роҳи Хуҷанд-Хуҷанд-Чаноқ бо дарозии 354 км мегузарад, ки қисми шимоли кишварро бо ҷануби он пайваст мекунад. Шоҳроҳи автомобилгарди Хуҷанд-Хуҷанд-Чаноқ ба худ якчанд нақбҳоро, ки дарозии умумиашон зиёда аз 10 километрро ташкил медиҳад дар бар мегирад. Шоҳроҳи мазкур соли 2012 аз нав таъмир ва ба истифода дода шуд.

Тибқи маълумоти расмии Раёсати омори шаҳри Хуҷандии Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Суғд,

аҳолии шаҳр ба санаи 01 январи соли 2020 183,7 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Шумораи қувваи корӣ, ки аз ҷониби хадамоти шуғли аҳолии шаҳри Хуҷанд ба қайд гирифта шудааст, дар соли 2019 ба кор ҷалбшуда ва бекорони расман ба қайд гирифташуда 40,6 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки аз ин 39,5 ҳазор нафар дар соҳаи иқтисод кор карда, 1148 нафар ҳамчун бекор ба қайд гирифта шудааст[53].

Омили амалкунанда, ки ба шумораи аҳолии шаҳри Хуҷанд таъсир мерасонад, муҳоҷирати дохилии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, яъне кӯчидани аҳолӣ барои истиқомати доимӣ, кор, таҳсил.

Дар соли 2019 ба шаҳри Хуҷанд шумораи кӯчидаомадаҳо 681 нафарро ташкил дода, шумораи кӯчидарафтаҳо 1295 нафарро ташкил дод. Коҳиши муҳочират дар ин сол 614 нафарро ташкил дод.

Таҳлил нишон дод, ки вазъи соҳаи иҷтимоию иқтисодии шаҳри Хуҷанд дар давраи таҳлилӣ тадриҷан беҳтар мегардад. Тибқи маълумоти оморӣ, дар аксари соҳаҳои фаъолияти иқтисодиву иҷтимоии шаҳр пешравиҳо ба назар мерасанд.

Ҷадвали 2.1.

Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодию иҷтимоии шаҳри Хуҷанд дар солҳои 2014-2019

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **Соли 2019 ба 2015, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ, ҳазор нафар | 175,4 | 178,1 | 180,2 | 181,7 | 183,7 | 104,7 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ | 638,8 | 761,4 | 942,6 | 1132,4 | 1119,7 | 175,3 |
| Ҳаҷми умумии гардиши савдои чакана, млн. сомонӣ | 1852,8 | 2050,6 | 2441,4 | 2350,,4 | 2587,1 | 139,6 |
| Ҳаҷми хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо ва тараб-хонаҳо, млн.сомонӣ | 158,2 | 172,7 | 188,8 | 201,2 | 218,6 | 138,2 |
| Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ, млн. сомонӣ | 978,9 | 995,8 | 1431,7 | 1230,9 | 1274,3 | 130,2 |
| Шумораи миёнаи кормандон дар соҳаҳои иқтисодиёт, ҳазор нафар | 41,2 | 41,2 | 40,7 | 39,3 | 38,9 | 94,4 |

[53] Омори солонаи шаҳри Хуҷанд. - Раёсати омори шаҳри Хуҷандии Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020. – С 8.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи бекорон, ҳамагӣ, нафар | 733 | 415 | 486 | 468 | 774 | 105,6 |
| Музди миёнаи меҳнати номиналӣ, сомонӣ | 1054,5 | 1111,8 | 1241,7 | 1324,4 | 1430,1 | 135,6 |
| Гардиши савдои хориҷӣ, млн. доллари ИМА | 412,5 | 345,7 | 325,8 | 314,9 | 392,1 | 95,0 |
| Содирот, млн. доллари ИМА | 118,5 | 27,9 | 34,9 | 35,8 | 29,0 | 25,0 |
| Воридот, млн. доллари ИМА | 294,0 | 317,8 | 290,9 | 279,1 | 363,1 | 123,5 |

Дар асоси сарчашмаи зерин таҳия шудааст: Омори солонаи шаҳри Хуҷанд. Раёсати омори шаҳри Хуҷандии Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020.

Андозаи музди миёна дар шаҳри Хуҷанд нисбат ба сатҳи ҳисоби музди миёна дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, пас аз шаҳри Душанбе, аз ҳама баландтарин ба ҳисоб меравад. Масалан, музди миёнаи меҳнат дар ҷумҳурӣ соли 2019 1335,2 сомониро ташкил додааст, ки он дар муқоиса бо музди миёнаи миёнаи шаҳри Хуҷанд 93,4 %-ро ташкил медиҳад.




Расми 7. Музди миёнаи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он дар соли 2019

Дар асоси сарчашмаи зерин таҳия шудааст: Омори солонаи шаҳри Хуҷанд. Раёсати омори шаҳри Хуҷандии Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020.

Дар вилояти Суғд музди миёнаи меҳнат – 1182,7 сомонӣ, ВМКБ – 1200,35 сомонӣ ва НТҶ – 1120,1-ро ташкил додааст, ки вай дар таносуби

фоизӣ 82,7 %, 83,9 % ва 78,3 %-ро аз музди миёнаи меҳнати шаҳри Хуҷанд ташкил медиҳад (расми 7).

Таҳлил нишон дод, ки дар давраи аз соли 2015 то соли 2019 музди миёна то 1,35 маротиба афзуд ва дар соли 2019 ба ҳисоби миёна вай 1430,1 сомониро ташкил дод (соли 2015 он 1054,5 сомониро ташкил медод) (расми 8).




Расми 8. Тағйирёбии музди миёнаи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он дар солҳои 2015 ва 2019

Дар асоси сарчашмаи зерин тахия шудааст: Омори солонаи шаҳри Хуҷанд. Раёсати омори шаҳри Хуҷандии Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020.

Яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати иқтисодии давлат ин паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мебошад. Тибқи маълумотҳои таҳқиқоти сатҳи зиндагии аҳолии шаҳри Хуҷанд, ки аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст, дар соли 2007 43,3%-и аҳолии шаҳрро камбизоатон ташкил медоданд. Солҳои охир ҳолати иқтисодӣ ва некӯаҳволии аҳолии шаҳри Хуҷанд рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, сатҳи камбизоатӣ то 19,2% коҳиш ёфтааст.

Ҳамчунин тамоюли муосири дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз оғози солҳои 2000, бахусус дар 10 соли охир нишон медиҳад, ки дар шаҳри Хуҷанд имкониятҳо ва шароитҳо барои рушди соҳибкорӣ ташкил карда шудааст.

Сиёсати муҳити сармоягузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии қабулшуда ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноке, ки бо рушди иқтисоди шаҳр ва бахши хусусӣ алоқамамандӣ доранд, мусоидат менамояд.

Бозори молҳои истеъмолии шаҳри Хуҷанд дар ҳамалоқамандӣ бо раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд тараққӣ ёфт ва ба соҳаи савдо диққати аввалиндараҷа дода шуд. Дар раванди хусусигардонии объектҳои савдо пастравии нақши бахши давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳои он ба назар расид. Агар дар соли 1991 дар ташаккули гардиши моли чаканаи шаҳри Хуҷанд ҳиссаи корхонаҳои давлатӣ 50%-ро ташкил дода бошад, пас дар давоми қариб 30 сол ин ҳолат куллан тағйир ёфта, ҳиссаи бахши давлатӣ дар савдои шаҳри Хуҷанд дар соли 2019 ҳамагӣ 0,5 %-ро ташкил дод.

Бо гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар бозори истеъмолии шаҳри Хуҷанд дар натиҷаи ташаккули стихиявии инфрасохтори он, шаклҳои фурӯши ғайримагозавии молҳо афзалият пайдо намуданд, ки он ба рушди “гардиши ниҳонӣ” ва пастшавии сифати хизматрасонии савдо сабаб гардид.

Савдои чакана зинаи асосӣ дар низоми бозори истеъмолии молу хизматрасонии шаҳри Хуҷанд ба ҳисоб меравад. Савдои чаканаи шаҳр нақши назаррасро дар ноил шудан ба мақсади асосӣ – таъмини қонеъгардонии пурраи тақозои аҳолӣ ба молу хизматрасониҳо дорад.

Дар марҳилаи аз соли 2015 то 2019 гардиши савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд хислати устуворро соҳиб гардид ва дар нархҳои муқоисавӣ то 1,7 маротиба афзуд. Ҳиссаи шаҳри Хуҷанд дар гардиши ҷумҳуриявии савдои чакана дар соли 2019 қариб 10,3 % ва дар гардиши савдои чаканаи Вилояти Суғд 28,6 %-ро ташкил дод (расми 9).

Дар баробари ин, гардиши савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд ба ҳар як сари аҳолӣ дар соли 2019 4667 сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ба ғайр аз шаҳри Душанбе (6483 сомонӣ), баландтар аст (расми 10).







Расми 9. Вазни хоси ҳаҷми гардиши чаканаи шаҳри Хуҷанд дар гардиши савдои чаканаи ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд дар соли 2019




Расми 10. Ҳаҷми гардиши чаканаи мол ба ҳар нафар аҳолӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он дар соли 2019

Дар асоси таҳлили маълумоти оморӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар таркиби гардиши моли чаканаи шаҳри Хуҷанд аз рӯи намуд ва шаклҳои савдо дар солҳои 2015-2019 ҳиссаи бахши савдои ғайридавлатӣ 99,8 %-ро ташкил додааст. Қайд намудан зарур аст, ки дар сохтори савдои чакана

тамоюли мусбати афзоиши ҳиссаи корхонаҳои савдо ва соҳибкорони инфиродӣ нигоҳ дошта мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити муосир тамоюли рушди нишондиҳандаҳои савдои чакана дар шаҳри Хуҷанд бо ҳаҷми умумӣ, сохтор ва суръати тағйирёбии гардиши чаканаи мол, нишондиҳандаи миёнаи он ба ҳар як сари аҳолӣ, инчунин сатҳи қонеъгардонии талаботи қобили пардохти аҳолӣ ба молҳо асоснок карда мешавад.

Рушди бахши хусусии савдо дар солҳои ислоҳот, афзоиши ҳаҷми фурӯши молҳо дар бозорҳои омехта (ашёвӣ ва озуқаворӣ) ва баландшавии нархи молҳои  истеъмолӣ ба сохтори гардиши моли чаканаи шаҳр таъсир расониданд.

Бояд тазаккур дод, ки новобаста ба беҳтар гардидани сатҳи некӯаҳволии мардум ҳиссаи хароҷотҳо ба маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайриозуқа ва хизматрасониҳо тағйир ёфт. Масалан, агар соли 2015 ҳиссаи хароҷоти аҳолӣ барои харидории маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайриозуқа мутобиқан 40,0 ва 60,0 % ташкил дода бошад, пас дар соли 2019 вазни хоси молҳои озуқаворӣ дар сохтори гардиши чаканаи моли шаҳри Хуҷанд 52,9 % ва вазни хоси молҳои ғайриозуқа ба 47,1 % барорбар гашт (ҷадвали 2.2., расми 11).

Ҷадвали 2.2.

Сохтори гардиши моли чакана аз рӯи гурӯҳҳои мол

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2019 ба 2015, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи молҳо, млн. сомонӣ | 1852,8 | 2050,6 | 2441,4 | 2350,,4 | 2587,1 | 139,6 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| Молҳои озуқаворӣ, млн. сомонӣ | 741,1 | 1004,8 | 1208,5 | 1226,9 | 1367,8 | 184,6 |
| Вазни қиёсӣ, % | 40,0 | 49,0 | 49,5 | 52,2 | 52,9 | - |
| Молҳои ғайриозуқа, млн. сомонӣ | 1111,7 | 1045,8 | 1232,9 | 1123,5 | 1219,3 | 109,7 |
| Вазни қиёсӣ, % | 60,0 | 51,0 | 50,5 | 47,8 | 47,1 | - |

Дар асоси сарчашмаи зерин таҳия шудааст: Омори солонаи шаҳри Хуҷанд. Раёсати омори шаҳри Хуҷандии Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020.







Расми 11. Муқоисаи сохтори гардиши моли чакана дар солҳои 2015 ва 2019

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.2. ва расми 10 маълум мегардад, ки дар марҳилаи таҳқиқшаванда дар сохтори гардиши моли чаканаи шаҳри Хуҷанд, ҳиссаи молҳом озуқаворӣ то 52,9 % афзудааст. Ба андешаи мо, сабаби асоси ин тамоюли манфӣ тадриҷан баланд шудани нархи молҳои озуқаворӣ ва паст шудани сохтори даромади пулии аҳолӣ аз ҳисоби коҳиши қурбӣ асъори миллӣ ба ҳисоб меравад.

Рушди самараноки савдои чакана ба рақобатпазирии тамоми шаҳр ва ғанигардонии буҷети он таъсири мусбат мерасонад. Вобаста ба он, рушди минбаъдаи савдои чакана, ташаккулдиҳии сохтори он вазифаи муҳими иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Мо чунин меҳисобем, ки савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд имкониятҳои васеъро барои боз ҳам рушд ёфтан, зиёд намудани масоҳатҳои савдо, афзоиши ҳиссаи шаклҳои нави корхонаҳои савдои чакана, рушди рақобат байни субъектҳои савдоро соҳиб аст.

Қайд намудан зарур аст, ки барои иҷрои нақша ва динамикаи гардиши мол таъсири назаррасро рушд ва ҳолат, инчунин натиҷадиҳии татбиқи заминаи моддию техникии савдо доранд.

Солҳои охир дар шаҳри Хуҷанд шабакаи супермаркетҳо, сохторҳои савдои ҳамгироишуда, системаҳои иттилоотии автоматикунонидашуда,

низоми пардохти ғайринақдӣ ва ғайраҳо ташаккул ва рушд ёфта истодаанд. Ин тамоюл, дар навбати худ, ҷалби маблағгузориҳои назаррасро талаб мекунад.

Таҳлили заминаи моддию техникии савдо дар шаҳри Хуҷанд нишон медиҳад, ки таъминоти техникии баъзе аз корхонаҳои савдои чакана нисбатан паст аст, илова бар ин талаботи соҳа оид ба таҷҳизоти савдою технологӣ ва нақлиётию борбардорӣ на ҳама вақт қаноатбахш аст. Бинобар ин, беҳтаркунии истифодаи иқтидори мавҷудаи мошинҳо, саривақт ва пурра таъмин намулани корхонаҳои савдо бо таҷҳизот ва техникаи муосир хеле муҳим аст.

Ғайр аз ин, аз тарафи мо таҳлили арзиши қисми фаъоли воситаҳои асосии истеҳсолӣ ба сад метри квадратии масоҳати савдо гузаронида шуда, баҳогузории муҷаҳҳазгардонии техникии корхонаҳои савдо дода шуд. Муайян карда шуд, ки дар корхонаҳое, ки меҳнати дастӣ 50%-ро ташкил мекунад, зиёдшавии арзиши воситаҳои истеҳсолии асосӣ ба сад метри квадратии масоҳати савдо тақрибан ба 10-25% зиёдшавӣ ба мушоҳида мерасад. Зариби меҳнат ва кори дастиро истифода бурда, мо потенсиал ва захираҳоро ба дурнамои механизатсия ва автоматикунонии равандҳои савдою истеҳсолӣ дар шабакаҳои шаҳри Хуҷанд муайян намудем.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксари корхонаҳои савдо мошину таҷҳизот аз даҳ сол зиёд истифода бурда шуда, аз 60 то 75 %-ро ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин, мо чунин меҳисобем, ки онҳоро бо мошин ва таҷҳизоти нави муосир иваз кардан зарур аст. Аммо ҳангоми гузаронидани таҳлили мӯҳлати таркиби мошину таҷҳизот аз рӯи баъзе намудҳо муайян карда шуд, ки вазни қиёсии азнавшавии онҳо дар соли охир тақрибан ба 15-20% зиёд шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳангоми таҳлили заминаи моддию техникӣ бояд андозаи мағозаҳо ва махсусияти онҳо ба инобат гирифта шавад. Ғайр аз ин, дар савдои озуқаворӣ натиҷанокии назаррасро дар шаҳри Хуҷанд универсамҳо ва дар савдои ғайриозуқа универмагҳо соҳиб мебошанд. Қайд

кардан зарур аст, ки универсамҳо аз рӯи технологияи расонидан ва фурӯши молҳо амал мекунад, ки дар онҳо усулҳои прогрессивии хизматрасонии харидорон ҷой дорад. Ғайр аз ин дар онҳо 30% зиёдтар коркард ба як метри квадратии масоҳати савдо ва 25% камтар хароҷотҳои муомилотӣ нисбат ба мағозаҳои хӯрокворӣ бо номгӯи универсалӣ муайян карда шудааст.

Аксари шабакаҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд пурра бо пешниҳоди маҷмӯии молҳои озуқаворӣи талабот ҳаррӯза таъмин карда мешаванд, ки имконияти камкунии хароҷоти вақти харидоронро ба харидкунӣ медиҳанд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки ҳиссаи оптималии универсамҳо тақрибан 70% аз масоҳати умумии ҳамаи мағозаҳои озуқаворӣи кишварро ташкил медиҳад.

Мо чунин меҳисобем, ки нақши бузургро барои фаъолият ва рушди гардиши моли чакана ва барои беҳтаркунии хизматрасонии харидорон ҷойгиркунии дурусти шабакаҳои савдо зарур аст.

Аз ҷониби мо муайян карда шуд, ки дар шаҳри Хуҷанд радиуси хизматрасонӣ аз рӯи молҳои талаботи ҳаррӯза дар аксарияти микроноҳияҳо аз 400-500 метр зиёд нест.

Дар умум беҳтаршавии хизматрасонии харидорон ва баландбардории самаранокии истифодабарии заминаи моддию техникӣ ба рушди шаклҳои пешрафти савдо мусоидат менамояд. Таҷрибаи савдои чакана дар шаҳри Хуҷанд нишон медиҳад, ки дар толорҳои савдои универмагҳо имконияти аз 20 то 30% зиёдтар ҷойгиркунӣ ва фурӯши молҳо нисбат ба мағозаҳои муқаррарӣ мавҷуд аст.

Солҳои охир фурӯши молҳо бо усули худхизматрасонӣ рушд ёфта истодааст, чунки вай имкон медиҳад, ки 15-20% вақти харидорон барои соҳибшавӣ ба мол ихтисор карда шавад.

Қайд намудан зарур аст, ки натиҷанокии максималиро дар мағозаҳои хӯрокаи худхизматрасонӣ ҳамон вақт ба даст овардан мумкин аст, ки агар ҳиссаи молҳои борбандишуда дар гардиши мол аз 90 фоиз зиёдро ташкил диҳад, дар борбандии саноатӣ бошад, на кам аз 80 фоиз.

Ҳолати воқеиро дар шаҳри Хуҷанд муқоиса намуда, мо муайян намудем, ки ҳиссаи фурӯши молҳо бо усули худхизматрасонӣ тақрибан 80%-ро ташкил медиҳад ва ин ба тавсияҳои ИИТ оид ба савдо қариб наздик аст.

Дар умум натиҷаи таҳлили заминаи моддию техникӣ имкон дод, ки захираҳо оид ба рушди афзоиши натиҷанокии истифодабарии заминаи моддию техникии савдои чакана ва ташаккулдиҳии хизматрасонии харидорон дар шаҳри Хуҷанд муайян карда шавад. Ҳам замон, мо чунин меҳисобем, ки истифодабарии имкониятҳои мавҷуда барои ташаккулдиҳии сохтори субъектҳои савдо, васеъкунии шабакаҳои универсамҳо ва универмагҳо, афзудани натиҷаи фаъолияти мағозаҳо муҳим аст

Мо, таҳия ва татбиқи стратегияи рушди инноватсионии савдои чаканаро самти афзалиятнок ҳисоб намуда, ҳамзамон ба захираҳои пешгуикунанда, ки онҳо бояд барои баландбардории самаранокии хизматрасонии савдо дар шаҳри Хуҷанд истифода шаванд, диққати махсус медиҳем.

Дар асоси таҳлили рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд, чунин гурӯҳҳои масъалаҳои афзалиятнок муайян карда шуд, ки ҳалли онҳо барои ноил гардида ба ҳадафҳои гузошташуда оид ба баландбардории самаранокии иқтисодию иҷтимоӣ ва хизматрасонии савдои чаканаи аҳолӣ мусоидат менамояд:

- ташаккулдиҳии таъминоти меъёрию ҳуқуқӣ ва ташкилии савдои чакана;
- рушди шаклҳои муосир ва ташаккулдиҳии шаклҳои хизматрасонии савдо, такмилдиҳии корхонаҳои амалкунанда;
- дастгирии таъминоти нархӣ ва дастрасии ҳудудии мол ва хизматрасонӣ;
- дастгирии рушди фарҳанг, инчунин сифати хизматрасонӣ дар савдои чакана.

Ба андешаи мо, ҳалли масъалаҳои номбаршуда ба баланд бардоштани самаранокии савдои чакана, рушди дастрасии нархии молҳо, зиёдшавии номгӯи сол ва сифати хизматрасонии савдо, афзоиши даромади корхонаҳои савдо, зиёдшавии даромадҳои андозӣ ва ғайраҳо оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, таҳлили аз ҷониби мо гузаронидаи рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд нишон медиҳад, ки ҳарчанд майлонҳои мусбӣ мавҷуд бошад ҳам, ҳанӯз муаммоҳои ҳалнашуда оид ба пурракунии молҳои истеҳсоли ватанӣ, инчунин соҳибшавӣ ба сатҳи баланди хизматрасонии савдои сокинон вуҷуд дорад.

## 2.2. Тамоюли рушди рақамикунонии равандҳои корӣ дар корхонаҳои савдои чакана

Дар шароити муосири пешбурди фаъолияти тиҷорат ва дарназардошти вазъи макромуҳит аксари субъектҳои хоҷагидор маҷбуранд, ки барои нигоҳ доштани мавқеи устувор дар бозор аз воситаҳои мухталиф истифода баранд. Маълум аст, ки самти фаъолиятро ба қонеъ гардонидани тақозои истеъмолкунандагон нигаронидан ва сатҳу сифати баланди хизматрасониҳои савдо дар ҳамаи зинаҳои муносибатҳои иқтисодӣ ташкил намудан зарур аст. Ҳамкории харидор ва субъекти савдои чакана дар худ маҷмӯи равандҳои бо ҳам алоқаманди ҳам савдо ва ҳам характери технологидоштаро таҷассум мекунад.

Самти асосии муҳити муосир, ки гузариши ҳамалоқамандиро ҳангоми хизматрасониҳои савдо муайян мекунад, ин имконияти ҳамкории ҳамаи иштирокдорони муносибатҳои иқтисодӣ дар муҳити рақамӣ мебошад. Истифодабарии технологияҳои рақамӣ, татбиқи босуръати онҳо дар фаъолияти субъектҳои савдо ба пайдоиши истилоҳи махсуси “рақамикунонӣ” мусоидат намуд.

Чӣ хеле, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ нишон медиҳад, баланд бардоштани сифат ва самаранокии равандҳоро дар соҳаи савдо тавассути татбиқи унсурҳои иқтисоди рақамӣ дар ин бахш ба даст оварда мумкин аст.

Дар шароити маҳдудияти масоҳатҳои савдо ва захираи молҳо субъектҳои соҳаи савдоро зарур аст, ки роҳҳои инноватсионии ташкили равандҳои савдою технологиро ҷустуҷӯ кунанд. Чунин воситаҳо ба коҳиши

харочот ҳангоми ичрои амалиётҳои хоҷагидорӣ мусоидат намуда, ба нигоҳ доштани мизоҷон ва мавқеи корхона дар бозор кӯмак мерасонанд.

Таҳлили ҳолати ҷорӣ нишон медиҳад, ки аз тарафи субъектҳои хоҷагидор ичрои як қатор шартҳо барои татбиқи пурраи хизматрасониҳои дахлдор зарур аст. Ба онҳо пеш аз ҳама дохил мешаванд: таъмини корхонаҳо бо таҷҳизоти муосири савдо, ки коркарди рақамӣ ва мубодилаи иттилоот, аз ҷумла барои таъмини амалиёти эквайринг ва истифодаи имкониятҳои низоми рақамии пардохтро ичро карда метавонанд.

Дуюм, зарур аст, ки инфрасохтори иттилоотӣ-технологӣ ва телекоммуникатсионӣ барои пешбурди фаъолияти савдо ташкил карда шавад. Ба сифати намуна, истифодабаи борхатҳои электронии нақлиётиро овардан мумкин аст. Чунин восита назорати ҷойивазкунии маҳсулотро таъмин намуда, ба раванди соддагардонии миқдори бузурги амалиётҳо оид ба бурда расонидани маҳсулот таъсир мерасонад.

Сеюм, омили махсус – ин коркарди ҳалли техникӣ оид ба ташкил ва идоракунии равандҳои савдою технологӣ барои субъектҳои хоҷагидор мебошад. Ба он автоматикунонии бизнес-равандҳо, истифодабарии таъминоии барномавии махсус барои пешгӯикунии фурӯш, татбиқи системаҳое, ки фаъолияти ба мизоҷнигаронидашудаи муассисаҳои савдоро дастгирӣ мекунанд, яъне таъмини самараноки маҷмӯи маркетингӣ, фурӯш ва хизматрасониҳои баъдифурӯшии харидоронро дохил кардан мумкин аст.

Системаҳои иттилоотии муосир имкон медиҳанд, ки бизнес-равандҳои дохилӣ ва берунии субъектҳои савдо такмил дода карда шаванд: идоракунии захираҳо ва номгӯйи молҳо мувофиқ гардонида шавад, механизми чандири нархгузорӣ ташкил карда шавад, муносибати тарафайн бо мизоҷон автоматӣ карда шавад. Дар натиҷа маблағгузорӣ ба технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки ҷараёнҳои савдо нисбатан саҳеҳтар идора карда шавад ва натиҷаи молиявӣ баланд бардошта шавад.

Дар баробари ин ба ҳисоб гирифтан зарур аст, ки технологияҳои инноватсионӣ на фақат бартариҳо, балки ҳамчунин хавфҳоро низ доранд.

Вазифаи асосӣ барои муассисаҳои савдо муҳофизати инфрасохтор ва иттилоот ба ҳисоб меравад.

Таҳлил ва мушоҳидаҳои мо нишон дод, ки аксари субъектҳои савдои чакана дар шаҳри Хуҷанд ба татбиқи технологияҳои инноватсионию рақамӣ машғул нестанд ва ё фаъолияти на он қадар самаранок доранд. Ба андешаи мо, сабабҳои асосӣ ин бехабар будан аз ин гуна дастовардҳо, надоштани маҳорат ва малака ва мавҷуд набудани захираҳо мебошад. Аксаран татбиқи технологияҳои рақамӣ ва инноватсияҳо барои роҳбарият мақсади аввалиндараҷа ба ҳисоб намеравад, чунки дониши онҳо оид ба имкониятҳои технологияҳои муосир маҳдуд аст. Илова бар ин, мумкин аст, ки дар роҳбарият маҳорати амалӣ доир ба татбиқи инноватсияҳо мавҷуд набошад.

Ҳалли ин масъалаҳо бояд аз рӯи якчанд самтҳо ба роҳ монда шавад. Сараввал, омодакунӣ ва такмили ихтисоси мутахассисоне, ки дар фаъолияти кориашон технологияҳои инноватсиониро истифода мебаранд. Дуюм, муҳайёкунии инфрасохтор. Дар шароити имрӯза дар шаҳри Хуҷанд иқтидорҳои ҳисобкунӣ, хизматрасониҳо оид ба ҳисобкуниҳои абрӣ, каналҳои алоқа маҳдуд аст. Бе мавҷудияти ин инфрасохтор технологияҳои рақамиро истифода бурдан ғайриимкон аст. Корҳои бисёреро доир ба рушди дастрасии фарохмавҷи интернет, таъминкунии баробарии рақамӣ анҷом додан зарур аст.

Новобаста аз мушкилоти мавҷуда, дар соҳаи савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд, дар самти рақамикунонии равандҳои савдою технологӣ баъзе пешравию тамоюлҳои мусбат низ ҷой доранд. Раванди рақамикунонии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана бештар дар шаклҳои муосири корхонаҳои савдо, ба монанди супермаркетҳо ба чашм мерасад.

Бо мақсади муайян намудани тамоюлҳои асосии раванди рақамикунонии бизнес-равандҳои корхонаҳои савдо, аз ҷониби мо таҳлили фаъолияти 3 супермаркете, ки дар бозори савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд алҳол мавқеи хос дорад гузаронида шуд (ҷадвали 2.3.). Инҳо ҶДММ “Амид”, ҶДММ “Анис” ва ҶДММ “Сабзина” ба ҳисоб мераванд.

Шабакаи супермаркетҳои АМИД шабакаи чаканаи босуръат рушёбанда дар шаҳри Хуҷанд, яке аз бузургтарин бозорҳои чаканаи озуқаворӣ дар Тоҷикистон бо иқтидори баланди баланди рушди минбаъда мебошад. Яке аз супермаркети шабакаи “Амид” аввалин супермаркет дар Тоҷикистон мебошад, ки соли 2005 дар шаҳри Хуҷанд кушода шудааст. Шабакаи супермаркетҳои “Амид” ба муштариён номгӯи васеи маҳсулоти озуқаворӣ, инчунин маҳсулоти ғайриозуқаро пешниҳод менамояд. Дар шароити имрӯза номгӯи маҳсулоти ширкат шумораи хеле зиёди молро дар бар мегирад.

Барои боз ҳам самараноктар фаъолият бурдан ва талаботи шабакаи афзояндаро таъмин кардан шабакаи супермаркетҳои “Амид” инфрасохтори иттилоотию коммуникатсиониро мунтазам такмил медиҳад. Ширкат нақша дорад, ки як қатор қарорҳои инноватсионии иттилоотию коммуникатсиониро ҷорӣ намояд, ки онҳо имкон медиҳанд талаботи харидоронро саҳеҳтар пешгӯӣ кунанд, самаранокии менеҷмент ва системаҳои идоракунии таъминотро баланд бардоранд.

Ҷадвали 2.3. Раванди рақамикунонии равандҳои савдо дар супермаркетҳои шаҳри Хуҷанд

| **Номгӯи супермаркетҳо** | **Равандҳое, ки рақамӣ гардонида шудаанд** | **Самаранокии гузариш ба равандҳои рақамӣ** | **Равандҳое, ки дар оянда бояд рақамӣ гардонида шаванд** | **Истифодаи замимаҳои мобилӣ ва барномаҳои компютерӣ дар фаъолияти рақамӣ** |
|---|---|---|---|---|
| **ҶДММ “Амид”** | Тамоми раванди гардиши мол рақамӣ гардонида шудааст, аз ҷумла касса, анбор, кор бо мизоҷон, кор бо таъминотчиён, музди меҳнат, ҳисоботи оморӣ, ҳисоботдиҳии андозӣ ва ғайра | Самаранокӣ пеш аз ҳама дар идораи гардиши мол, ҳисоботдиҳӣ, пешбурди назорат, фаъолияти оперативӣ, кам кардани миқдори кормандон дар бухгалтерия, сарфаи вақт ва ғайраҳо. Дар дилхоҳ лаҳзаи вақти шабонарӯзӣ бақияи молро ҳисоб кардан осон ва дастрас аст | Дар нақша аст, ки пеш аз ҳама нархномаи электронӣ татбиқ карда шавад. Инчунин сайти корхона низ сохта шуда истодааст. Дар давоми ду соли оянда ташкилкунии интернет-мағоза низ дар нақшаи мо ҳаст | Дар фаъолияти рақамии мо асосан таъминоти барномавӣ ва автоматизатсия пурра бо воситаи 1С:Бухгалтерия, “1С: торговля и склад” ва MS Excel ба роҳ монда шуда аст. |
| **ҶДММ “Анис”** | Ҳамаи раванди гардиши мол рақамӣ гардонида шудааст, аз ҷумла касса, анбор, кор бо мизоҷон, кор бо таъминотчиён, музди маош, ҳисоботи оморӣ, ҳисоботдиҳии андозӣ ва ғайра. | Самаранокӣ пеш аз ҳама дар идораи гардиши мол, ҳисоботдиҳӣ, пешбурди назорат, фаъолияти оперативӣ, кам кардани миқдори кормандон дар бухгалтерия, сарфаи вақт ва ғайраҳо. Дар кадом лаҳзаи вақти шабонарӯзӣ бошад “остатка” бардоштани мол осон ва дастрас аст. | Дар нақша аст, ки пеш аз ҳама рафи “ҳушманд” татбиқ карда шавад. Инчунин дар шабакаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама дар Фейсбук ва Инстаграм кушодани саҳифаи шахсӣ. Сохтани Интернет-мағоза, истифодаи барномаҳои шабакавӣ барои кор бо таъминотчиён | Дар фаъолияти рақамии мо барномаҳои 1С:Бухгалтерия, CloudShop, ОПСУРТ истифода бурда мешавад. |
| **ҶДММ “Сабзина”** | Раванди гардиши мол пурра рақамӣ гардонида шудааст, аз ҷумла касса, анбор, кор бо мизоҷон, кор бо таъминотчиён, музди маош, ҳисоботи оморӣ, ҳисоботдиҳии андозӣ ва ғайра | Самаранокӣ пеш аз ҳама дар идораи гардиши мол, ҳисоботдиҳӣ, пешбурди назорат, фаъолияти оперативӣ, кам кардани миқдори кормандон дар бухгалтерия, сарфаи вақт ва ғайраҳо. | Нархномаи рақамӣ ва рафи “Ҳушманд”. Ташкилкунии мағозаи электронӣ, ташкилкунии пардохт бо ёрии кортҳои электронӣ | Дар фаъолияти рақамии мо барномаҳои 1С:Торговля и Склад, SUBTOTAL ва MS Excel истифода бурда мешавад. |

Афзалиятҳои асосии рақобатии шабакаи супермаркетҳои “Амид” интихоби васеи молҳо ва имконияти тағйир додани он бо дарназардошти хусусиятҳои талабот дар ин ё он минтақаҳо мебошанд. Ширкат кӯшиш менамояд, ки харидоронро бо номгӯи васеи маҳсулот, аз ҷумла маҳсулоти қаннодӣ ва нимтайёр, инчунин маҳсулоти пайваста навшавандаи мавсимии озуқаворӣ ва маҳсулоти ғайриозуқаро пешниҳод намояд. Ширкат нақша дорад, ки низоми тамос бо харидоронро такмил диҳад, ки он имкон медиҳад, ки номгӯйи маҳсулоти мағозаҳоро ба талабот ва завқи сокинони минтақаи муайян мутобиқ карда шуда, инчунин рушди босуръати брендҳои худ ба даст оварда шавад.

Шабакаи супермаркетҳои Амид дар давоми 15 сол рушд ёфта, яке аз пешсафони бозори савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд маҳсуб меёбад ва аксари унусурҳои раванди “ҳаракати мол” дар ин ширкат рақамӣ гардонида шудааст, аз ҷумла хазина, анбор, кор бо мизоҷон, кор бо таъминотчиён, музди меҳнат, ҳисоботи оморӣ, ҳисоботдиҳии андозӣ ва ғайра,  ки ба фаъолияти он таъсири мусбат мерасонад.

Таҳлил нишон дод, ки самаранокии гузариши ин равандҳо пеш аз ҳама дар идоракунии гардиши мол, ҳисоботдиҳӣ, пешбурди назорат, фаъолияти оперативӣ, кам кардани миқдори кормандон дар бахши муҳосибот, сарфаи вақти кормандон барои иҷрои корҳо зоҳир гардид. Бояд қайд кард, ки рақамикунонии раванди идоракунии захираҳои мол ба ширкат имкон дод, ки ҳама вақт дар реҷаи “вақти воқеӣ” оид ба бақияи мол дар анбор маълумот дошта бошад.

Зимни гузаронидани пурсиши роҳбарияти ҶДММ “Амид” муайян гашт, ки дар ояндаи наздик ба нақша гирифта шудааст, ки барномаи “нархномаи электронӣ” татбиқ карда шавад. Ҳамчунин сомонаи корхона низ такмил хоҳад ёфт. Дар давоми ду соли оянда ташкили мағозаи электронӣ ё интернет-мағоза низ ба нақша гирифта шудааст.

Дар шабакаи супермаркетҳои “Амид” замимаҳои гуногуни мобилӣ, барномаҳои компютерӣ ва ғайраҳо дар фаъолияти рақамӣ истифода бурда

шуда истодаанд. Дар фаъолияти рақамӣ асосан таъминоти барномавӣ ва автоматикунонӣ пурра бо воситаи 1С:Муҳосибот, “1С: савдо ва анбор” ва MS Excel ба роҳ монда шуда аст.

Супермаркети “Анис” соли 2007 дар шаҳри Хуҷанд ба фаъолият оғоз кардааст. Яке аз супермаркетҳои пешсаф на фақат дар шаҳри Хуҷанд, балки дар тамоми ҷумҳурӣ буда, бо маҳсулоти баландсифат ва хизматрасонии худ шӯҳрат пайдо кардааст.

Дар шабакаҳои супермаркети “Анис” низ равандҳои ҳаракати мол ба технологияҳои рақамӣ гузаронида шудаанд, аз ҷумла кори хазина, анбор, кор бо мизоҷон, кор бо таъминкунандагон, пардохти музди маош, ҳисоботи оморӣ ва ғайра.

Самаранокии истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии гардиши мол, пешниҳоди ҳисобот, пешбурди назорат, коҳши шумораи кормандони ҳамаи категорияҳо инъикос ёфтааст.

Роҳбарияти  супермаркети “Анис” дар нақша дорад, ки равандҳои дигари савдою технологӣ, ба монанди “мизи савдои ҳушманд” татбиқ карда шаванд. Инчунин дар шабакаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама дар саҳифаҳои Фейсбук ва Инстаграмм саҳифаҳои махсуси супермаркет ифтитоҳ хоҳад ёфт. Дар назар аст, ки дарояндаи наздик интернет-мағоза ифтитоҳ гардад ва барномаи шабакавӣ барои кор бо таъминкунандагон таҳия ва истифода гардад.

Дар фаъолияти супермаркети “Анис” барномаҳои 1С:Муҳосибот, CloudShop, ОПСУРТ истифода мешаванд.

Супермаркети “Сабзина” соли 2006 кушода шудааст. Пештар ин шабакаи савдо бо номи “Оазис” машҳур буд, баъдан номи он тағйир дода шудааст. Супермаркет шабакаи савдои чакана буда, асосан дар шаҳри Хуҷанд мағозаҳои худро дорад.

Дар шабакаҳои супермаркети “Сабзина” низ мисли супермаркетҳои “Амид” ва “Анис” равандҳои ҳаракати мол, аз ҷумла кори хазина, анбор, кор

бо мизоҷон, кор бо таъминкунандагон, пардохти музди маош ва ҳисоботи оморӣ ба технологияҳои рақамӣ гузаронида шудаанд.

Натиҷаи истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии ҳаракати мол, пешниҳоди ҳисобот, пешбурди назорат, коҳши шумораи кормандони ҳамаи категорияҳо инъикос ёфтааст. Ҳама вақт оид ба бақияи мол дар анбор маълумот пайдо кардан мумкин аст.

Маъмурияти супермаркети “Сабзина” дар нақша дорад, ки дар оянда барномаҳои “нархномаи электронӣ” ва “мизи савдои ҳушманд”-ро дар фаъолияти худ ҷорӣ намояд.

Алҳол дар фаъолияти супермаркети мазкур барномаҳои 1С:Савдо ва Анбор, инчунин SUBTOTAL истифода бурда мешавад.

Ба андешаи мо, дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ истифодаи афзорҳои иқтисодию риёзӣ ва оптимизатсионӣ дар раванди идоракунии соҳаҳои дар низоми иқтисодиёти миллӣ амалкунанда мебошад. Аз ҳамин хотир рушди ҳаматарафаи бахши хизматрасонӣ ба самаранокии корхонаҳои савдои чакана, маҷмааҳои тиҷортӣ низ алоқаманд буда ба коркард ва тавсияҳои дақиқу илман асоснокшуда вобаста мебошад, ки яке аз вазифаҳои асосии таҳқиқоти мазкур мебошад. Амалияи фаъолияти корхонаҳои маҷмааҳои тиҷоратии савдои чакана ошкор намуд, ки рушди минбаъдаи онҳо ба омилҳои зерин:

- ҳаҷми гардиши маҳсулот, ҳаз. сомонӣ;
- ҳаҷми сармоягузорӣ ба технологияҳои рақамӣ, ҳаз. сомонӣ;
- ҳаҷми маблағгузорӣ ба рушди воқеии маҷмааи тиҷоратӣ, ҳаз. сомонӣ;
- ҳаҷми маблағгузориҳо ба технологияи Big Data ва омӯзиши талаботи истеъмолкунандагон, ҳаз. сомонӣ;
- шумораи кормандони маҷмааи тиҷоратӣ, нафар;
- базаи моддию техникии маҷмааи тиҷоратӣ, дасгоҳҳо, адад;
- захираҳои молиявии дар ихтиёри маҷмааи тиҷоратӣ буда, ҳаз. сомонӣ алоқаманд аст.

Омилҳои интихобгардида дар асоси таҳлили ҳаматарафа ва баҳои коршиносӣ асоснок менамояд, ки дар рушди минбаъдаи корхонаҳои савдои чакана коркарди амсилаи иқтисодӣ-математикӣ ва оптимизатсионии раванди пешниҳоди хизматрасонҳо мувофиқи мақсад буда имконият медиҳад идораи самаранок ва эътимодноки корхона дар давраи дарозмуддат ба роҳ монда шавад.

Функсияи мақсади амсилаи ба ҳадди аққал (максимум) расонидани даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои маҷмаи тиҷоратӣ:

$$F_{max} = \sum_{i=1}^{n}\sum_{j=1}^{m} X_{ij}\, P_{ij}, \qquad i = (\overline{1,n}\,); \quad j = (\overline{1,m}), \tag{2}$$

ки дар ин ҷо $X_{ij}$ – ҳаҷми пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳо аз ҷониби корхонаи тиҷоратӣ аз зергурӯҳи $j$-юми гурӯҳи $i$-юм, $n$ – шумораи гурӯҳҳои маҳсулот ва хизматрасониҳо, $\mathrm{i} = (\overline{1,n})$, $m$ – шумораи зергурӯҳҳои пешниҳодкунандаи маҳсулот ва хизматрасониҳо дар гурӯҳи $i$-юм $(i = \overline{1,n})$ ва $P_{ij}$ – арзиши маҳсулот ва хизматрасониҳо аз зергурӯҳи $j$-юми гурӯҳи $i$-юмро ифода мекунанд.

Маҳдудиятҳо оид ба истифодаи маҳсулот ва хизматрсонии маҷмаи тиҷоратӣ дар чунин шакл пешниҳод мегарданд:

$$\sum_{i=1}^{n}\sum_{j=1}^{m} X_{ij}\, C_{ijr} \le B_r, \qquad r = (\overline{1,R}); \; i = (\overline{1,n}\,); \; j = (\overline{1,m}), \tag{3}$$

ки дар ин ҷо $C_{ijr}$ – ҳаҷми воқеии захираҳо $r$ аз пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳо аз зергурӯҳи $j$-юми гурӯҳи $i$-юм $(\overline{1,R}), \mathrm{i} = (\overline{1,n})$, $\mathrm{j} = (\overline{1,m})$, $B_r$ – ҳаҷми маҳдудиятҳо барои истифодаи захираҳои маҳсулот ва хизматрасониҳо намуди $r$ $(r = \overline{1,R})$,

Маҳдудиятҳо ба тағйирёбандаҳои манфӣ.

$$X_{ij} \ge 0, \quad i = \overline{1,n}; \; j = \overline{1,m} \tag{4}$$

Шарҳи васеи масъала бо ишораҳо:

$X_i$ - ҳаҷми гардиши маҳсулот $j$;

$C_i$ - ҳаҷми сармоягузорӣ ба технологияҳои рақамӣ $j$;

$k$ - ҳаҷми маблағгузорӣ ба рушди воқеии маҷмааи тиҷоратӣ;

$l$ - ҳаҷми маблағгузориҳо ба технологияи Big Data ва омӯзиши талаботи истеъмолкунандагон;

$n_i$ - арзиши аслии маҳсулот то замони истифода намудани технологияҳои рақамӣ $r = (\overline{1, R})$;

$b_r$ - маҳдудияти захираҳои дар ихтиёри корхонаи тиҷорати буда $i = (\overline{1, n})$; $j = (\overline{1, m})$;

$a_j$ - шумораи кормандони корхон $j$;

$p_{il}$ - базаи моддию техникии корхона bi;

$g_l$ - захираҳои молиявии дар ихтиёри корхонаи тиҷорати буда $l$.

Барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда ба ҳадди ақал расонидани даромад аз пешниҳод маҳсулот ва хизматрасониҳои маҷмааҳои тиҷоратӣ дар идомаи таҳқиқот ба тарҳрезии зинаи навбати амсилаи оптимизатсионӣ диққат медиҳем. Мақсад аз таҳияи амсилаи мазкӯр дар баробари омӯзиши талабот таҳлили самаранокии он, хусусан шакли анъанавӣ ва муосири маҷмаи тиҷоратӣ бо дарназардошти имкониятҳои технологияҳои рақамӣ мебошад (ҷадвали 2.4.)

Ҷадвали 2.4.

Нишондиҳандаҳо барои гузаронидани ҳисобкуниҳои амсилаи оптимизатсионӣ*

| **Ифодаи мантиқии** | **Номгӯи маҳсулот ва хизматрасониҳо** | **Маҳдудият (ҳаз. сомонӣ)** |
|---|---|---|
| $X_{11}$ | Ҳаҷми маҳсулоти дар гардишбуда | 19 |
| $X_{21}$ | Ҳаҷми захираҳои маҳсулот | 11 |
| $X_{31}$ | Талботи ҳамарӯзаи истеъмолкунандгон | 4 |
| $X_{41}$ | Ҳаҷми фурӯши маҳсулот тариқи технологияҳои рақамӣ | 1,16 |
| Маҳдудиятҳо | | |
| $b_{11}$ | Захираҳои молиявии дар ихтиёри корхона, ҳаз. сомонӣ | 26,23 |
| $b_{31}$ | Захираҳои меҳнатӣ (шумораи кормандон), нафар | 32 |
| $b_{21}$ | Базаи модию техникии маҷмаи тиҷоратӣ, ҳаз. сомонӣ | 55 |

Дар идома варианти навбатии амсилаи оптимизатсиониро таҳия менамоем.

Ҷадвали 2.5.

Варианти оптималии ба ҳади ақал расонидани даромад

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **c=** | 2,60 | 4,50 | 6,90 | 7,50 | | | |
| | | | | | | **b=** | **y=** |
| **A=** | 4,50 | 3,00 | 2,90 | 8,00 | <= | 20,00 | 0,82 |
| | 3,20 | 1,50 | 3,80 | 2,40 | <= | 11,00 | 0,00 |
| | 1,10 | 2,00 | 1,00 | 1,00 | <= | 6,00 | 0,44 |
| | 0,23 | 0,27 | 0,96 | 0,11 | <= | 1,87 | 4,24 |
| | 6,00 | 4,90 | 8,00 | 7,00 | >= | 26,23 | 0,00 |
| | 8,00 | 11,00 | 6,00 | 7,00 | >= | 32,00 | 0,00 |
| | 15,00 | 12,00 | 13,62 | 13,50 | >= | 55,00 | 0,00 |

**Ҳал:**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | **max** |
| **X=** | 0,00 | 1,63 | 1,33 | 1,41 | **<c,x>=** | 27,06 |

***Сарчашма:** бо истифодаи пакети оптимизатсионии finplus иҷро карда шудааст.

Натиҷаи таҳлили амсилаи мазкур нишон медиҳад, ки варианти оптималӣ аз ҳисоби муодилаи зерин иҷро карда мешавад.

$$X = C_1X_{11}+C_2X_{22}+C_3X_{44}$$

Варианти оптималии амсилаи мазкур нишон медиҳад, ки барои ба ҳадди ақал расонидани даромад омилҳои интихобшудаи зерин: ҳаҷми маҳсулоти дар гардишбуда, ҳаз. сомон, ҳаҷми захираҳои маҳсулот, ҳаз. сомонӣ, талботи ҳамарӯзаи истеъмолкунандгон, ҳаз. сомонӣ, пешниҳоди фосилавии маҳсулот ва хизматрасонӣ ҳаз. сомонӣ таъсир мерасонад. Дар сурати ба як воҳид зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти дар гардишбуда, ҳаз. сомон функсияи мақсади амсила мувофиқи баҳодиҳи дуҷониба 0,82 воҳид таъсир мерасонад, дар сурати афзоиш ёфтани ҳаҷми захираҳои маҳсулот, ҳаз. сомонӣ ба як воҳид функсияи мақсади амсила ба 0,44 воҳид таъсир расонида ва дар ҳолати ба як воҳид афзоиш ёфтани пешниҳоди фосилавии маҳсулот ва хизматрасонӣ ба 4,24 воҳид зиёд мешавад. Ҳалати мазкур шаҳодат медиҳад, ки таъсири пешниҳоди фосилавии маҳсулот ва хизматрасонӣ, ки бо дарназардошти технологияҳои рақамӣ сурат мегирад нисбати дигар омилҳои интихобшуда зиёд мебошад. Барои ҳамин дар идомаии фаъолият маҷмаи

тиҷоратӣ бояд диққати асосиро ба пешниҳод хизматрасонӣ тариқи технологияҳои рақамӣ равона намояд.

Таҳлили талаботи истеъмолкунандагон нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза ниёз ба хариду фурӯши маҳсулот тариқи технологияҳои рақамӣ афзуда истодааст. Ҳамин тариқ амсилаи таҳиягардида собит менамояд, ки дар баробари дигар ҷӯзъҳои навъҳои хариду фурӯш алоқаҳои фосилавӣ низ яке аз роҳҳои баланд бардоштани фаъолияти самараноки маҷмаи савдо мегардад.

Қобили қайд аст, ки дар амсилаи таҳиягардида омилҳои ҷузъии раванди рақамикунонии корхонаҳои савдои чаканаро мавриди таҳлил қарор додан мумкин аст.

Инчунин, таҳлили маҷмӯӣ собит месозад, ки барои боз ҳам беҳтар шудани фаъолият беҳсозии базаи моддию техникӣ аз ҳисоби захираҳои молиявии дар ихтиёрӣ корхонаи савдо буда зарур мебошад. Ин тарзи амалкард ба тадриҷ боиси гузариш ба шакли нави муносибатҳои тиҷоратии корхонаи савдо мегардад, ки ба татбиқи технологияҳои рақамӣ алоқамандкии қавӣ дорад.

## 2.3. Арзёбии таъсири омилҳо ба раванди рақамикунонии савдои чакана

Бояд қайд кард, ки иқтисодиёти рақамӣ дар худ на фақат имкониятҳои ноилшавӣ ба самаранокии иқтисодӣ ва рушди технологиро дорад, балки хавфҳои муайянеро, ки бо киберҷиноятҳо вобаста мебошанд, ба миён меорад ва он дарёфти механизмҳои нави ба даст овардани амнияти иқтисодиро дар ҳамаи зинаҳои идоракунии иқтисодиёт тақозо дорад.

Истифодаи маҷмӯи технологияҳои муосир ва имкониятҳои нави ҷалбкунии харидорон, муайян кардан тақозои онҳо ва ташаккули арзиши иловашуда дар соҳаи муомилот мусоидат менамояд. Дар рақамикунонӣ моделҳои фаъолияти савдо тағйир, воқеияти виртуалӣ ва иловагӣ ташаккул

меёбанд, инчунин киберсистемаҳо ва платформаҳои рақамӣ дар савдои чакана сохта мешавад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар самти самаранок ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ – ин ошкор намудани омилҳо ва муайян намудани таъсири онҳо ба ин раванд мебошад.

Пеш аз ҳама мураккабӣ ва номуайянии омилҳоеро, ки ба савдои чакана дар шароити тағйироти рақамӣ ва ҳалли масоили амнияти иқтисодӣ таъсир мекунанд, қайд намудан зарур аст. Ин бо мавҷуд набудани заминаҳои таҳқиқшудаи назариявӣ ва методологии раванди рақамикунонии иқтисодиёти савдо ва баҳсталабии масъалаи баррасишаванда вобаста аст. Ба андешаи мо, омӯзиши омилҳое, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар оянда метавон онҳоро микдоран андозагирӣ карда шавад.

Бинобар ин мо чунин меҳисобем, ки ҳангоми интихоби омилҳое, ки дар шароити рақамикунонӣ ба савдо таъсир мекунанд,  методикаеро, ки барои арзёбии рушди иқтисоди рақамӣ дар асоси Индекси иқтисодиёт ва ҷомеаи рақамӣ (DESI) истифода бурда мешавад, шартан корбарӣ кардан мумкин аст .

Индекси иқтисодиёт ва ҷомеаи рақамӣ (DESI) дар мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо таҳия шудааст ва ҳисоб карда мешавад[54]. DESI таҳаввулоти рақамии кишварҳо ва сатҳи тараққиёти рақобатпазирии рақамиро инъикос намуда, индекси умумиро дар бар мегирад, ки ба таркиби он панҷ нишондиҳанда дохил мешавад: пайвастшавӣ; сармояи инсонӣ (малакаи рақамӣ); истифодаи интернет-хизматрасониҳо аз ҷониби аҳолӣ; ҳамгироии платформаҳои рақамӣ дар тиҷорат; хизматрасониҳои давлатии рақамӣ. Вобаста ба савдои чакана, масъалаи гузошташударо таҳқиқ намуда, чор омилҳои асосиро аз байни омилҳои дар боло зикршуда интихоб мекунем: пайвастшавӣ; сармояи инсонӣ (малакаи рақамӣ); истифодаи интернет-хизматрасониҳо аз ҷониби аҳолӣ; ҳамгироии платформаҳои рақамӣ дар тиҷорат.

---

[54] Куприяновский В.П. Розничная торговля в цифровой экономике/ В. П. Куприяновский, С.А. Синягов, Д.Е. Намиот, А.П. Добрынин, П.В. Куприяновский // International Journal of Open Information Technologies vol. 4, no. 7, 2016, P. 1-11.

1. Пайвастшавӣ маънои омӯзиши дараҷаи паҳншавии интернети фарохмавҷро дар назар дорад. Дастрасии баландсуръат ба маълумот шарти муҳими татбиқи инноватсияҳои рақамӣ ба соҳаи фаъолияти савдои чакана ба ҳисоб меравад. Дастрасӣ ба интернети фарохмавҷ, технологияҳои xDSL, пайвастшавӣ ба шабакаҳои телевизиони ноқилӣ, хатҳои ҷудошуда, шабакаҳои нахию оптикӣ, телевизионҳои моҳворавӣ ва технологияҳои дигари муосири пайвастшавиро дар назар дорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки аз рӯи нишондиҳандаи истифодаи интернети фарохмавҷ дар байни ҳамаи субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ корхонаҳои савдо пешсаф мебошанд (91,6%). Ҳамчунин аз рӯи суръати дастрасӣ ба шабака низ корхонаҳои савдои чакана дар сафи пешанд.

2. Сармояи инсонӣ (малакаҳои рақамӣ) мавҷудияти маҳорату малакаи рақамиро аз ҷониби кормандони корхонаҳои савдо барои истифодаи имкониятҳое, ки платформаҳо ва хизматрасониҳои рақамӣ дар савдои чакана пешниҳод мекунанд, дар назар дорад. Таҳлилу мушоҳидаҳои мо нишон медиҳанд, ки кормандони субъектҳои савдо таҷрибаи бой надоранд, дараҷаи маҳорат ва малакаи рақамии онҳо кофӣ нест ва он ба рақамикунонии соҳа таъсири манфӣ мерасонад.

Тахассуси кормандони субъектҳои савдо дар қисми иҷрои ӯҳдадории касбӣ дар бахши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои амалӣ намудани корҳое, ки фақат бо дастгирии инфрасохторҳои рақамӣ ва таъминоти барномавӣ алоқамандӣ доранд, маҳдуд мегардад. Барои ҳалли масъалаҳои нисбатан душвор дар самти истифодаи ТИК одатан кормандони ғайриштатӣ даъват мешаванд. Масалан, мутахассисоне заруранд, ки имконияти таҳияи низомҳо ва таъминоти барномавиро барои идоракунии раванди савдою технологӣ, web-порталҳои корпоративӣ (сомонаҳо ва замимаҳои мобилӣ), дастгирии техникии онҳоро дошта бошанд. Бинобар ин, суръати рақамикунонии савдои чакана аз ҳисоби мавҷуд набудани таҷриба ва тахассуси зарурии кормандон суст шуда, ҳалли саривақтии худро тақозо дорад. Дар робита ба ин, мувофиқи мақсад аст, ки ба стандартҳо ва нақшаҳои

таълимии муассисаҳои таҳсилоти олие, ки омодакунии бакалаврҳоро аз рӯи самти тиҷорат ба роҳ мондаанд, тағйирот ворид карда шавад ва фанни алоҳидаи “Технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана” ҷорӣ карда шавад.

3. Истифодаи интернет-хизматҳо аз тарафи аҳолиро пардохтҳо оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои онлайн нишон медиҳад. Омили зерин таъсири бузург дорад, зеро аз дараҷаи маърифат ё саводнокии рақамии харидорон аз бисёр ҷиҳат рушди тиҷорати электронӣ ва ташаккули муҳити рақамӣ вобастагӣ доранд.

Дар Тоҷикистон соли 2019 зиёда аз 65 %-и аҳолӣ интернетро истифода бурдааст, дастрасӣ ба шабакаи глобалиро 66,3 % аҳолӣ доранд. Дастрасӣ ба шабакаи ҷаҳонӣ асосан тавассути таҷҳизоти мобилӣ ва планшетҳо таъмин карда мешавад. Дар умум, ҳиссаи ками аҳолии кишвари мо шабакаи ҷаҳониро барои харидории мол ва хизматрасонӣ истифода мебаранд. Албатта дар ин самт иқтидори истифоданашуда мавҷуд мебошад. Шарти муҳим дар ин маврид дастрасии аҳолӣ ба интернети нисбатан арзон ва таҳияи замимаҳои мобилӣ аз ҷониби корхонаҳои савдои чакана мебошад.

4. Ҳамгироии технологияҳои рақамӣ дар тиҷорат омили назарраси рушди савдои чаканаи рақамӣ маҳсуб ёфта, дараҷаи “рақамнокшавӣ”-и савдои чакана, татбиқи амалии маҳсулоти рақамӣ, нақши ТИК дар раванди савдою технологӣ ва дурнамои онро нишон медиҳад. Боиси қайд аст, ки ояндаи корхонаҳои савдо аз бисёр ҷиҳат аз чунин технологияҳои пешрафта вобаста аст: блокчейн, тафаккури сунъӣ; ҳисобкуниҳои “абрӣ”; интернет-ашёҳо; алоқаи 5G[55].

Дар марҳилаи муосир сатҳи истифодаи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана аз дастовардҳои субъектҳои дигари фаъолияти соҳибкорӣ баландтар аст.

Ҳамин тариқ, мо таъсири омилҳои асосиро ба вазъи савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ баррасӣ намудем, ки ҳангоми таҳияи стратегияҳо

---

[55] Шнорр Ж.П. Развитие цифровых технологий в современном ритейле / Ж.П. Шнорр, Л.П. Наговицина // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. – 2018. – №. 5 (72). – с. 9 – 25.

ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавии рушди субъектҳои савдо ва ҳалли масъалаҳои амнияти иқтисодии кишвар ба назар гирифта шаванд.

Дар идомаи мақола, ба андешаи мо баррасии омилҳое, ки ба рушди босуботи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана монеъ мешаванд, ба мақсад мувофиқ аст.

Фаъолияти таҳқиқшавандаи корхонаҳои савдои чакана дар доираи раванди гузариши рақамӣ таҳти таъсири як қатор омилҳои манфӣ ва тамоюлҳои онро ташаккулдиҳанда ба амал омадааст. Новобаста аз пешрафту дастовардҳои муайян аз рӯи бисёр омилҳои рушди технологияҳо дар савдо, натиҷаҳои таҳқиқоти мо имкон дод, ки омилҳои асосии ба гузариши рақамӣ монеъшаванда муайян карда шаванд.

Аз рӯи ақидаи коршиносон монеаи калидӣ (асосӣ) дар роҳи татбиқи васеи технологияҳои рақамӣ ин мавҷуд набудани буҷети зарурӣ мебошад. Далели мазкур тасдиқи худро дар тамоюли баамаломадаи бахши нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодии фаъолияти корхонаҳо ёфтааст.

Омили дуюме, ки ба раванди рақамикунонӣ таъсири манфӣ мерасонад, ин мавҷуд набудани шароити иқтисодии устувор мебошад.

Мушкилоти иқтисодии дохилӣ ва берунӣ дар солҳои охир боиси пайдоиши номувозинатии вазъи бозор гашта, воқеияти навро дар савдои чакана муайян намуданд, ки дар он маблағгузорӣ ба технологияҳои рақамӣ ҳамчун воситаи асосии ҳалли муаммоҳо баромад накардааст. Омили асосии рушди соҳа дар солҳои охир дар пешбурди фаъолияти маркетингӣ, ки ба ҷалби истеъмолгарон барои ба даст овардани фоида нигаронида шудааст, ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, рақобати дар бозори савдои чакана шиддатёбанда ба субъектҳои савдо талаботи навро оид ба усулҳои таблиғоти маҳсулот ва ташкили ҷараёни савдо дар умум пешниҳод менамояд. Марҳилае фаро мерасад, ки усулҳои анъанавии баланд бардоштани ҳаҷми фурӯш ва васеъкунии доираи истеъмолкунандагон дигар ба кор намеояд ва ё ҳадди ақал иқтидори худро гум мекунанд. Дар воқеияти иқтисодии муосир ҳатто

стратегияи боздошти суръати баландшавии нархҳо самаранокии худро гум кардааст.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, бояд қайд кард, ки монеаи дигар дар самти татбиқи технологиҳои рақамӣ дар соҳаи савдо ин омода набудани субъектҳои савдои чакана ба гузариши рақамӣ мебошад. Албатта баъзе ширкатҳои нисбатан бузурги савдои чакана, алалхусус, дар шаҳрҳои нисбатан калон, тадриҷан технологияҳои навро дар раванди фаъолият татбиқ менамоянд, вале ба андешаи мо аксари субъектҳои савдои чакана бо сабабҳои гуногун то ҳол барои истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ на танҳо тайёр нестанд, балки таҷриба собит месозад, ки ҳавасманд низ нестанд.

Ба андешаи мо, монеаи ҷиддие, ки садди роҳи татбиқи самараноки технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана мебошад, масъалаи сатҳи пасти маърифат ё саводнокии рақамии кормандони корхонаҳои савдои чакана ба ҳисоб меравад. Дар воқеъ ин мушкилот хеле ташвишовар ба ҳисоб меравад. Мавриди қайд аст, ки ҳатто дар марказҳои бузурги савдо низ нарасидани кадрҳои баландихтисоси соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, бахусус барномасозон равшан ҳис мегардад. Аксари он технологияҳое, ки дар субъектҳои савдои чаканаи пешсаф, ба монанди супермаркетҳо истифода мешаванд, дар асл барномаҳои соддае мебошад, ки дар таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ солҳои тӯлонӣ истифода мешаванд.

Бинобар ин, зарур аст, ки дарояндаи наздик барои тайёр намудани мутахассисон оид ба таҳияи низом ва таъминоти барномавии идоракунии равандҳои савдо, коркарди web-порталҳои корпоративӣ ва дигар самтҳои технологияҳои рақамӣ диққати ҷиддӣ равона карда шавад.

Бо мақсади омӯзиш ва таҳлил аз ҷониби мо аз корхонаҳои савдои калонтарини шаҳри Хуҷанд – “Амид”, “Анис” ва “Сабзина” пурсишнома гирифта шуд. Натиҷаи пурсиш муайян намуд, ки 65%-и пурсуҷӯшудагон монеаи асосии рушди савдои чаканаро дар шароити иқтисоди рақамӣ дар маҳдуд будани буҷети корхонаҳо арзёбӣ намуданд, 45% дар мавҷуд набудани устувории молиявӣ, 25% дар сатҳи пасти маърифати рақамии коргарон, 20%

дар сатҳи пасти омодагии корхонаҳои савдо ба гузариши рақамӣ, 23% дар маҳдудиятҳои инфрасохторӣ, 55% дар мавҷуд набудани стратегияи таҳияшудаи рушди рақамии корхонаҳои савдо, 40% дар ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои мутобиқ шудан ба муҳити рақамӣ, 25% дар нокифоягии танзими меъёрӣ ва 10% омилҳои дигарро интихоб намуданд (ҷадвали 2.4, расми 12).

Ҷадвали 2.6.

Натиҷаи пурсишномаи роҳбарону кормандони корхонаҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд

| р/т | Номгӯи омилҳои монеъшаванда | Фоизи ҷавобдодагон, % |
|---|---|---|
| 1. | Маҳдуд будани буҷети корхонаҳо | 65 |
| 2. | Мавҷуд набудани устувории молиявӣ ва худкифоя набудани маблағгузорӣ дар ин самт | 45 |
| 3. | Сатҳи пасти маърифати рақамии коргарон | 25 |
| 4. | Сатҳи пасти омодагии корхонаҳои савдо ба гузариши рақамӣ | 20 |
| 5. | Маҳдудиятҳои инфрасохторӣ | 23 |
| 6. | Мавҷуд набудани стратегияи таҳияшудаи рушди рақамии корхонаҳои савдо | 55 |
| 7. | Ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои мутобиқ шудан ба муҳити рақамӣ | 40 |
| 8. | Нокифоягии танзими меъёрӣ | 25 |
| 9. | Дигар омилҳо | 10 |

Ҳамин тавр, таҳлили гузаронидаи мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои зеринро пешниҳод намоем:

- рушди бесобиқаи технологияи иттилоотӣ ва татбиқи васеи онҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, инчунин тамоюли наву назаррас дар бозори ҷаҳонии савдои чакана, гузариши ногузири савдои чаканаи ватаниро ба технологияҳои рақамӣ тақозо менамояд;




Расми 12. Натиҷаи пурсишномаи роҳбарону кормандони корхонаҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд

Ҳамин тавр, таҳлили гузаронидаи мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои зеринро пешниҳод намоем:

- рушди бесобиқаи технологияи иттилоотӣ ва татбиқи васеи онҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, инчунин тамоюли наву назаррас дар бозори ҷаҳонии савдои чакана, гузариши ногузири савдои чаканаи ватаниро ба технологияҳои рақамӣ тақозо менамояд;
- суръати гузариш ба технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои савдои чакана дорои тафовути ҷиддӣ буда, ба он омилҳои гуногун таъмири худро мерасонанд. Барои аксари корхонаҳо технологияҳои рақамӣ ҳамчун падидаи нав баромад мекунад ва роҳбарияти онҳоро зарурат пеш меояд, ки роҳу воситаҳои мутобиқ шудан ва таҳияи стратегияи вусъат бахшидани суръати воридшавӣ ба муҳити рақамиро ҷустуҷӯ намоянд;
- таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолнокии рақамии субъектҳои савдои чакана собит месозад, ки солҳои охир ҳавасмандии соҳибкорон дар ин самт чашмрас буда, фазои рақамӣ дар савдои чакана зери таъсири омилу тамоюлҳои мусбат тадриҷан фарохтар мегардад;

- новобаста аз мавҷуд набудани стратегияи рақамикунонӣ дар корхонаҳои савдои чакана, равандҳои гузариш зери таъсири омилҳои мухталиф, ба монанди коркардҳои инфиродӣ, дараҷаи омодагӣ, имконияти молиявӣ, хусусиятҳои фурӯши молҳо ва тамоюлҳои истеъмолӣ амалӣ шуда истодаанд;
- ба қатори монеаҳои асосӣ барои татбиқи технологияҳои рақамӣ нокифоя будани буҷети корхонаҳо, мавҷуд набудани устувории молиявӣ ва худкифоя набудани маблағгузорӣ дар ин самтро ворид кардан мумкин аст;
- раванди рақамикунонии савдои чакана ҳамчунин бо сабаби таҷрибаи кофӣ надоштани кормандон дар самти татбиқи технологияҳо нисбатан суст мебошад.

Ҳамин тавр, савдо тадриҷан ба соҳаи аз назари иқтисодиву иҷтимоӣ афзалиятнок табдил ёфа истодааст ва технологияҳои рақамӣ дар он татбиқ мегарданд. Ҳарчанд, ки гузариш ба технологияҳои рақамӣ воқеияти ҷаҳони муосир аст,  вале аксари корхонаҳои савдои чаканаи ҷумҳурӣ тағйиротро дар ин самт нав оғоз намудаанд. Бинобар ин, масъалаи омӯзиши таъсири омилҳо ба ин раванд зарурати таҳқиқи амиқро бо назардошти таҷриба тақозо менамояд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ РАВАНДИ РАҚАМИКУНОНИИ САВДОИ ЧАКАНА

## 3.1. Дурнамои рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд дар шароити иқтисоди рақамӣ

Тавре дар фаслҳои аввали диссертатсия қайд намудем, савдои чакана яке аз соҳаҳои зудрушдёбандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ буда, ҳолат ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоии он ҳам ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳам ба рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, бахусус бахшҳое, ки ба истеҳсоли молҳои истеъмолӣ машғуланд, таъсири бевосита ва фаъол мерасонад. Ин соҳаи иқтисодиёти миллӣ аз рӯи шумораи кормандон, ҳаҷми фаъолият ва ҳиссагузорӣ ба ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бахши асосӣ ба шумор меравад. Савдо ҳамчун сарчашмаи ворид гаштани воситаҳои пулӣ қисми назарраси буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллиро ташаккул медиҳад ва ба устувории молиявӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳлили мо оид ба рушди савдои чакана ва сатҳи хизматрасонии савдо ба истеъмолкунандагон дар шаҳри Хуҷанд нишон дод, ки новобаста аз пешравию дастовардҳо ва тамоюлҳои мусбат дар рушди иқтисодии он, ба андешаи мо, савдои чаканаи шаҳри зикршуда дар муқоиса бо шаҳрҳои калони кишварҳои ИДМ бо суръати суст рушд карда истодааст, ки ин зарурати таҳия ва татбиқи дурнамои рушди минбаъдаи онро ба миён меорад.

Аз таҳлилу мушоҳидаҳои мо бармеояд, ки дар низоми савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд, новобаста аз баъзе фарқиятҳо, чунин масъалаҳои ҳалталаби умумӣ вуҷуд доранд (расми 13):

- номукаммалии заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди савдои чакана;
- рушди нокифояи инфрасохтори савдои чакана ва мавҷуд набудани сатҳи зарурии рақобат дар савдои чакана;

- сатҳи нисбатан пасти салоҳияти касбии кормандон ва ҳайати хизматрасони корхонаҳои савдои чакана;
- номукаммал будани низоми ҷойгирсозии шабакаҳои савдои чакана, мавҷуд будани шаклҳои анъанавии шабакаҳои савдои чакана;
- суръати сусти навсозии заминаи моддию техникии корхонаҳои савдои чакана ва муҷаҳҳазонии онҳо;
- нобаробарии сатҳи рушди савдои чакана дар маркази шаҳрҳо ва атрофи он;
- нархи нисбатан баланди иҷораи корхонаҳои савдо, махсусан дар марказҳои нави савдо;
- сатҳи нокифояи истифодаи усулҳои муосири хизматрасонӣ ва сифати нисбатан пасти хизматрасонии савдо дар бозорҳо.

**Масъалаҳои ҳалталаби умумӣ дар низоми савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд** →

| |
|---|
| номукаммалии заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди савдои чакана |
| рушди нокифояи инфрасохтори савдои чакана ва Мавҷуд набудани сатҳи зарурии рақобат дар савдои чакана |
| Сатҳи нисбатан пасти салоҳияти касбии кормандон ва ҳайати хизматрасони корхонаҳои савдои чакана |
| Номукаммал будани низоми ҷойгирсозии шабакаҳои савдои чакана, мавҷуд будани шаклҳои анъанавии шабакаҳои савдои чакана |
| Суръати сусти навсозии заминаи моддию техникии корхонаҳои савдои чакана ва муҷаҳҳазонии онҳо |
| Нобаробарии сатҳи рушди савдои чакана дар маркази шаҳрҳо ва атрофи он |
| Нархи нисбатан баланди иҷораи корхонаҳои савдо, махсусан дар марказҳои нави савдо |
| Сатҳи нокифояи истифодаи усулҳои муосири хизматрасонӣ ва сифати нисбатан пасти хизматрасонии савдо дар бозорҳо |

Расми 13. Масъалаҳои ҳалталаби умумӣ дар низоми савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд

Таҳлили бозори савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд нишон медиҳад, ки рушди босуботи савдои чакана ба рақобатпазирии иқтисодиёти тамоми шаҳр ва ғанӣ гардонидани буҷети он таъсири мусбат мерасонад. Бинобар ин, ба андешаи мо, рушди минбаъдаи савдои чакана ва такмили сохтори он вазифаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравaнд.

Мо чунин меҳисобем, ки барои рушди самараноки савдои чакана дар ин шаҳр имкониятҳои зиёд мавҷуданд, ки бо афзун намудани шумораи умумии масоҳатҳои савдо, зиёд гардонидани вазни қиёсии шаклҳои муосири корхонаҳои савдои чакана, рушди рақобат дар байни субъектҳои савдо ва ғайраҳо вобастагӣ доранд.

Татбиқи ин имкониятҳо ба баланд бардоштани самаранокии савдои чакана, рушди дастрасӣ ба нархи молҳо, зиёдшавии номгӯи молҳо ва болоравии сифати хизматрасонии савдо, афзоиши даромади корхонаҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ оварда мерасонад.

Дар асоси таҳлили тамоюлҳои рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд, ба андешаи мо, афзалиятҳои зеринро муайян намудан мувофиқи мақсад мебошад (расми 14):




Расми 14. Афзалиятҳо дар рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд

1. Такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии ташкили савдои чакана;
2. Татбиқи шаклҳои муосири корхонаҳои савдо чакана;
3. Таъмини бехатарии молу хизматрасонӣ, риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт ва ҳимояи ҳуқуи истеъмолкунандагон;
4. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана.

Ба андешаи мо, дар асоси вазифаҳои дар боло зикршуда барои рушди дарозмуддати савдои чакана дар шаҳрҳои нисбатан калон ва рушдёфтаи ҷумҳурӣ ҳадафҳои зерини дурнаморо қайд кардан мумкин аст (расми 15 ):

- фароҳам овардани шароит барои таъмини рақобат дар байни субъектҳои савдои чакана тавассути ташаккули инфрасохтори рушдёфта, таъмини иттилоотии истеъмолкунандагон, ташаккули системаи мониторинги рушди савдо, такмили механизм ва воситаҳои сармоягузорӣ ва фаъолияти инноватсионии субъектҳои бозори истеъмолӣ;
- муайян кардани принсипҳо ва самтҳои афзалиятноки фароҳам овардани шароит ва механизме, ки ташаккули шаклҳои мутамаддини савдо ва рушди робитаҳои иқтисодиро бо истеҳсолгарони ватанӣ таъмин мекунанд, инчунин татбиқи технологияҳои муосири савдо;
- ташаккули низоми ягонаи танзими фаъолияти савдо дар ҳудуди шаҳрҳо, аз ҷумла такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии фаъолияти бозорҳо, рушди шакл ва усулҳои назорат ва ҳамоҳангсозӣ, инчунин механизми худтанзимкунии соҳаи савдои чакана;
- ташаккули нақшаи ҷойгирсозии шабакаҳои савдои чакана, ки дастрасии молу хизматрасониҳоро дар шаҳрҳои калон таъмин менамояд;
- фароҳам овардани шароит барои ташаккули савдои иҷтимоӣ, ки ба қишрҳои камбизоат, осебпазир ва имконияташон маҳдуди аҳолӣ равона карда шудааст;
- таъмини бехатарии молҳои фурӯхташаванда ва сифати хизматрасонӣ бо риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт, бахусус дар шароити паҳншавии бемориҳои сироятӣ, аз он ҷумла коронавируси навъи COVID-19;

- тақвият додани тадбирҳо ҷиҳати дастгирии давлатӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бозори истеъмолӣ.

**Ҳадафҳои дурнамо барои рушди дарозмуддати савдои чакана**

фароҳам овардани шароит барои таъмини рақобат дар байни субъектҳои савдои чакана тавассути ташаккули инфрасохтори рушдёфта, таъмини иттилоотии истеъмолкунандагон, ташаккули системаи мониторинги рушди савдо, такмили механизм ва воситаҳои сармоягузорӣ ва фаъолияти инноватсионии субъектҳои бозори истеъмолӣ

муайян кардани принсипҳо ва самтҳои афзалиятноки фароҳам овардани шароит ва механизме, ки ташаккули шаклҳои мутамаддини савдо ва рушди робитаҳои иқтисодиро бо истеҳсолгарони ватанӣ таъмин мекунанд, инчунин татбиқи технологияҳои муосири савдо

ташаккули низоми ягонаи танзими фаъолияти савдо дар ҳудуди шаҳрҳо, аз ҷумла такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии фаъолияти бозорҳо, рушди шакл ва усулҳои назорат ва ҳамоҳангсозӣ, инчунин механизми худтанзимкунии соҳаи савдои чакана

ташаккули нақшаи ҷойгирсозии шабакаҳои савдои чакана, ки дастрасии молу хизматрасониҳоро дар шаҳрҳои калон таъмин менамояд

фароҳам овардани шароит барои ташаккули савдои иҷтимоӣ, ки ба қишрҳои камбизоат, осебпазир ва имконияташон маҳдуди аҳолӣ равона карда шудааст

таъмини бехатарии молҳои фурӯхташаванда ва сифати хизматрасонӣ бо риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт, бахусус дар шароити паҳншавии бемориҳои сироятӣ, аз он ҷумла коронавируси навъи COVID-19

тақвият додани тадбирҳо ҷиҳати дастгирии давлатӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бозори истеъмолӣ.

Расми 15. Ҳадафҳои дурнамо барои рушди дарозмуддати савдои чакана

Дурнамои рушди савдои чаканаи шаҳр бояд таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба иҷрои ҳадафу вазифаҳои зикршуда, таъмини рушди савдои чакана ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба харидоронро пешбинӣ намояд.

Ба андешаи мо, ки дурнамои рушди шабакаҳои савдои чакана бояд чунин самтҳои асосии афзалиятнокро дар бар гирад (расми 16 ):

1) Такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди савдои чакана.
2) Таъмини сатҳи зарурии рақобат дар бозори истеъмолии шаҳри Хуҷанд барои субъектҳои савдои чакана.
3) Амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии нархии молу хизматрасонӣ.
4) Рушди иқтидори кадрии субъектҳои савдои чакана.
5) Дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурд дар савдои чакана.
6) Таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бозори савдои чакана.
7) Такмили низоми ҷойгирсозии шаклҳои корхонаҳои савдои чакана.




Расми 16. Самтҳои асосии афзалиятноки дурнамои рушди шабакаҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд

Бояд қайд кард, ки рушди корхонаҳои савдои чакана дар шаҳри Хуҷанд бидуни таҳия ва иҷрои маҷмӯи чорабиниҳо оид ба такмили муҳити меъёрию ҳуқуқие, ки дар доираи онҳо фаъолияти худро ба роҳ мондаанд, ғайриимкон аст.

Таҷрибаи ҷаҳонии рушди савдои чакана гувоҳӣ медиҳад, ки муносибатҳои бозорӣ дар ин соҳаи иқтисод қариб дар ҳама кишварҳо тибқи бо роҳу усулҳои мухталиф, аз он ҷумла меъёрҳои қонунгузорӣ танзим карда мешаванд. Илова бар ин, ҳоло танзими давлатӣ дар самти мусоидат ба рушди инноватсионии фаъолияти савдо пурзӯр шуда истодааст.

Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди савдои чакана дар ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои он ба талаботи муқарраршуда оид ба ташкили фаъолияти корхонаҳои амалкунандаи савдо тадриҷан такмил ёфта истодааст.

Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти субъектҳои савдои чакана асосан бо қонунгузории шаҳрвандӣ, қонунгузорӣ дар соҳаи ҳимояи рақобат ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон танзим карда мешавад.

Ҳадафи асосии такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд фароҳам овардани шароити баробар дар бозори истеъмолӣ барои ҳамаи субъектҳои савдо, новобаста аз шакли моликияти онҳо мебошад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф бояд заминаи ҳуқуқие муҳайё карда шавад, ки фаъолияти сармоягузориро оид ба ташаккули заминаи муосири моддию техникӣ; ҳифзи бозори молҳои истеъмолии шаҳрҳо аз маҳсулоти пастсифат, ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва фурӯшандагон, инчунин ҳуқуқҳои иҷтимоии кормандони соҳаи савдои чаканаро ҳавасманд намояд.

Ба андешаи мо, таъмини рақобати солим дар бозори истеъмолӣ омили муҳиме ба ҳисоб меравад, ки ба рушди шабакаи савдои чаканаи шаҳрҳо ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ мусоидат мекунад. Қонунгузории зиддиинҳисорӣ бояд дар асоси принсипҳои пешгирии

истифодаи мавқеи монополӣ дар бозор ва ҳавасмандгардонии рақобати озод такмил дода шавад ва риояи татбиқи он зери назорат гирифта шавад.

Бо мақсади пешгирии мавқеи инҳисорӣ ва афзоиши беасоси нархҳо аз ҷониби корхонаҳои савдое, ки мавқеи пешсафиро дар бозор доранд, бояд тадбирҳои муассир амалӣ гардонида шаванд ва ҳангоми ошкор намудани маҳдудияти рақобат, аз чораҳои пешбининамудаи қонунгузории зиддиинҳисорӣ истифода бурда шавад.

Таҷрибаи мамолики хориҷӣ нишон медиҳад, ки субъектҳои савдои чакана мавриди назорати доимӣ ва мониторинги мунтазами мақомоти зиддиинҳисорӣ қарор дода шудаанд. Маҳз назорати ҷиддии мақомоти ваколатдори давлатӣ барои нигоҳ доштани сатҳи зарурии рақобат дар байни субъектҳои савдо мебошад.

Таъмини рақобат барои рушди савдои чаканаи шаҳрҳо муҳим аст. Азбаски савдои чакана соҳаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ басо муҳим аст, механизми самараноки зиддиинҳисорӣ барои нигоҳ доштани рақобати солим дар савдои чакана зарур мебошад.

Яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини рақобат дар бозори истеъмолӣ гузаронидани мониторинги доимии нархҳо барои гурӯҳҳои молҳои дорои аҳамияти иҷтимоидошта ва андешидани тадбирҳои муассир барои пешгирии афзоиши беасоси нархҳо мебошад.

Бо мақсади мусоидат ба таблиғи маҳсулоти истеҳсолкунандагони ватанӣ, таҳияи механизми самараноки нархгузорӣ ба молҳои ғизоӣ, таъмин намудани аҳолии шаҳрҳо бо номгӯи васеи молҳо, шабакаҳои бевосита дастрас намудани маҳсулоти кишоварзӣ бо роҳи ташкили ярмаркаҳо зарур аст.

Натиҷаҳои таҳлилу мушоҳидаҳои мо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ҷомеа гурӯҳҳои қишрҳои осебпазир ва камбизоат ҷой доранд ва омили асосии муайянкунандаи рафтори онҳо дар бозор дастрасии нархи молҳо ба ҳисоб меравад, ки ҳалли ин масъала пеш аз ҳама кӯмаки иҷтимоии суғуртавӣ мебошад.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ нархи молҳо ва хизматрасонӣ озод мебошанд, ки сатҳи онҳоро таносуби тақозо ва арза дар бозори истеъмолӣ муайян мекунад. Дар ин росто пешниҳод мегардад, ки нархи маводи асосии ғизоӣ, ки дар бозори истеъмолии шаҳрҳо фурӯхта мешаванд, зери назорат гирифта шавад ва афзоши беасоси онҳо пешгирӣ гардад.

Ба андешаи мо, мақомоти ваколатдор бояд татбиқи лоиҳаҳои ташкили корхонаҳои савдои чаканаеро, ки ба хизматрасонии гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир равона карда шудаанд, дастгирӣ ва мусоидат намоянд. Инчунин мувофиқи мақсад аст, ки тадбирҳо оид ба фароҳам овардани шароит барои маъюбон ва дигар шахсони имконияташон маҳдуд дар корхонаҳои савдои чакана роҳандозӣ гарданд.

Мо чунин мешуморем, ки дар шаҳрҳои нисбатан калони ҷумҳурӣ, ба монанди Душанбе ва Хуҷанд зарурати ташкили низоми ягонаи омодакунӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо барои корхонаҳои савдои чакана ба миён омадааст. Барои тақвияти захираҳои кадрӣ дар соҳаи савдо, аз он ҷумла савдои чакана, бояд чорабиниҳои зерин амалӣ карда шаванд: гузаронидани таҳлили тақозо ва арза дар соҳаи савдо; ташкили ҷойҳои нави корӣ; ташаккули низоми таълим, омодакунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташкили семинарҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддат; ташкили озмунҳо ва чорабиниҳо, ки ба тақвияти нақши омили инсонӣ ва баланд бардоштани нуфуз ва самаранокии кори кормандон дар корхонаҳои савдо мусоидат мекунанд; таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ барои роҳбарони субъектҳои соҳибкории хурд дар шабакаи савдои чакана.

Ба андешаи мо, ба қатори чораҳои судманд оид ба рушди соҳибкории хурд дар соҳаи савдои чакана чунин амалҳоро дохил кардан мумкин аст (расми 17):

- гузаронидани таҳлили рушди корхонаҳои хурди савдои чаканаи шаҳрҳо;
- мусоидат дар ташкили ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо, ки манфиатҳои корхонаҳои хурдро дар савдои чакана намояндагӣ мекунанд;

- ташаккули низоми самараноки иттилоотию машваратӣ барои дастгирии соҳибкории хурд ва миёна тавассути гузаронидани мизҳои мудаввар, семинарҳо, конференсияҳо ва ғайра.




Расми 17. Чораҳои судманд оид ба рушди соҳибкории хурд дар соҳаи савдои чакана

Таҳлили бозори савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд нишон дод, ки дар соҳаи ҳимояи истеъмолкунандагон дар бозори молҳои истеъмолӣ, айни ҳол, масъалаҳои ҳалношуда бисёранд: маърифати пасти ҳуқуқии харидорон; огоҳии нокифояи истеъмолкунандагон оид ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо, сифат ва бехатарии молҳои истеъмолӣ; ҳамкории сусти истеъмолкунандагон бо мақомоти нозиротӣ ва танзимкунанда; паст будани тахассуси кадрҳо дар корхонаҳои савдои чакана ва ғайра.

Масъалаҳои болозикр ҳолати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро дар шаҳрҳо душвортар мекунанд. Вобаста ба ин, ба андешаи мо, бояд чунин масъалаҳо ҳаллу фасл гарданд (расми 18):

- ошкор ва бартараф намудани тамоюлҳои манфӣ дар бозори истеъмолӣ ва савдои чакана;
- ташкили курсҳои омӯзишӣ дар байни аҳолӣ оид ба ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон;
- такмили низоми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бозори савдои чакана;
- таҳкими ҳамкории байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон;
- ташкили низоми такмили ихтисоси мутахассисон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон.




Расми 18. Масъалаҳои ҳалталаби ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон

Ба андешаи мо, такмили низоми ҷойгирсозии намудҳои савдои чакана бояд чорабиниҳои зеринро дар бар гирад: мусоидат ба ташаккули инфрасохтори савдои чакана; таъмин намудани хизматрасонии баландсифат

ба мизоҷон; баланд бардоштани сатҳи таъминоти аҳолии шаҳр бо шаклҳои муосири корхонаҳои савдо; тадриҷан коҳиш ёфтани ҳиссаи савдо дар бозорҳо ва афзоиши ҳиссаи тиҷорат дар форматҳои муосири савдои чакана; табдил додани бозорҳои чакана ба марказҳои савдои муосир ва ғайра.

Ҳамин тавр, татбиқи самтҳои асосии дурнамои рушди савдои чакана ба баланд бардоштани самаранокии рушди савдои чакана ва таъмини сифати хизматрасонии савдо дар шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

## 3.2. Таҳияи стратегияи рақамикунонии корхонаҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли умумиҷаҳонии рақамикунонии фаъолияти иқтисодиро сарфи назар намекунад ва он аз як тараф – аз ташаббуси Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба зарурати баромади кишвар ба сатҳи пешрафтаи иттилоотонӣ ва рақамикунонӣ бармеояд ва аз тарафи дигар – тағйироти воқеие, ки иқтисодиёти миллӣ дар ҳамлу нақли бор ва мусофиркашонӣ, савдои чакана ва яклухт, маориф ва тиб, бозори меҳнат ва сармоя ба амал омадаанд, тасдиқи худро меёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд будани таҷрибаи мусбати истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионро ниҳодҳои иқтисодии босуръат рушёбанда, ба монанди тиҷорати электронӣ, интернет-банкинг, консепсияи ҳукумати электронӣ собит месозанд.

Бояд қайд кад, ки шаҳри Хуҷанд иқтидори бузургро дар самти ташаккули иқтисодиёти рақамӣ соҳиб аст ва таҳкурсии он соҳаҳои муқаррарӣ (саноат, сохтмон, нақлиёт, савдо ва хӯроки умумӣ), ки талаботи асосии ҳаётии инсониро таъмин мекунанд, ба ҳисоб меравад. Барои дастгирии рақобатпазирӣ дар ояндаи наздик онҳо бояд рушди комплексиро дар асоси таҳия ва татбиқи қарорҳои навтарин ва технологияҳои муосир, ки сифати нави раванди истеҳсолотро ташкил медиҳанд, соҳиб шаванд.

Дар асоси таҳлили таъсири мусбат ва хавфҳои истифодаи технологияҳои рақамии дар зербоби 1.2. муайянгардида, инчунин омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта дар самти рушд ва ҳавасмандгардонии рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ, ки дар зербоби 1.3. таҳлил карда шуд, чунин самтҳои афзалиятнокро дар раванди ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он қайд кардан мумкин аст (расми 19):




Расми 19. Самтҳои афзалиятноки гузариши иқтисодиёт ба технологияҳои рақамӣ

1. Таъмини заминаи меёрию ҳуқуқии гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ:

- санҷишу экспертизаи қонунгузориҳои ҷорӣ бо таъсиси минбаъдаи заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, ки ба тарҳи нави ҳамалоқамандии сохторҳои давлатӣ, муассисаҳои илмӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеа дар фазои рақамӣ (аз ҷумла, қонунгузорӣ оид ба истифодаи технологияи автоматикунонӣ,

роботикунонӣ ва истифодабарии тафаккури сунъӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт мутобиқ мешаванд;

- ҳавасмандгардонии корхонаҳо ва ва аҳолӣ ҷиҳати гузариш ба фазои рақамӣ; фароҳам овардани шароити мусоид барои корхонаҳое, ки раванди рақамикунониро оғоз кардаанд, тавассути бартарафкунии монеаҳои бюрократӣ ва маъмурӣ, пешниҳоди имтиёзҳои ҳуқуқӣ ва андозӣ (аз ҷумла, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба корхонаҳое, ки технологияҳои рақамиро таҳия, истеҳсол ва ё дар бизнес-равандҳои худ истифода мебаранд).

2. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи хизматрасониҳои давлатӣ:

- фароҳам сохтани шароит барои ҳамкории самаранок дар байни шаҳрвандон ва давлат тавассути татбиқи онлайн-хизматрасониҳо ҷиҳати муроҷиати бевоситаи шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ;
- ташаккул ва рушди воситаҳои тамос дар сомонаҳои ҳукуматӣ барои ҷалби имконпазири шаҳрвандон ба қабули қарорҳои идоракунӣ;
- такмили сомонаҳои мақомоти ҳукуматӣ барои бартараф кардани монеаҳо оид ба баҳисобгирии зарурӣ ҷиҳати ҳисобкунии рейтинги байналмилалии нишондиҳандаҳо.

3. Рақамикунонии бахши воқеии иқтисодиёт:

- гузариш аз истеҳсолоти рақамӣ дар асоси истифодаи васеи низоми тафаккури сунъӣ ва технологияҳои абрнок, роботикунонӣ, татбиқи технологияҳои интернет-ашёҳо, коркарди маълумотҳои калонҳаҷм, инфиродикунонии истеҳсолот ва ғайра;
- истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ дар бахши кишоварзӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, коҳиши хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот, пешгирии таъсири манфӣ ба муҳити атроф;
- мувофиқгардонии истеҳсолот ва талаботи энергияи барқ тавсссути истифодаи васеи технологияи каммасраф ва энергияи барқароршаванда,

татбиқи консепсияи “шабакаи ҳушманд” (Smart Grid), таҳия ва татбиқи низоми ғайримутамаркази таъмини барқ;

- истифодаи тарҳи ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ барои маблағгузории рушди иқтисодиёти рақамӣ, рушди минбаъдаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, бартараф кардани як қатор зиддиятҳо ва монеаҳо, ки ба ҷалби маблағҳои хусусӣ халал мерасонанд.

Дурнамои саноати миллиро оид ба гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ арзёбӣ намуда, пешниҳод кардан мумкин аст, ки ҳалли масъаларо дар доираи татбиқи стратегияи рушд, ки моҳияти он дар рушди яквақтаи ду бахши иқтисод – анъанавӣ ва рақамӣ инъикос меёбад, соҳиб шудан мумкин аст.

4. Ташаккули инфрасохтори иттилоотӣ-коммуникатсионӣ

- таъмини дастрасии аҳолӣ ба компютерҳои фардӣ, коҳиши хароҷоти пардохти хизматрасонии алоқа дар ҳаҷми умумии хароҷоти истеъмолӣ;
- бартараф кардани нобаробарии рақамӣ тавассути таъмин ҳуқуқии расонидани хизматрасониҳои муосири алоқа дар маҳалҳои камаҳолӣ ва деҳот;
- ба шабакаи баландсуръати Интернет пайваст кардани ҳамаи объектҳои аҳамияти иҷтимоидошта (муассисаҳои тибботӣ, маориф ва фарҳанг), таъминкунии объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ (аз ҷумла, роҳҳои мошингард ва инфрасохтори роҳи оҳан) бо шабакаи алоқаи 4G;
- баланд бардоштани имконияти интиқолии шабакаҳои байналмилалии иҷозати фарохмаҷроӣ ба шабакаи Интернет;
- густариш ва рушди хизматрасониҳои иловагӣ дар заминаи хизматрасониҳои муқаррарӣ (иҷозат ба интернет ва телевизион) бо мақсади дар оянда паҳнкунии Интернет;
- таъмини сатҳи зарурии маъмулгардонии хизматрасониҳои электронӣ;
- ҷалби маблағгузориҳои шахсӣ ба инфрасохтори давлатии иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.

5. Рушди иқтидори инсонии иқтисодиёти рақамӣ:

- баланд бардоштани маърифати рақамии аҳолӣ, густариши заминаи иҷтимоии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;
- бозсозии низоми таҳсилот ва шуғл барои таъмини иқтисодиёт бо мутахассисони баландихтисос, ки ба тақозои давраи рақамӣ ҷавобгӯй аст;
- омодакунии коршиносон дар соҳаи иқтисодиёти рақамӣ барои мақомоти идораи давлатӣ;
- тақдиди назари барномаҳои таҳсилоти касбӣ ва такмили ихтисоси кормандон дар самти технологияҳои рақамӣ;
- вусъат бахшидани ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ бо сохторҳои соҳибкорӣ ва мақомоти давлатӣ;
- гузариши фарохи низоми таҳсилот дар ҳамаи сатҳҳо дар асоси таълими чандирӣ дар тӯли ҳаёт;
- рушди шуғли фосилавӣ, хизматрасониҳои фосилавӣ бо мақсади дастгирии фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ дар деҳот;
- таъмини имконияти татбиқи мутахассисони ватании болаёқат тавассути ташаккули платформаи ҳамкории донишҷӯён бо корфармо, ташкили шароити мусоид барои рушди стартапҳои технологӣ, қабули тадбирҳо оид ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ;
- коркарди барномаи ҷалби мутахассисон аз хориҷи кишвар барои барҳам додани норасоии кадрҳои баландихтисос дар самти татбиқи технологияҳои рақамӣ.

6. Таъмини кибербехатарӣ:

- таъмини кибербехатарӣ, аз ҷумла гузариш ба низомҳои нави биометрӣ ва бисёрзинагии бақайдгирӣ, гузариши давлат аз мавқеи ҳимоявӣ ва кор бо ҷустуҷӯи фаъол ва дарёфткунии хавфҳо;
- баланд бардоштани боварии шаҳрвандон ва сохторҳои тиҷоратӣ ба технологияҳои рақамӣ бо роҳи таъмини дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ҳангоми кор дар реҷаи онлайн, истифодаи самараноки ҳуҷҷатҳо ва ба роҳ мондани муомилот дар шакли электронӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои

истифодабарандагон ва истеъмолгарон, рушди замимаҳои боэътимод ва бехавф.

7. Ба роҳ мондани идеологии самараноки гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ:

- таҳия ва татбиқи стратегияи иттилоотонӣ ва баланд бардоштани нуфузи иқтисоди рақамӣ, технологияҳои рақамӣ ва хизматрасонии ҳукумати электроние, ки ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ тавассути Портали ягонаи хизматрасониҳои электронӣ пешниҳод карда мешавад;
- баланд бардоштании эътимоди ҷомеа ба тадбирҳои давлатӣ оид ба гузариши рақамии иқтисодиёт тавассути таъмини рушди бефосилаи ҳосилнокии меҳнат ва даромади аҳолӣ, суръатбахшии гузариши рақамии соҳаи тиб ва маориф, фароҳам сохтани муҳити мусоид барои зиндагии шоиста, коҳиши сатҳи камбизоатӣ.

8. Гузариши рақамии бахши хизматрасонӣ, аз он ҷумла савдои чакана.

Қайд кардан зарур аст, ки зарурати татбиқи фаъоли технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ ва такмили низоми он на фақат барои соҳаи истеҳсолот, балки барои бахши хизматрасонӣ, аз ҷумла барои савдои чакана низ мубрам аст.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳти таъсири рақобати афзуншудаистода технологияҳои рақамӣ ва инноватсияҳо ба омили муҳимтарини таъминкунандаи рушди устувори корхонаҳои савдо табдил ёфта истодаанд. Татбиқи технологияҳои рақамӣ ва инноватсияҳо имконияти истифодаи технологияҳои нисбатан мукаммал ва ташкили раванди савдою технологӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, таъмини муваффақият ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдоро медиҳад.

Зарурату аҳамияти татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд бо масъалаи баланд бардоштани самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана вобаста аст ва он дар шароити шиддатёбии рақобат торафт шадидтар мешавад. Маҳз татбиқи васеи технологияҳои муосир имкон медиҳад, ки истифодаи оқилона масоҳатҳои

савдо, таҷҳизот ва кормандони савдо ба даст оварда шуда, самаранокии баланди фаъолияти корхонаҳои савдо дар умум таъмин карда шавад.

Аммо дар шароити муосир чунин технологияҳо фақат аз тарафи баъзе аз шабакаҳои савдои чаканаи бузурги шаҳри Хуҷанд  (“Амид”, “Анис” ва “Сабзина”) ба таври маҳдуд истифода бурда мешаванд. Агар оид ба дигар субъектҳои савдои чакана сухан ронем, пас маълум мешавад, ки дар аксари онҳо технологияҳои инноватсионӣ ва рақамие, ки истифодаи самараноки масоҳатҳо, таҷҳизот ва кормандони савдоро таъмин менамоянд, амалан истифода бурда намешаванд ва ё дар сатҳи хеле паст истифода мешаванд. Хусусан ин ба нуқтаҳои савдое, ки дар бозорҳои шаҳр ва ошёнаҳои аввали биноҳои истиқоматӣ ҷойгир шудаанд, дахл дорад.

Ин ҳолат асосан бо он вобаста аст, ки аксарияти мағозаҳои шаҳри Хуҷанд  дар биноҳое ҷойгир шудаанд, ки онҳо ба талаботҳои муосир оид ба муҷаҳҳазгардонӣ, банақшагирӣ, таъминоти техникӣ ва ғайра ҷавобгӯ нестанд. Аксар ҳолат онҳо на дар ҷойҳои махсуси бо ин мақсад сохташуда, балки дар биноҳои муносибкардашуда, ки дорои сарҳадҳо ва монеаҳо барои ҳаракати мол, дарҳо ва гузаргоҳҳои танг, миқдори бисёри сутунҳо дар толори савдо ва ҳоказо фаъолият мебаранд. Ҳамаи ин имконият намедиҳад, ки таҷҳизотҳои муосири савдо ва технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёни ташкили раванди савдою технологӣ дар чунин мағозаҳо ба таври васеъ ва самаранок татбиқ карда шавад.

Дар чунин шароити баамаломада масъалаи бозсозии бисёре аз корхонаҳои савдои чакана бо мақсади такмилдиҳии фаъолияти онҳо дар асоси воридкунии фарохи технологияҳои инноватсионӣ мубрам мегардад, ки вай ба баландшавии назарраси самаранокии истифодабарии майдонҳои савдо, таъминкунии сарфаи меҳнати зинда ва баландшавии ҳосилнокии он имкон медиҳад.

Афзалиятнокии бозсозӣ ва азнавмусаллаҳгардии техникӣ дар баландшавии ҳаҷми гардиши мол бо хароҷотҳои камтарин ва суръати баланд нисбати сохтани объектҳои нав асоснок мегардад. Ҳангоми бозсозӣ сатҳи

техникии корхона (бо хароҷотҳои нисбатан кам ва дар мӯҳлати кӯтоҳ) баланд шуда, технологияҳои нав тезтар ворид ва фондҳои асосӣ беҳтар истифода бурда мешаванд.

Дар шароитҳои бамиёномада бозсозӣ бояд ба самтҳои асосии самаранокии истифодабарии базаи моддӣ-техникии корхонаҳои савдо табдил ёбад. Майдонҳои холишударо метавон ҳамчун қаҳвахона, бар, дискотекаҳо, толорҳои транежерӣ, билярдхонаҳо ва ғайраҳо истифода бурд. Ин бошад ба ҷалби аҳолӣ, хусусан ҷавонон мусоидат намуда, барои гузаронидани вақтҳои фориғи фарҳангӣ шароит ташкил намояд. Дар баробари ин, натиҷаи бозсозии базаи моддӣ-техникӣ нафақат самараи иқтисодӣ дар шакли даромад аз фаъолияти корхонаҳо, балки ҳамчунин самараи иҷтимоӣ низ шуда метавонад, ки он дар шакли беҳтаршавии хизматрасонӣ ва дар заминаи он баландшавии обрӯи корхонаи савдо зуҳур меёбад.

Ҳамин тариқ, масъалаи баландбардории самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана яке аз сабабҳои муҳими зарурияти воридкунии технологияҳои инноватсионӣ дар савдои чакана ба ҳисоб меравад. Зимни ин дар шароити муосир масъалаи баландбардории самаранокии иҷтимоии кори мағоза низ хеле муҳим мегардад, ки меъёри асосии он сифати хизматрасонии савдо ба ҳисоб меравад.

Хизматрасонии савдо – ин маҷмӯи унсурҳои фаъолияти савдои корхонаҳои савдои чакана оид ба фурӯши мол ва расонидани хизмат ба аҳолӣ мебошад, ки ба қонеъгардонии талаботи истеъмолӣ ва бадасторин фоида нигаронида шудааст.

Чи хеле, ки маълум аст, хизматрасонии савдои аҳолӣ дар савдои чакана бо ду ҷанба хислат дода мешавад-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ вазифаи хизматрасонии савдо ин суръатбахшии ҳаракати савдо, нигоҳдории миқдор ва сифати он аз истеҳсолот то истеъмолот, рушди гардиши савдои чакана мебошад.

Дар навбати худ, вазифаи иҷтимоии хизматрасонии савдо дар қонеъгардонии талаботи аҳолӣ, ташкилкунии талаботи онҳо ва баландбардории сатҳи ҳаёт ифода мегардад.

Унсури асосии хизматрасонии савдо ин мавҷудияти номгӯи бисёр ва сифати баланди доимии мол дар фурӯш, инчунин пешниҳоди маҷмӯи хизматрасониҳои ба харидор зарур, мебошад. Ин ба корхонаи савдо имконият медиҳад, ки контингенти доимии истеъмолгарон ташкил карда шавад, истеъмолкунандагони нав ҷалб карда шуда, аз пешбурди фаъолияти савдо даромади калон ба даст оварда шавад.

Ташкили дурусти хизмат ва сифати баланди он нуфузи корхонаи савдоро мустаҳкам менамояд, ба баландшавии сатҳи хизматрасонӣ ва зиёдшавии миқдори харидорони ҳавасманд мусоидат менамояд, ки вай дар навбати худ ба зиёдшавии ҳаҷми фурӯш, беҳтаршавии нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявӣ-иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Зимни ин, бе истифодабарии васеи инноватсияҳо дар ташкили раванди савдою технологӣ дараҷаи муосир ва рақобатпазири хизматрасонии савдоро таъмин кардан ғайриимкон аст. Сухан дар бораи воридкунӣ ва такмилдиҳии чунин инноватсияҳои дар таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ истифодашуда, ба монанди истифодабарии стандартҳои хизматрасонӣ, мерчандайзинг, менеҷменти категориявӣ, интернет-технологияҳо, брендинг ва ғайраҳо меравад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои рушди инноватсионии савдои чакана ҳамчунин сатҳи касбияти мувофиқи кормандон ва муносибатҳои инноватсиониро ба ташкили меҳнат талаб мекунад. Сатҳи пасти омодагии кормандонро ба қатори сабабҳои асосии монеъшавӣ ба татбиқи васеи технологияҳои инноватсионӣ дар савдои чакана дохил кардан зарур аст. Барои он, ки таҷҳизоти нав ва технологияҳои инноватсионӣ самаранок истифода бурда шавад, кормандони корхонаҳои савдо бояд дониш ва касбияти махсусро доро бошанд.

Аммо барои рушди инноватсионии савдои чакана фақат мавҷудияти кормандони баландтахассус кофӣ нест. Зарур аст, ки ташкили меҳнат ва ҳавасмандкунии кормандонеро, ки бо воридкунии технологияҳои инноватсионӣ машғуланд, мунтазам такмил дода шуда, усулҳои идоракунии нисбатан самаранок татбиқ карда шавад.

Зарур аст, ки таҷрибаи хориҷиро дар ин соҳа эҷодкорона қабул карда, онро ба воқеияти ватанӣ мутобиқ карда, истифода бурда шавад. Таҳқиқотҳои илмии ватанӣ оид ба масъалаҳои ҳавасмандгардонии кормандони савдо дар татбиқи фаъоли технологияҳои инноватсионӣ ва рақамӣ дар ҷараёни савдою технологӣ зарур аст.

Зикр кардан зарур аст, ки имкониятҳои воридкунии инноватсияҳо дар ҳамаи зинаҳои раванди савдо-технологии корхонаҳои савдои чакана ҷой дорад. Баъзе аз онҳоро муфассалтар дида мебароем.

Зинаи аввалини раванди савдою технологии корхонаҳои савдои чакана ин қабули мол аз рӯи миқдор ва сифат ба ҳисоб меравад. Дар бисёре аз корхонаҳои савдо то ҳол таҷҳизотҳои кӯҳнашудаи борфарорӣ истифода бурда мешавад, ки он ҷараёни қабули молро хеле суст мекунад. Барои ҳалли бомуваффақияти ин муаммо, дар корхонаҳои савдои чаканаи бузург, мувофиқи мақсад аст, ки аз таҷҳизотҳои муосир истифода бурда шавад, ки дар онҳо ҳамаи корҳо аз тарафи машинаҳо ва механизмҳо, бе иштироки боркунандагон иҷро карда шуда, тамоми амалиётро низоми мошинӣ вобаста аз барномаи воридшуда амалӣ менамояд.

Дар соддагардонии раванди қабул ва фурӯши минбаъдаи мол истифодабарии низоми штрих-кодиронӣ нақши бузург дорад ва он ба автоматикунонии раванди коркарди маълумот дар ҳамаи зинаҳои ҳаракати мол имкон медиҳад. Дар этикеткаи штрихкодӣ маълумоти гуногуни матнӣ (номи корхона, номи мол, истеҳсолкунандаи мол, мӯҳлати нигоҳдорӣ, нарх ва ғайра) ва графикӣ (масалан, логотипи ширкат) инъикос шуда метавонад.

Низоми штрихӣ ба принсипи кори компютерҳои кисагии портативӣ (низоми интегрironидашудаи Personal Digital Assistant) ворид карда шудааст.

Дар ин ҳолат корманди мағоза иҷозатро ба иттилоот оид ба мавҷудияти мол дар анбор соҳиб мешавад. Дар натиҷа роҳбарият ва кормандони мағоза имконияти қонеъгардонии дархостҳои харидорони аз ҳама серталаб ва ихтисоркунии раванди хизматрасонии онҳоро то ҳадди аққал пайдо мекунанд.

Технологияи кор бо истифодабарии низоми интегриронидашудаи Personal Digital Assistant чунин аст: фурӯшанда дар компютери фардии худ молеро, ки харидор маъқул кардааст, интихоб менамояд ва ба анбор бо нишон додани реквизитҳои зарурӣ фармоишро равона мекунад. Пас аз вақти хеле кӯтоҳ харидор моли талабкардаашро соҳиб мешавад. Ҳамин тариқ, раванди хизматрасонӣ босуръат ва ихтисор карда мешавад.

Зинаи муҳими раванди савдою технологии мағоза ҷойгиркунӣ ва намоиши молҳо дар толори савдо мебошад. Чи тавре, ки аз таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ бармеояд, дар ин зина имкониятҳои хеле васеи воридкунии технологияҳои инноватсионӣ вуҷуд доранд, ки онҳо банақшагирии оқилонаи ҷараёнҳои харидорӣ, соддагардонии иҷозат ба харидорон ба молҳои пешниҳодшаванда, сарфакунии вақти интихоби молро имкон медиҳанд. Ҳамзамон баландшавии гузариши имкониятии мағоза ва пасткунии хароҷотҳои меҳнати кормандони корхонаҳои савдои чакана ҳангоми пурракунии захираҳои молӣ дар толори савдоро соҳиб шудан мумкин аст. Дар ниҳоят, ҳаҷми фурӯши молҳо зиёд мешавад, ки он ба баландшавии самаранокии кори корхонаҳои савдои чакана мусоидат менамояд.

Яке аз чунин технологияҳои инноватсионӣ мерчандайзинг ба ҳисоб меравад, ки он ҷойгиркунӣ ва намоишдиҳии молҳоро дар толори фурӯш бо назардошти психологияи харидорон ва истифодабарии васеи рекламаи фаъол барои пешниҳоди мол  дар ҷойҳои фурӯш, мусиқӣ, хушбӯй, рангҳои мухталиф ва ғайраҳо дар назар дорад.

Ба сифати намунаи татбиқи бомуваффақи технологияи мерчандайзинг ширкати Adidas-ро номбар намудан мумкин аст, ки барои суръатдиҳии фурӯши молу маҳсулот дисплей ва лавҳаҳои интерактивиро истифода

мебарад. Масалан дар як қатор мағозаҳо ин ширкат девори виртуалии пойафзолро (Virtual Footwear Wall) бо идоракунии сенсорӣ насб намудааст. Дар рафи электронӣ харидор модели пойафзолро интихоб намуда, рангҳои зарурӣ ва параметрҳои мухталифро ворид мекунад, тасвирҳои ташкилшударо идора намуда, моли заруриашро ба таври муфассал дида мебарояд.

Ҳамчунин промоутери виртуалӣ, ки яке аз технологияҳои инноватсионӣ мебошад, ба сифати воситаи самараноки фаъолкунии фурӯши мол худро хеле хуб нишон дод. Промоутери виртуалӣ видеомодели промоутери зиндаро инъикос менамояд ва он бо истифодабарии технологияҳои нав омода карда шудааст. Промоутери виртуалӣ видеоэкран ва ё голограммаи проексионии тарҳи саҳеҳи инсони зиндаро такроркунанда мебошад. Промоутери виртуалӣ дар давоми рӯз дар толори савдо кор карда, ба ташрифкунандагон промотекстро бо сифати баланд мерасонад ва барои муаррифии хусусиятҳои моли пешниҳодшуда 3D графикаро истифода мебарад.

Технологиящои инноватсионии номбаршуда имконият медиҳанд, ки таблиғи мол ба харидорон хеле самарнок иҷро карда шавад.

Имкониятҳои васеи воридкунии технологияҳои инноватсиониро дар раванди савдо-технологии корхонаҳои савдои чакана барои ташкилкунии номгӯи оптималии молҳо истифода бурдан мумкин аст.

Дар шароити муосир масъалаи ташкилкунии номгӯи оптималии мол дар мағоза ба таври назаррас душвор шуда истодааст. Ин аз як тараф аз зиёдшавии номгӯи мол, пайдошавии маҷмӯи молҳои нав, бисёршавии миқдори таъминотчиён ва омилҳои дигар, аз тарафи дигар бо афзуншавии дархостҳои истеъмолкунандагон, ки торафт гуногуннамуд шуда истодааст, вобаста мебошад.

Барои ҳалли масъалаи оптимизатсияи номгӯи молҳои корхонаҳои савдои чакана (пеш аз ҳама шабакаҳои савдои чакана) аз барномаҳои компютерӣ истифода мебаранд, ки онҳо матритсаҳои номгӯии махсусро месозанд. Масалан, таъминоти барномавии KonSi Assortment Optimization

барои муайянкунии номгӯи оптималии молҳо дар ассортименти корхонаи савдо истифода бурда мешавад, ки он барои соҳибшавии натиҷаҳои баланд аз фурӯш ва банақшагирии харидҳо бо баҳисобгирии гардишнокии гурӯҳи молҳо амалӣ менамояд[56].

Яке аз усулҳои самараноки идоракунии номгӯи молҳо истифодабарии менеҷменти категориявӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он ҳар як категорияи молӣ ҳамчун бизнес-воҳиди мустақил дида баромада мешавад. Мақсади менеҷменти категориявӣ дар қонеъгардонии максималии талаботҳои харидорон ва ҳамзамон дар баландбардории самаранокии ҳмкорӣ байни харидор ва таъминотчӣ зуҳур меёбад. Ин раванд барои пайванди блокҳои мухталифи занҷири логистикӣ дар таблиғи мол зарур мебошад, ки дар он ҳар як категорияи мол ҳамчун бизнес-воҳиди мустақил ва асосӣ баромад менамояд ва дар гирди он тамоми нақшаи кории ширкати савдо ташкил карда мешавад ва он барои таъминкунии натиҷаҳои максималии молиявию иқтисодӣ равона карда шудааст.

Воридкунии технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи рекламавӣ-иттилоотии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана имкониятҳои калонро доранд. Дар олами имрӯза реклама барои таблиғи мол ва хизматрасонӣ хеле фаъолона истифода бурда шуда истодааст. Хусусан вай дар шабакаи Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ хеле паҳн шудааст. Зимни ин баннерҳо, овезаҳо, лавҳаҳои рекламавӣ ба нақши дуюмдараҷа гузашта истодаанд. Бинобар ин дар назди таълифгарони реклама вазифаи муҳимтарин меистад-баландбардории самаранокии реклама аз ҳисоби татбиққунии муносибатҳои инноватсионӣ ба ташкилкунӣ ва бурда расонидани он то истифодабарандаи ниҳоӣ.

Аз ҷумла, дар амалия бояд чунин коркардҳои инноватсионӣ, ба мисли ташкили рекламаи тасаввурӣ, истифодаи экстендерҳо, ситибордов, машъалҳои плазмавӣ, QR-кодҳо амалӣ карда шавад. Чунин коркардҳои

[56] Сарчашмаи интернетии http://www.assortment-analysis.ru/

инноватсионӣ дар соҳаи реклама, ба монанди 3D-тасаввурот, технологияҳои InDoor TV  ва X3D video ва ғайраҳо хеле васеъ истифода бурда мешаванд.

Имкониятҳои махсусро технологияҳои инноватсионӣ ҳангоми истифодабарии интернет-технологияҳо дар корхонаҳои савдо пайдо мекунанд. Аз сабаби он, ки табдилдиҳиҳои инноватсионӣ дар ин соҳа босуръат ба амал омада истодаанд, бо пайдоиши шабакаи Интернет гузариш аз низоми фурӯши анъанавӣ, ки бо омӯзиши дархостҳои якчанд гурӯҳи истеъмолкунандагон асос ёфтааст, ба низоми муносибати фардӣ бо баҳисобгирии талаботи ҳар як истеъмолкунанда (менеҷменти категориявӣ), ба назар расида истодааст. Интернет-технологияҳо ба корхонаҳои савдои чаканае, ки маълумоти пурраро оид ба мизоҷонашон дороанд, имкон медиҳанд, ки каналҳои фурӯши бевоситаро самаранок истифода бурда, хароҷотҳо ва арзиши молро барои истифодабарандаи ниҳоӣ паст кунанд.

Интернет-мағозаҳо ба таври назаррас хароҷотҳои истеҳсолкунандаро паст намуда, нигоҳдории мағозаи муқаррариро сарфа менамоянд, бозорҳои фурӯшро васеъ намуда, ҳамзамон имкониятҳои харидорро хеле васеъ менамоянд, яъне харидории мол дар вақти дилхоҳ, ҷои дилхоҳ, фасли дилхоҳ. Ҳамчунон имконияти мубодилаи тези иттилоот дар мувофиқа бо талаботи афзуншавандаи истеъмолкунанда, истифодабарии замимаҳои гуногун барои қулайшавии истифодабарии сомона аз тарафи харидор пайдо мешавад,  ки он ба интернет-мағозаҳо бартарии бешубҳаро дар назжи корхонаҳои савдои чаканаи муқаррарӣ медиҳад.

Имкониятҳои фарохи воридкунии технологияҳои инноватсионӣ дар раванди савдою технологӣ дар мисоли истифодабарии технологияҳои компютерӣ, ба монанди алоқаҳои электронӣ, алоқаи мобилӣ ва дигарҳо баръало ба назар мерасад. Ҳамаи онҳо имкониятҳои техникии таъминкунии сифати баланди хизматрасонии харидоронро баланд мебардоранд. Ҳангоми фурӯши мол ва хизматрасонӣ диққати махсус додан ба истифодабарии намудҳои мухталифи таҷҳизотҳои алоқаи электронӣ (планшетҳо, смартфонҳо) имконият медиҳад, ки ҳавасмандии харидорон баланд бардошта

шуда, самараи баланди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои корхонаҳои савдои чакана ба даст оварда шавад. Аз сабаби он, ки зиёда аз 65%-и ин истифодабарандагонро ҷавонон ташкил медиҳанд (одамоне, ки синну солашон то 30 буда, мутобиқшавии хеле баландро ба навгониҳо доро мебошанд), ҷараёни ташкилкунии фазои иттилоотии нави фурӯш бо суръати хеле баланд амалӣ мешавад[57].

Ташкили хизматрасонии харидорон яке аз зинаҳои асоситариниҷараёни савдо-технологӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он зарурияти воридкунии технологияҳои инноватсионӣ хеле равшан инъикос ёфтааст. Бо баландшавии сатҳи даромад дар аҳолӣ талабот ба сарфаи вақт, энергия ва қувва меафзояд. Истеъмолкунандагон вақтеро, ки барои ташкриф намудан ба мағоза сарф менамоянд, хеле қимат меҳисобанд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки молро дар мағозаҳои мусоид, супермаркетҳо, дар шабакаи Интернет харидорӣ намоянд ва ё аз рӯи каталогҳо фармоиш диҳанд.

Дар чунин вазъияти бавуқуъ омада  нигоҳдории мизоҷони доимӣ ва ҷалби харидоронро фақат тавассути истифодабарии фаъоли технологияҳои инноватсионӣ барои беҳтаршавии хизматрасонии истеъмолкунандагон ба даст овардан мумкин аст.

Татбиқи навгонии дилхоҳ танҳо дар мавриде ҷоиз аст, ки агар кормандони корхонаҳо тавъаманд бошанд ва ин далели раднопазир аст. чи хеле, ки маълум аст, истифодабарии инноватсияҳо ба тағйирёбиии шароит ва ташкили раванди меҳнат, пайдоиши омилҳои дигар, ки на ҳамеша аз тарафи кормандон ба таври мусбат қабул карда мешавад, оварда мерасонад.

Дар ин ҳолат зиддият ба миён меояд: аз як тараф, корхонаҳои савдои чакана ба рушди инноватсионӣ, ки самаранокии фаъолияти онро таъмин менамояд, ҳавасманд ҳастанд, аз тарафи дигар – кормандони корхона, ки рӯҳан ва асосан аз ҳисоби сатҳи нокифояи тахассусмандиашон воридкунии инноватсияҳоро дастгирӣ намекунанд. Барои бартарафкунии ин зиддият ҳангоми гузаронидани сиёсати кадрӣ зарур аст, ки чораҳои мушаххас оид ба

---

[57] Сарчашмаи интернетии http://b2bcg.ruru/2218-novye-formy-obsluzhivaniya-pokupayelei

мутобиқшавии психологӣ ва баландбардории сатҳи касбии коргарон коркард ва ҷорӣ карда шавад.

Бинобар ин гузаронидани семинарҳо ва тренингҳо хеле зарур аст, ки дар он кормандон истифодабарии самараноки технологияҳои инноватсиониро барои беҳтаршавии назарраси хизматрасонӣ ва баландшавии ҳавасмандии харидорон, меомӯзанд.

Ҳамин тариқ, масъалаи рушди босуръати фаъолияти рақамию инноватсионии савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд нақши махсусро соҳиб шуда истодааст. Ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва рақамӣ дар давраи муосир ба шарти муҳимтарини тараққиёти корхонаҳои савдои чакана ва баландбардории рақобатпазирии онҳо табдил ёфта истодааст. Ин раванд тағйиротҳои назаррасро дар ташкили таблиғ ва усулҳои фурӯши мол, такмилдиҳии усулҳои идоракунии ходимон ва технологияҳои инноватсионӣ, истифодабарии муносибатҳои навро дар ташкили хизматрасонии харидорон ва ҳоказоро дар назар дорад.

Пурзӯршавии рақобат корхонаҳои савдоро ҳавасманд мекунад, ки технологияҳои инноватсиониро барои нигоҳдории мавқеашон дар бозор ва соҳибшавӣ ба бартариҳои рақобатии дигар, коркард ва татбиқ намоянд.

Раванди ташкил ва воридкунии инноватсияҳо дар корхонаҳои савдои чакана ба баландшавии самаранокии иқтисодӣ-иҷтимоии фаъолияти онҳо равона карда шудааст, ки он дар беҳтаршавии назарраси сифати хизматрасонии савдо ва нишондиҳандаҳои молиявӣ-иқтисодӣ инъикос меёбад.

Татбиқи самтҳои афзалиятноки зикршуда муттаҳид кардани кӯшишҳои намояндагони соҳаи илм, хизматчиёни давлатӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва шаҳрвандонро тақозо менамояд.

Барои татбиқи амалии самтҳои афзалиятноки афзалиятҳои пешниҳодшуда бояд пайдаршҳамии чунин зинаҳо муайян ва риоя карда шавад:

Зинаи 1. Баррасии аҳамият ва оқибатҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар байни намояндагони илм, сохторҳои давлатию тиҷоратӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандони алоҳида бо истифодаи платформаҳои рақамии ҳамкории иҷтимоӣ.

Зинаи 2. Дар сатҳи давлатӣ амалӣ намудани тадбирҳо оид ба рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Зинаи 3. Рушд ва таҳкими инфрасохтори технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва бехатарии он, пурзӯркунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳа, автоматикунонӣ ва иттилоотонии минбаъдаи бизнес-равандҳо дар корхонаҳо.

Зинаи 4. Рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, ташаккули ҷомеае, ки маҳорат ва салоҳияти рақамии заруриро доро мебошад.

Зинаи 5. Татбиқи воқеии технологияҳои рақамӣ ба бахшҳои пешбари иқтисоди миллӣ, табдили корхонаҳо ба сохторҳои “рақамӣ”.

## 3.3. Ташаккули экосистемаи рақамӣ ҳамчун омили баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои савдо

Иқтисодиёт дар шароити имрӯза автоматикунонӣ ва иттилоотониро аз сар гузаронида, дар марҳилаи рақамикунонӣ қарор қарор дорад, ки мақсади он – пасткунии хароҷот ва беҳтаркунии идоракунӣ мебошад. Рақамикунонӣ ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсониро фаро гирифтааст, баъзе аз онҳоро бошад боз ҳам бештар. Савдо ҳамчун соҳаи фаъолияти инсонӣ, яке аз аввалинҳо шуда технологияҳои иттилоотиро дар фаъолияти худ татбиқ намуд ва ба дигар соҳаҳо низ онро мутбиқ намуд.

Технологияҳои бунёдие, ки асоси иқтисодиётро дар марҳилаҳои пешинаи гузариш ташкил менамуданд, ҷои худро ба технологияҳои амалӣ дар шакли платформаҳои рақамӣ дода истодаанд. Шумораи бисёри истифодабарандагон ва ҳамкорони тиҷоратиро пайваст намуда, онҳо экосистемаҳои томро ташкил намуданд.

Консепсияи экосистемаҳои корӣ нав нест. Соли 1993 Ҷеймс Мур ин ғояро аз ботаника ба бизнес ворид кардааст. Пас аз рақамикунонии ҳар як бити иттилоот ва озодшавӣ аз барандаҳои қоғазии иттилоот, муҳити ҷаҳонии тиҷорат ба шабакаи бо алоқаҳои дохилӣ сахт вобаста, табдил ёфт. Аз ҳисоботи “Бизнес-тренды»-е, ки аз тарафи Deloitte Consulting бармеояд: “Экосистема – ҷамъияти муттасил ва муштарак рушдёбандае мебошад, ки аз субъектҳои мухталиф иборат аст ва онҳо мазмуни навро дар ҷараёни ҳам ҳамкорӣ ва ҳам рақобат ташкил ва соҳиб мешаванд”.

Моҳияти экосистема ин табдилдиҳӣ мебошад. Экосистемаҳо мустаҳкам ва тобовар мебошанд, аммо хислати тағйирёбии дохилии доимиро соҳибанд. Дар ҳолате, ки ВАО, таъминоти барномавӣ, савдо ва ғайра ба самти инфиродикунонии аниқ равона шуда истодаанд, дигар системаҳо, масалан инфрасохтори технологӣ бозингарони хурдро фурӯ бурда, ширкатҳои бузургро таъсис дода истодаанд. Ин шаркатҳо ба муҳити атроф захираҳо, иттилоот ва платформаҳоро пешниҳод мекунанд. Аз рӯи маълумотҳои ҳисоботи қайдшуда экосистема барои ҳар як намудҳои бизнес, аз бизнеси хурд то бизнеси байналхалқӣ вуҷуд дорад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ба платформаҳои рақамӣ ва экосистемаҳо таърифи ягона дода нашудааст. Аксаран иштирокчиёни пурсидашудаи бозор дар зери мафҳуми экосистема маҷмӯи маҳсулоти пароканда ва хизматрасониҳо бо бренди ягонаро мефаҳманд. Ё масоҳатҳои кушодеро дар назар доранд, ки дар гирди онҳо шабакаи ҳамкороне ташкил карда мешавад, ки мизоҷон дар он метавонанд иҷрокунандаи дилхоҳро интихоб намоянд ва дар баъзе мавридҳо худашон иҷрокунанда шаванд.

Экосистемаҳои рақамӣ аллакай ба меҳвари рушди иқтисоди ҳушманд дар пойтахти ҷумҳурӣ табдил ёфтаанд. Бисёре аз технологияҳои экосистемавӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ ва шаҳри Хуҷанд, нисбат ба дигар шаҳру ноҳияҳо тезтар рушд ёфта истодаанд. Сокинони пойтахт аз технологияҳои рақамӣ фаъолона истифода бурда истодаанд ва он сифати

ҳаёти онҳоро беҳтар мегардонад. Ҳамзамон доир ба экосистемаҳои дар шаҳр фаъолиятбаранда таҳқиқотҳои бузург гузаронида нашудааст.

Барои фаҳмиши мафҳуми экосистема чунин таърифро дида мебароем: Экосистемаи рақамӣ - ин платформаи рақамии бисёрсамтаест, ки ба чунин меъёрҳо ҷавобгӯ аст: мавҷудияти инфрасохтори иттилоотию технологӣ, озод будан ба ҳамкорон ва принсипи win-win.

Ҷавоби мувофиқ ба гузариши талаботҳои иштирокдорони бозор ва рушди технологияҳо ин гузариш ба экосистемаҳо мебошад. Ташкилкунии экосистемаҳо аз рӯи чунин шартҳо ба миён меоянд:

1. Зарурати зуд ноил гаштан ба мол ва хизматрасониҳои гуногуни баландсифат дар маҷмӯъ бо хароҷоти камтарин ва тавассути шабакаҳои рақамии мусоид.
2. Баромад ба бозори ширкатҳои инноватсионие, ки хизматрасониҳои ба мизоҷнигаронидашударо пешниҳод менамоянд.
3. Рушди технологияҳое, ки ба ширкатҳо имконияти пешбурди ҳамкории пурмаҳсулро бо мизоҷон ва ҳамкорон пешниҳод менамоянд (рақамикунонии маҷмӯии бизнес, BigData-таҳлил ва API).
4. Омодагии насли Z нисбати таъминкунии ширкатҳо бо иҷозат додан ба маълумотҳои шахсӣ барои соҳибшавӣ ба пешниҳодҳои оптималии маҳсулотӣ ва коммуникатсияҳои инфиродӣ.

Аз нуқтаи назари бизнес-моделҳо дар бозор тамоюли гузариш аз консепсияи “ташкили классикӣ” ба “экосистема” вуҷуд дорад (расми 20).

Экосистема имконият медиҳад, ки доираи васеи талаботи иштирокдорон ва мизоҷон қонеъ карда шавад, чунки ӯ масоҳати рақамиест, ки бо ёрии он харидор метавонад хариди молу хизматрасониҳои гуногунро иҷро намуда, самараи синергетикиро ҳангоми истифодаи якҷояи онҳо соҳиб шавад.

Бартариҳои ин системаҳо:

- барои мизоҷон: “равзанаи ягона” барои хариди доираи васеи мол ва хизматрасонӣ; бартариҳои иловагие, ки ҳангоми истифодабарии ҳамҷояи якчанд мол ва хизматрасонӣ ташкил мешаванд;
- барои таъминотчиён: шабакаи иловагӣ – ҳамчун сарчашмаи баландбардории ҳаҷми фурӯш;
- барои “маркази экосистема”: баландбардории сатҳи даромади бехавф; баландбардории сатҳи ҳавасмандии мизоҷон вобаста аз пешниҳодкунии пешниҳоди маҷмӯӣ;

| **Дирӯз** | **Имрӯз** | **Пагоҳ** |
|---|---|---|
| **Ташкили классикӣ** | **Ташкили рақамӣ** | **Экосистема** |
| ▪ Ҳамкорӣ бо мизоҷон дар “**нуқтаҳои фурӯш ва хизматрасонӣ**” | ▪ **Шабакаҳои рақамии** фурӯш ва хизматрасонӣ (бе зарурияти ташриф ба шӯъба) | ▪ Пешниҳоди васеи маҳсулот ва хизматрасонии гуногун дар **“равзаи ягонаи рақамӣ”** |
| ▪ **Сатҳи пасти равандҳои автоматикунонӣ** | ▪ **Равандҳои рақамии end-to-end** | ▪ Муаррифии **Life-style ҳамкорӣ** барои мизоҷон |
| ▪ **Дараҷаи пасти чандирии** ташкилот дар мутобиқшавӣ бо тағйиротҳо | ▪ Платформаҳо ва фарҳанге, ки **мутобиқшавии чандирро ба тағйиротҳо** дар назар дорад | ▪ Платформае, ки имконияти **ҳамгироии чандирро бо ҳамкорон** (аз ҳисоби API) дар назар дорад |
| ▪ **Сатҳи пасти муносибати инфиродӣ** | ▪ Истифодабарии **таҳлили пешрафта** | ▪ **Самараи синергетикӣ** ҳангоми истифодабарии якҷояи якчанд молу хизмат |

Расми 20. Гузариш аз консепсияи “ташкили классикӣ” ба “экосистема”

Амаликунии гузариш аз консепсияи “ташкили классикӣ” ба “экосистема”-ро иштирокчиёни намудҳои гуногун иҷро карда метавонанд: бонкҳо; операторони алоқа; ширкатҳои тақсимкунанда; операторҳи туристӣ

ва ширкатҳои ҳавоӣ; шабакаҳои савдои чакана; ширкатҳои саноати дилхушӣ; автодилерҳо ва ғайра.

Дар шароити имрӯза рақамикунонии савдои чаканаро тағйирёбии хислат ва модели рафтори истеъмолкунандаи муосир муайян менамояд. аз ҷумла вай бо тағйирёбии муҳит – рушди босуръати технологияҳо, пайдоиши экосистемаҳои рақамӣ ва бизнес-моделҳои рақамӣ шарҳ дода мешавад. Масалан, харидорони имрӯза бештар қулайӣ ва тозагиро афзал дониста, ба сарфаи вақт кӯшиш менамоянд ва муносибати инфиродиро талаб мекунанд. онҳо барои соҳибшавӣ ба иттилоот технологияҳои рақамӣ ва шабакаҳои гуногунро хеле фаъолона истифода мебаранд. Дар умум рушди истеъмол ба назар мерасад, аммо роҳи истеъмолкунанда барои соҳибшавӣ бисёршабакавӣ шуда истодааст. Ин бошад ба зарурияти тағйиротҳо дар савдои чакана оварда мерасонад.

Соҳаи савдои чакана яке аз соҳаҳои ба инноватсияҳои мухталиф ҳассос буд ва боқӣ мемонад. Соли гузашта рақамикунӣ ва иттилоотонии савдои чакнаа суръати баландро соҳиб шуд ва имрӯз кормандони онро зарур аст, ки барои истифодабарии имкониятҳо ва дурнамоҳои нав, масъалаҳои зиёдеро ҳал кунанд. Мусаллам аст, ки вокуниши дуруст ва саривақтӣ ба ҳолати бозори муосири савдои чакана ба ширкатҳо бартариро нисбати рақибон медиҳанд.

Дар савдои чаканаи ватанӣ ва ҷаҳонӣ рушди доимии рақамикунонӣ ба назар мерасад. Ин аз он сабаб аст, ки истеъмолкунандагон ҳарчӣ бештар технологияҳои рақамиро истифода бурда истодаанд. Вобаста ба ин, барои бо афзалиятҳои онҳо мутобиқ шудан ва дар бозор рақобатпазир будан ҷорикунӣ ва табиқи технологияҳои рақамии муосир зарур аст. Дар шароити имрӯза дар бозори ватании савдои чакана тамоюлҳои калидӣ, ба монанди BigData, тафакури сунъӣ, воқеияти иловагӣ, блокчейн фаъолона татбиқ шуда истодаанд.

Такмилдиҳии рушди фаъолияти корхонаҳои савдо бо дастовардҳои навтарини илм ва техника, аз ҷумла технологияҳои нав, маҳсулотҳо,

воситаҳои алоқа, усулҳои нави идоракунии техникӣ ва ташкили, намудҳои нави хизматрасонӣ маъно надорад.

Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки гузариш ба усулҳои комилан нави менеҷмент истифодабарии ҳамҷояи захираҳо, аз ҷумла захираҳои иттилоотӣ ва идоракунии ғайримутамарказро имкон медиҳад.

Яке аз экосистемаҳои бузург интернет мебошад. дар он ҳаҷми бузурги иттилооте, ки ба ҳифз эҳтиёҷ дорад, мавҷуд аст. Бинобар ин, дастгирии системаи глобалии кушод ва эътимоднок вазифаи муҳимтарин ба ҳисоб меравад.

Экосистемаи рақамӣ ба беҳтаршавии таҷрибаи мизоҷӣ мусоидат намуда, ба сифати маҳсулот таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, дар муҳити муосире, ки дар он модели истеъмол ба тағйиротҳо мувоҷеҳ аст, табдилҳии рақамии равандҳои корӣ моҳияти навро соҳиб мегардад.

Ба андешаи мо, яке аз унсурҳои муҳими экосистемаи рақамӣ дар савдои чакана иқтидори кадрии корхона буда метавонад, ки масъалаи омода намудани онҳо дар шароити рақамикунонӣ хеле мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар шароити муосир савдои чакана нақши хеле бузургро мебозад. Чӣ қадар қонеъ будани талабот ба ин ё он мол аз дар кадом ҳолат ва дар кадом марҳилаи рушд қой доштани савдои чакана вобаста аст. Барои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти савдо на фақат доштани донишҳои назариявӣ дар соҳаи савдо, ки онро донишҷуён дар раванди омӯзиш дар  донишгоҳ аз худ мекунанд, балки маҳорати татбиқи он дар амалия, хусусан дар шароити гузариши иқтисодиёт ба рақамикунонӣ зарур аст.

Дар муассисаҳои таълимӣ мунтазам барномаҳое, ки барои ташкилкунии донишҳои назариявии зарурӣ дар донишҷӯён ва малакаи амалии корӣ бо технологияҳои иттилоотии муосир, соҳибшавӣ ба донишҳо ва рушди салоҳият, ки татбиқи фаъолияти касбиро дар соҳаи идоракунии корхонаҳои савдо таъмин менамоянд, коркард ва такмил дода мешаванд.

Дар шароити муосири гузариши рақамии иқтисодиёт ҳангоми омодакунии мутахассисон бояд диққати махсус ба ташкил ва рушди

салоҳияти рақамӣ дода шавад, ки он татбиқи фаъолияти касбиро дар самти идоракунии корхонаҳои савдо таъмин менамояд. Салоҳияти рақамӣ – истифодабарии боэътимод ва самараноки ТИК барои кор мебошад.

Ба андешаи мо, кормандони соҳаи савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ бояд дорои чунин салоҳиятҳо бошанд:

- маҳорати шинохтани равандҳои корие, ки унсурҳои иқтисоди рақамӣ шуда метавонанд;
- маҳорати баҳодиҳӣ ба омодагии соҳаи муайяни фаъолияти иқтисодӣ барои гузариши он ба муҳити иқтисоди рақамӣ;
- баҳодиҳии ҳолати бозори муайяни мол ва хизмат бо мақсади гузаронидани он ба соҳаи иқтисоди рақамӣ;
- тафаккури рақамӣ ва маҳорати рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ.

Ба доираи салоҳиятҳои мутахассис қобилияти истифодабарии усулҳои муосири идоракунии молия, татбиқи донишҳо дар самти интернет-технологияҳои инноватсионӣ, воситаҳои таҷҳизотии инноватсионӣ, технологияҳои интеллектуалии муосир барои ҳалли масъалаҳои касбӣ ва ғайраҳо бояд ҳамроҳ карда шаванд.

Кор карда тавонистан бо технологияҳои таҳлили маълумотҳои калонҳаҷм, технологияҳои мобилӣ, ҳисобкуниҳои абрӣ, технологияҳои Industrial IoT (Интернеташёҳои саноатӣ) низ зарур аст.

Дигаргуниҳо бо истифодабарии технологияҳои рақамӣ нисбат аз воридкунии қарорҳои технологӣ аз маданияти ташкилӣ ва кори кормандони алоҳида вобаста аст. Вазифаи аз ҳама мушкил дар ин ҳолат ин тағйирдиҳии образи фикрронии одамон ва омодакунии кормандон ба такмилдиҳии ширкат мебошад.

Истифодабарии барномаҳои амалии 1С, замимаҳои мобилӣ ва абрие, ки ширкати 1С пешниҳод менамояд, бартарии ҳақиқии гузариш ба технологияҳои навро нишон медиҳанд. Ин технологияҳо ба коркарди малакаҳои устувори истифодабарии маҳсулотҳои барномавӣ ва технологияҳои иттилоотии муосир дар фаъолияти касбӣ, хусусан рушди

салоҳиятҳое, ки амаликунии фаъолияти касбиро дар самти идоракунии корхонаҳои савдо таъмин мекунанд, мусоидат менамоянд.

Яке аз салоҳиятҳои нисбатан зарур дар иқтисоди рақамӣ истифодаи самараноки таҷҳизотҳои рақамӣ дар корхонаҳои савдо ба ҳисоб меравад. Микдори бисёри таҷҳизотҳои электронӣ ва таъминоти барномавӣ сохта шудаанд, ки бо ёрии онҳо корхонаҳо метавонанд баъзе аз равандҳоро автоматӣ карда, аксарати онҳоро содда намоянд. Технологияҳои муосир имконият медиҳанд, ки савдо дар режими онлайн иҷро карда шуда, ҳар як фурӯш дар нуқтаҳои савдои чакана дақиқа ба дақиқ пайгири карда шавад, бақия назорат карда шуда, ба тағйирёбиҳо фавран вокуниш нишон дода шавад. Бо ёрии технологияҳои муосир ташкилот метавонад ба таври фосилавӣ маҷмӯи омилҳоро таҳлил намояд, аз ҷумла, андозаи навбат, пуррагии рафҳо бо мол, ҳарорат дар яхдон ва ғайраҳо. Автоматикунонӣ ин имконияти ҳалли муаммоҳои ҳам фурӯшанда ва ҳам харидор аст. Маълумотҳои ба дастовардашуда ба беҳтаркунии сервис ёрӣ медиҳанд.

Барномаҳои соҳавии ERP-ҳои абрӣ торафт бештар талабгор шуда истодаанд – онҳо ба мувофиқаткунии максималии талаботҳо ба автоматикунонӣ барои корхонаҳои соҳаи мушаххас нигаронида шудаанд.

Ҳамгироии ERP-технологияҳо бо палтформаҳои e-commerce имконият медиҳанд, ки маълумотҳои гардиши мол бо сервери ERP, аз ҷумла маълумотҳо оид ба анборҳо, фармоишот, мизоҷон, дастраснамоӣ, номгӯи молҳо ва ҳисобҳо ҳамоҳанг карда шавад. Ҳамгироӣ имконият медиҳад, ки каталогҳо бо даҳҳо ҳазор мавқеи молҳо сохта шавад, тағйирёбии нархҳо ҳамоҳанг карда шавад ва дар асоси транзаксияи мағоза ҳисоботҳо дар ERP сохта шавад. Чунин ҳамгироӣ ба таври назаррас вақтро сарфа намуда, хавфҳоеро ки бо воридкунии дастии маълумотҳо вобастаанд минималӣ менамояд.

ERP-замимаҳои абрӣ бояд дар якчанд системаҳои амалиётӣ (iOS, Android, Windows) ва дар якчанд таҷҳизотҳои мобилӣ сабук насб шуда, кор кунанд. ERP-технологияҳои мобилӣ талаботи дастрасӣ ба маълумотҳоро

новобаста аз ҷои ҷойгиршавӣ ва идоракунии фосилавии равандҳои кориро таъмин менамоянд.

Қобилияти иҷрокунии идораи комплексии корхонаҳои савдо бо истифодабарии консепсияҳои ERP-низомҳои интеллектуалӣ зарур аст. ERP-низомҳо барои боз ҳама самараноктар ҳал кардани вазифаҳои кории душвор торафт тараққӣ ёфта истодаанд. ERP-низоми интеллектуалӣ нисбат ба ERP-низоми анъанавӣ имкониятҳои бештарро пешниҳод менамояд. Вай технологияҳои ҳисобкунии абрӣ, омӯзиши мошинӣ ва таҳлили интеллектуалиробарои соҳибшавӣ ба маълумотҳои саҳеҳ ва уникалӣ якҷоя менамояд. Тамоюлҳо дар бизнес гувоҳӣ медиҳанд, ки тафаккури сунъӣ таркиби ҳатмии ERP-низомҳоро ворид мешаванд.

Рағбати корхонаҳо ба технологияҳое, ки дар асоси блокчейн сохта шудаанд зиёд шуда истода, онҳо эҳтимолан дарояндаи наздик татбиқи худро дар ERP меёбанд. Аллакай намунаҳои истифодабарии блокчейнҳо дар ERP-низомҳо дар соҳаҳое, ки барои онҳо имконияти пайгирӣ зарур аст, вуҷуд доранд. Чунончи, истифодабарии реестри паҳншуда дар занҷири таъминот ояндадор ба назар мерасад.

Корхонаҳое, ки зарурати гузариши рақамиро тезтар дарк менамоянд, таҷҳизоти рақамиро дар фаъолияташон самараноктар истифода бурда, бо ҳамин  рақобатпазириашонро баланд мебардоранд.

Истифодабарии методикаҳои низомҳои муосири автоматикунонӣ, коркарди малакаҳои мустаҳками истифодабарии таъминоти барномавии муосир ва технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ, автоматикунонии раванди таълим бо истифодабарии “1С:Управление торговля”, “1С:ERP” ва дигар қарорҳои технологии ширкати 1С, аз ҷумла замимаҳои мобилӣ ва абрӣ ба ташкилшавии салоҳиятҳои рақамӣ ҳангоми омодакунии мутахассисони самти мазкур мусоидат намуда, ба талаботҳои имрӯзаи корхонаҳо, хусусан дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ ҷавобгӯ мебошанд.

# ХУЛОСА

### *А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

1. Низоми иқтисодии ҷаҳонӣ дар давраи гузариши бесобиқа рушд ёфта истодааст, ки сабаби асосии он баланд гаштани нақши технологияҳои пешқадам ва қарорҳои инноватсионӣ дар асоси дастовардҳои пешрафти илмию техникӣ мебошад. Ҷомеаи соҳибкорӣ ба марҳилаи нави рушди иқтисодиёт, ки онро ҳамчун иқтисодиёти рақамӣ ном мебаранд, ворид шуда истодааст. Иқтисодиёти рақамӣ ба ҷузъи ҷудонопазири ҳамаи бахшҳои ҳаёти ҷомеа табдил ёфта, ҳамчун сарчашмаи муҳими рушди иқтисодии минтақаҳо, кишварҳо, соҳаҳо ва намудҳои фаъолият баррасӣ мегардад [5-М; 11-М].

2. Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки рушди иқтисоди миллӣ ва ҷомеа аз бисёр ҷиҳат аз он вобаста аст, ки кишвари мо то кадом дараҷа технологияҳои рақамиро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт татбиқ менамояд. Барои ақиб намондан аз мамлакатҳои пешрафтаи рақамӣ, баланд бардоштани ҳиссаи иқтисоди рақамӣ ва рақамикунонии соҳаҳои муқаррарии иқтисоди ҷумҳурӣ талаб карда мешавад. Рақамикунонӣ ба муҳаррики рост, воситаи баланд бардоштани самаранокии иқтисоди миллӣ, замина барои лоиҳаҳои инноватсионии пешрафта табдил меёбад [1-М; 8-М; 9-М].

3. Дар таҳқиқот марҳилаҳои ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ муайян карда шуда, дар натиҷаи омӯзишу таҳлили нуқтаҳои назари олимону коршиносон таърифи муаллифии он пешниҳод карда шудааст. Ҳамин тавр, бо маънои нисбатан маҳдуд, иқтисоди рақамӣ ҳамчун зинаи сифатан нави рушди иқтисод дар заминаи истифодаи технологияҳои рақамӣ фаҳмида мешавад, ки дар доираи он субъектҳои хоҷагидорӣ тавассути Интернет мубодилаи иттилоотро амалӣ менамоянд. Дар навбати худ, ба маънои васеъ иқтисоди рақамӣ – тамоюли ҷории рушд, сатҳи нави ташкили на фақат муносибатҳои иқтисодӣ, балки ҳаёти ҷомеа, истеҳсолот ва ғайра мебошад, ки ба ҷузъи таркибии ҳамаи кишварҳо табдил ёфтааст [5-М; 10-М; 16-М].

4. Аз ҷониби муаллиф хусусиятҳои хос ва самтҳои асосии рақамикунонии равандҳои кории субъектҳои савдои чакана дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои хориҷӣ асоснок гардидааст. Қайд шудааст, ки дар савдои чакана дар фарқият аз дигар соҳаҳои иқтисодиёт, технологияҳои рақамӣ бояд нисбатан фаъолтар татбиқ шаванд, зеро ин раванд ба қонеъ намудани тақозои ҳар як истеъмолкунанда таъсир мерасонад. Ба андешаи муаллиф, зери мафҳуми иқтисоди рақамӣ дар савдои чакана фаъолияти иқтисодие фаҳмида мешавад, ки дар асоси технологияҳои рақамӣ ва ё қарорҳои рақамӣ, инчунин ташаккули бозорҳои виртуалӣ, савдои электронӣ, хизматрасониҳо ва пардохтҳои электронӣ амалӣ мегардад. Ба қатори технологияҳои рақамӣ автоматикунонии фаъолият, ҳисобкуниҳои “абрнок”, бизнес-таҳлили маълумоти калонҳаҷм, воқеияти виртуалӣ (иловашуда), ҳамкорӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, тафаккури сунъӣ, омӯзиши мошинӣ, роботкунонӣ ва дигар қарорҳои рақамиро шомил намудан мумкин аст [7-М; 12-М].

5. Дар таҳқиқот бо истифода аз усулҳои мухталифи таҳлили иқтисодӣ, арзёбии тамоюли рушд ва рақамикунонии равандҳои корӣ дар субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд амалӣ гардидааст. Муайян карда шудааст, ки ҷараёни рақамикунонӣ дар субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд доираи маҳдуди марказҳои нисбатан бузурги савдо ва равандҳои онҳоро фарогир мебошад. Аксари субъектҳои савдои чакана дар шаҳри Хуҷанд ба татбиқи технологияҳои инноватсионию рақамӣ машғул нестанд ва ё фаъолияти на он қадар самаранок доранд. Сабабҳои асосӣ ин бехабар будан аз ин гуна дастовардҳо, надоштани маҳорат ва малака ва мавҷуд набудани захираҳо мебошад. Аксаран татбиқи технологияҳои рақамӣ ва инноватсияҳо барои роҳбарият мақсади аввалиндараҷа ба ҳисоб намеравад, чунки дониши онҳо оид ба имкониятҳои технологияҳои муосир маҳдуд аст [2-М; 4-М].

6. Дар диссертатсия омилҳои асосии ба рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана таъсиррасон муайян карда шудааст. Пурсиши роҳбарон ва мутахассисони корхонаҳои савдои чаканаи бузургтарини шаҳри Хуҷанд –

“Амид”, “Анис” ва “Сабзина” нишон дод, ки ба сифати омилҳои монеашавандаи рушди рақамикунонии субъектҳои савдои чакана маҳдуд будани буҷети корхонаҳо, мавҷуд набудани устувории молиявӣ ва худкифоя набудани маблағгузорӣ дар ин самт, сатҳи пасти омодагии корхонаҳои савдо ба гузариши рақамӣ сатҳи пасти маърифати рақамии кормандон, маҳдудиятҳои инфрасохторӣ, мавҷуд набудани стратегияи таҳияшудаи рушди рақамии корхонаҳои савдо ва ғайраҳо баромад мекунанд [3-М; 6-М].

### *Б) Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот*

1. Дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки рушди савдои чаканаи шаҳри Хуҷанд бо дарназардошти рақамикунонии равандҳои он асоснок гардидаанд: такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии ташкили савдои чакана; таъмини сатҳи зарурии рақобат дар бозори истеъмолии шаҳр барои субъектҳои савдои чакана; амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии нархии молу хизматрасонӣ татбиқи шаклҳои муосири корхонаҳои савдои чакана; рушди иқтидори кадрии субъектҳои савдои чакана; дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурд дар савдои чакана; такмили низоми ҷойгирсозии шаклҳои корхонаҳои савдои чакана; таъмини бехатарии молу хизматрасонӣ, риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана ва ғ.

2. Дар диссертатсия ба сифати самтҳои афзалиятноки ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар шаҳри Хуҷанд чунин бахшҳо пешниҳод шудаанд: таъмини заминаи меёрию ҳуқуқии гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ; татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи хизматрасониҳои давлатӣ; рақамикунонии бахши воқеии иқтисодиёт; ташаккули инфрасохтори иттилоотӣ-коммуникатсионӣ; рушди иқтидори инсонии иқтисодиёти рақамӣ; таъмини кибербехатарӣ; ба роҳ мондани идеологии самараноки гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ; гузариши рақамии бахши хизматрасонӣ, аз он ҷумла савдои чакана.

3. Дар таҳқиқот асоснок шудааст, ки барои татбиқи амалии самтҳои афзалиятноки пешниҳодшуда бояд пайдаршҳамии чунин зинаҳо муайян ва риоя карда шавад: баррасии аҳамият ва оқибатҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар байни намояндагони илм, сохторҳои давлатию тиҷоратӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандони алоҳида бо истифодаи платформаҳои рақамии ҳамкории иҷтимоӣ; дар сатҳи давлатӣ амалӣ намудани тадбирҳо оид ба рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон; рушд ва таҳкими инфрасохтори технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва бехатарии он, пурзӯркунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳа, автоматикунонӣ ва иттилоотонии минбаъдаи бизнес-равандҳо дар корхонаҳо; рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, ташаккули ҷомеае, ки маҳорат ва салоҳияти рақамии заруриро доро мебошад; татбиқи воқеии технологияҳои рақамӣ ба бахшҳои пешбари иқтисоди миллӣ, табдили корхонаҳо ба сохторҳои “рақамӣ”; механизми рақамикунонии фаъолияти субъекҳои савдои чакана таҳия карда шуда, тавсияҳои амалӣ оид ба татбиқи онҳо пешниҳод гардидаанд.

4. Дар диссертатсия ба сифати омили муҳими баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои савдо ташаккули экосистемаи рақамӣ пешниҳод гардидааст. Дар дурнамои наздик рақамикунонии савдои чаканаро тағйирёбии хислат ва модели рафтори истеъмолкунандаи муосир муайян менамояд, аз ҷумла вай бо тағйирёбии муҳит – рушди босуръати технологияҳо, пайдоиши экосистемаҳои рақамӣ ва бизнес-моделҳои рақамӣ шарҳ дода мешавад.

5. Унсури муҳимтарини экосистемаи рақамӣ дар савдои чакана иқтидори кадрии корхона буда метавонад, ки масъалаи омода намудани онҳо дар шароити рақамикунонӣ хеле мубрам арзёбӣ мегардад. Дар шароити муосири гузариши рақамии иқтисодиёт ҳангоми омодакунии мутахассисон бояд диққати махсус ба ташкил ва рушди салоҳияти рақамӣ дода шавад, ки он татбиқи фаъолияти касбиро дар самти идоракунии корхонаҳои савдо таъмин менамояд.

6. Дар таҳқиқот пешниҳод шудааст, ки кормандони соҳаи савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ бояд дорои чунин салоҳиятҳо бошанд: маҳорати шинохтани равандҳои корие, ки унсурҳои иқтисоди рақамӣ шуда метавонанд; маҳорати баҳодиҳӣ ба омодагии соҳаи муайяни фаъолияти иқтисодӣ барои гузариши он ба муҳити иқтисоди рақамӣ; баҳодиҳии ҳолати бозори муайяни мол ва хизмат бо мақсади гузаронидани он ба соҳаи иқтисоди рақамӣ; тафаккури рақамӣ ва маҳорати рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ.

# РӮИХАТИ АДАБИЁТ

1. Абдрахманова Г.И. Что такое цифровая экономика? Тренды, компетенции, измерение [Текст] / Г. И. Абдрахманова, К. О. Вишневский, Л. М. Гохберг и др. - М. : Изд. дом Высшей школы экономики, 2019,- 82 с.
2. Авагян Ю.Г., Диянова С.Н., Авагян Э.Ю. Применение новой техники и технологий в торговле // Вестник ИМСИТ, 2016. - № 1.
3. Аналитическое исследование на основе экспертного опроса «Развитие инновационной составляющей экономики России: перспективы и роль экономической политики» Интернет-источник (http://www.buzdalin.ru/text/innovation_rus.pdf)
4. Андиева Е.Ю., Фильчакова В.Д. Цифровая экономика будущего, индустрия 4.0 // Прикладная математика и фундаментальная информатика. 2016. № 3. -С. 214-218.
5. Андреева О. Ю. Лидеры инноваций: потребители интернета вещей/ О. Ю. Авдеева, **Я.** К. Батуева. - Текст : непосредственный // Шумпетеровские чтения: материалы 4-й Международной научно-практической конференции. - Пермь: ПНИПУ, 2014. - № 48. - С. 89-94.
6. Арипов: Узбекистан вступил в этап цифровой трансформации // [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://ru.sputniknews uz.com/politics/20180204/7420594/Aripov-uzbekistan-vstupil-v-etap-tsifrovoy- ekonomiki.html / (дата обращения: 10.03.2018).
7. Ахметгареева, А.А. Разработка и внедрение инновационных технологий в систему управления предприятиями розничной торговли в условиях сетевизации международного экономического пространства [Текст] / А.А. Ахметгареева, Ю.С. Валеева, М.В. Ефремова О.В., В.А. Сайдашева, О.В. Чкалова. - Москва: КноРус, 2018. - 202 с.
8. Б.Паньшин. Цифровая экономика: Понятия и направления развития. Наука и инновации. №3 (193). Март 2019. С. 48-55.
9. Блондо Э. Инновации в розничной торговле [Текст] / Э. Блондо //

Бизнес-журнал. - 2005. - Вып. 4. - С. 15-21.

10. Бородин В. А. Интернет вещей - следующий этап цифровой революции / В. А. Бородин. - Текст: непосредственный // Образовательные ресурсы и технологии. - 2014. - № 2(5). - С. 178-181.

11. Бухт Р., Хикс Р. Определение, концепция и измерение цифровой экономики // Вестник международных организаций. - 2018. - Т. 13. - № 2. - С. 143-172.

12. В России 54% мобильных продаж совершаются в приложениях [Электронный ресурс]. - Режим доступа : https://www.shopolog.ru/news/v-ross//-54-mobil-nyh-prodazh- sovershayutsya-v-prilozheniyah/.

13. Валеева Ю. С. Управление эффективностью услуг розничных торговых сетей на основе клиентоориентированного подхода [Текст] / Ю. С. Валеева. - М. : КноРус,2018- 124 с.

14. Валеева Ю. С. Управление эффективностьюуслугрозничныхторговых сетей на основе клиентоориентированного подхода/Ю. С. Валеева. - Москва: КноРус, 2018.- 124 с.- Текст : непосредственный.

15. Ведута Е.Н., Джакубова Т.Н. Стратегии цифровой экономики // Государственное управление. Электронный вестник. - 2017. - № 63. - С. 43-66. URL:http://e-journal.spa.msu.ru/uploads/vestnik/2017/vipusk_avgust_2017_g./strateg//_zifrovoi_ekonomiki/veduta_dzhakubova.pdf (дата обращения: 30.05.2019).

16. Всемирный банк. Доклад о мировом развитии 2016 «Цифровые дивиденды». Обзор. - Вашингтон, округ Колумбия: Всемирный банк, 2016.

17. Головенчик Г. Г. Цифровизация Белорусской экономики в современных условиях глобализации. Монография. Минск. Издательский центр БГУ, 2019г. 259 стр.

18. Глухов В.В., Федоров Е.А. Промышленная политика как механизм стимулирования инновационной деятельности; монография. — Санкт-Петербург: Изд-во Политехнического университета, 2010. — 190 с.

19. Глэсс, Р. Торговля 4.0. Цифровая революция в торговле: стратегии, технологии, трансформация / Р. Глэсс, Б. Лейкерт - Москва : Альпина Паблишер,- 346 с. - Текст : непосредственный.
20. Гретченко А.И., Гарнов А.П. Тенденции развития малого бизнеса в России // Перспективы развития регионального потребительского рынка: Сборник материалов научно-практической конференции. Москва, 2016.
21. Грибанов Ю. И. Цифровая трансформация социально-экономических систем на основе развития института сервисной интеграции. Диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук. Спец. 080005. Санкт-Петербург. 2019. 355 стр.
22. Гулин К. А. О роли интернета вещей в условиях перехода к четвертой промышленной революции / К. А. Гулин. В. С Усков. - Текст : непосредственный // Проблемы развития территории. - 2017. - Вып. 4(90). - С.112-130.
23. Гуляева О.С., Гуляев Р.А. Виртуальная экономика и виртуальный капитал: концептуальный анализ // Вестник Тверского государственного университета. Серия: Экономика и управление. - 2016. - № 4. - С. 14-20.
24. Гумилевская Е. П. Инструменты клиентоориентированного менеджмента в магазине IKEA [Текст] / Е. П. Гумилевская // Развитие сферы услуг: стратегии, инновации, компетенции. Всероссийская научно-практическая конференция 26 марта 2019 г. : сборник трудов. - Нижний Новгород : Изд-во ННГУ, 2019. -
25. Д.Е. Намиот, В.П. Куприяновский, С.А. Синягов Инфокоммуникационные сервисы в умном городе // International Journal of Open Information Technologies. 2016. -Т.4-№4 С.1-9.
26. Деловой климат в оптовой торговле в IV квартале 2018 года [Электронный ресурс]. - М. : НИУ ВШЭ, 2018. - URL: https://issek.hse.ru/news/256531727.htm (дата обращения: 27.03.2019).
